МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА»

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 07: 659. 148. 4 (575.3)

НАВРӮЗШОҲИ ХОЛНАЗАРИ РАҶАБ

ИНЪИКОСИ МАВЗУЪҲОИ ТИББӢ ДАР БАРНОМАҲОИ СОҲАВИИ ТЕЛЕВИЗИОН

(дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе»)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессор
Муъминҷонов Зулфиддин

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.....4

МУҚАДДИМА.....5-14

БОБИ I. ИНЪИКОСИ МАВЗУЪҲОИ ТИББӢ ДАР ТЕЛЕВИЗИОН ТО СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....15-44

1.1. Таъсиси телевизион дар Тоҷикистон ҳамчун инъикосгари соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа.....15-31

1.2. Пайдоиши барномаҳои соҳавӣ ва соҳаи тиб дар Телевизиони тоҷик.....31-44

БОБИ II. ТАҲАВВУЛИ ТЕЛЕВИЗИОН ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....45-88

2.1. Ташаккул ва рушди телевизион дар замони Истиқлол.....45-60

2.2. Пешрафти технологии шабакаҳои телевизионӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.....60-74

2.3. Инъикоси васеи соҳаи тандурустӣ дар барномаҳои соҳавии телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе».....74-88

БОБИ III. ВИЖАГИҲОИ ЖАНРӢ ВА СОХТОРИИ БАРНОМАҲОИ СОҲАВИИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ДАР МАВЗУЪҲОИ ТИББӢ.....89-144

3.1. Жанрҳои иттилоотӣ инъикосгари рӯйдодҳои муҳимми соҳаи тандурустӣ.....89-106

3.2. Жанрҳои таҳлилӣ таҳлилгари мавзуъҳои тиббӣ.....106-121

3.3. Инъикоси корномаҳои шифокорон тавассути жанрҳои лавҳаву очерк ва эссе.....121-144

ХУЛОСА.....145-151

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....152-154
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....155-170

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ВАО – Воситаҳои ахбори омма

КМ ПК – Комитети марказии партияи коммунистӣ

МД – Муассисаи давлатӣ

РСС – Республикаи советӣ-сотсиалистӣ

СССР – Союз Советских Социалистических Республик (Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ)

ТВ – Телевизион

ШМА – Штатҳои мутаҳидаи Амрико

МУҚАДДИМА

Кори диссертатсионӣ ба пажуҳиши мавзуи инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Душанбе» бахшида шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Дар замони пурталотуми имрӯза ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ дар байни воситаҳои ахбори омма таваҷҷуҳи зиёди аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шабакаи дастрастарини электронӣ телевизион ба мушоҳида мерасад. Аксарият барномаҳои шабакаҳои телевизиониро тамошо мекунад. Шабакаи телевизионӣ яке аз сарчашмаҳои муҳимми иттилоърасонӣ ба шумор рафта, дар барқарории ваҳдату сулҳу оромӣ, тарбияи ватандӯстии аҳолӣ, инъикоси мушкилиҳои ҳаёти муосир, пешрафти соҳаҳои муҳим ва аз ҳама муҳимтар истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим мебозад. Бо ин сабаб, ба пажуҳиш кашидани мавзуи журналистикаи телевизион ва пешниҳодҳои мусбӣ барои боз ҳам беҳтар кардани фаъолияти он муҳим ба ҳисоб меравад.

Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон имконияти мусоид пайдо шуд, ки шумори шабакаҳои телевизионӣ зиёд гардад. Барои бинандагон имконияти мусоид фароҳам омад, ки дар баробари тамошои барномаҳои шабакаи телевизионҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон боз барномаҳои телевизионҳои мамлакатҳои хориҷиро низ мувофиқ ба завқи худ тамошо кунанд. Дар ин ҳолат бобати ҳимояи амнияти фазои иттилоотии кишвар аз ҳамагуна хабарҳои зарарноки телевизионҳои кишварҳои хориҷӣ лозим аст, ки рӯзноманигорони телевизионҳои Тоҷикистон бо касбият фаъолият намоянд, то ки бинандагони худро аз даст надиҳанд. Баҳри ин кор лозим аст, ки рӯзноманигорони телевизион вобаста соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ тарбия карда шаванд, то ки дар таҳияи барномаҳои соҳавӣ касбият нишон дода тавонанд.

Асри XXI-ро беҳуда асри иттилоот наменоманд. Зеро ҳамон мамлакате тараққӣ мекунад, ки сокинонаш аз рӯйдодҳои муҳимми ватаниву хориҷӣ бо

тезӣ бохабар мегарданд. Чунки хабари саривақтӣ тамошобинонро ба роҳи ободкорӣ раҳнамуд намуда, бо ин ба рушди соҳаҳои муҳимми ҷомеа сабаб мегардад. Дар ин бобат барномаҳои соҳавии шабакаҳои телевизионӣ, ба хусус аз байни онҳо барномаҳое, ки ба мавзуъҳои тиббӣ бахшида шудаанд нақши муҳим ва ҳалкунанда мебозанд. Зеро саломатии аҳолии ҳар як кишвар боигарӣ ва кафолати рушди он аст. Бинобарон, ба таҳқиқу баррасӣ кашидану интихоби мавзуи «Инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион (дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе»)» муҳим ва саривақтӣ ба шумор меравад.

Мавзуи тиббӣ байни мавзуъҳои дигар, яке аз мавзуъҳои асосӣ ва муҳим ба ҳисоб меравад. Барномаҳои телевизиониро бе истифодаи мавзуи тиббӣ нопурра, ноқис ва лозиму тамошобоб намегардад. Дар байни барномаҳои телевизионии ба мавзуъҳои гуногун бахшидашуда барномае, ки бештар таавҷҷуҳи тамошобинонро ба худ ҷалб менамояд, ин барномаи соҳавии ба мавзуъҳои тиббӣ бахшидашуда ба шумор меравад. Зеро ҳар як шахс чи дар ҳолати беморӣ ва чи дар ҳолати сиҳатӣ ҳамеша бобати саломатии хеш андеша мекунад ва мехоҳад, ки бештар бобати ҳифзи сиҳатии худ маълумот дошта бошад. То аз бемориҳо худро эмин нигоҳ дорад. Аз ин рӯ аз давраи пайдоиши телевизион дар Тоҷикистон 3 октябри соли 1959 дар байни аввалин мавзуъҳои муҳиме, ки кормандон дар ин расона таваҷҷуҳ намуда, барномаи соҳавӣ таҳия намуда буданд, ин мавзуи тиббӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳануз 16 ноябри соли 1964 яке аз нахустин барномаҳои соҳавӣ бо номи «Тандурустӣ» дар мавзуи тиббӣ манзури тамошобинони Телевизиони тоҷик гардонида шуда буд, ки аз тарафи бинандагон хуш қабул гардида, то ба имрӯз ин мавзуъ ба таври доимӣ дар шабакаҳои телевизионии ҷумҳурӣ ба таври васеъ инъикос мегардад, ки бинандагон онро бесаброна интизор мешаванд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии шабакаҳои телевизионҳои ватанӣ дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Душанбе» ва бо ин роҳ муайян кардани душвориҳову муваффақиятҳои журналистон боиси он мегардад, ки дар оянда

аз рӯйи тавсияҳои пешниҳодгадида, дар босифат таҳия намудану бо ин баланд бардоштани мавқеи барномаҳои соҳавӣ дар мавзуъҳои тиббӣ ба роҳ гузошта шаванд. Чунки таҳқиқи мавзуи инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба ин вақт ба алоҳидагӣ сурат нагирифтааст.

Дар натиҷаи омӯзишу таҳлил ва баррасӣ ошкор гардид, ки рӯзноманигорони телевизион ҳангоми таҳияи барномаҳои соҳавии тиббӣ ба норасоиҳо роҳ медиҳанд, ки дар натиҷа барномаҳои соҳавӣ бо сифати паст таҳия мегарданд. Дар интихоби усулҳои пешниҳоди барнома дар шакли сабт ва ё мустақим, истифодаи жанри мувофиқ, таъҷилӣ пахш намудани он рӯзноманигорон ба навоварии эҷодӣ ва касбӣ ниёз доранд.

Дар диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе» бо таҳлили мисолҳо нишон дода, бобати камбудиҳои мавҷударо ислоҳ намудан тавсияҳо пешниҳод гарданд. Дастовардҳои мусбии журналистони телевизионҳои таҳқиқшаванда низ бобати мавзуи пажуҳиш махсус зикр гардидаанд, ки ин аз муҳиммияти мавзуи таҳқиқ дарак медиҳад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Мавзуи таҳқиқи инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион дар илми журналистикаи телевизиони тоҷик нав мебошад. Мушаххасан оид ба баррасии ин мавзуъ таҳқиқи илмии диссертатсионӣ то ба имрӯз ба амал бароварда нашудааст. Дар такя ба асарҳои илмиву таълимӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи журналистикаи телевизион рисолаи диссертатсионии мазкур таҳия гардидааст. Телевизионро ҳамчун воситаи электронии ахбори омма бе жанрҳои журналистика тасаввур намудан ғайриимкон аст. Азбаски мавзуи диссертатсияи мазкур ба инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион бахшида шудааст ва инъикос дар телевизион танҳо тавассути жанрҳои журналистика имконпазир аст, пас мо дар таҳияи диссертатсия асосан

такя ба асарҳои олимони соҳаи журналистикаи ватаниву хориҷӣ бобати жанрҳои воситаҳои ахбори омма намудаем.

Профессор И. Усмонов дар китоби «Жанрҳои публитсистика» [116] моҳияту вазифа ва ҳадафи жанрҳо, умумият ва фарқи онҳоро бо далелҳо нишон додааст. Дар китоби «Асосҳои журналистикаи телевизион» [101] муаллифон А. Саъдуллоев ва М. Шоев се гурӯҳи жанрҳоро: иттилоотӣ, таҳлилӣ ва публитсистӣ-бадеиро дар телевизион нишон додаанд. Инчунин бобати кори амалии телевизион, таҳияи сенария, баромад дар кадр ва матннависӣ аз паси кадр маълумот дода шудааст. Дар воситаи таълимии «Информационные жанры печати»[83] муаллифон А. Нуралиев, Н. Брукер ва А. Афсаҳзод бобати хеле зиёд истифода шудани гурӯҳи жанрҳои ахборӣ изҳори ақида мекунанд. Дар китоби дарсии «Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ» [64] муаллифон М. Муродов ва О. Салимзода жанрҳои журналистикаро гурӯҳбандӣ намуда, ҳар кадомро дар алоҳидагӣ тасниф намудаанд. Муҳаққиқ З. Муъминҷонов дар китоби «Жанрҳои журналистикаи телевизион» [73] доир ба махсусияти жанрҳои телевизионӣ ба пуррагӣ маълумот додааст. Дар китобҳои Ҷ. Муқим «Мақоми жанрҳо дар радиои «Озодӣ»» [54] ва А. Азимов «Воқеоти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик» [7] низ доир ба жанрҳо маълумот дода шудааст.

Дар вақти таҳияи диссертатсия аз диссертатсия, автореферат ва мақолаҳои олимони хориҷиву ватанӣ Вартанова Е. Л. [19], Князева М. Л. [36], Лазутина Г. В., Кажберова В. В. [45], Кажберова В. В. [135], Герасимова С. А. [131],Попова С. Н. [143], Шилова В. А. [153], Ширяева Т. А. [154], Азимов А. [7], Муродӣ М., Салимзода О. [64], Ҷ. Муқим [54], Абдуллаев М. А. [127], Саъдуллаев Ҷ. М. [144], Муллоев Ш. [139], Салихов Н. Н. [147], Муъминҷонов З. [142], Хоҷазод С. [121], Хамидиён И. И. [119], Эшматов З. [155], Абдураҳимов Б. А. [128], Сафарова М. А. [148], Алькова И. [130], Ғоибназарова Т. С. [132], Зардова О. [133], Соҳибова Б. Н. [149], Маннонова М. [137], Ҳакимзода Р. К. [152] ва дигарон истифода шудааст.

Хулоса, пажуҳиш ва омузиши адабиёти соҳавӣ ва сарчашмаҳои илмӣ собит месозанд, ки мавзуи инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион дар илми журналистикаи телевизиони тоҷик нав буда, доир ба он то ҳол пажуҳиши илмӣ анҷом дода нашудааст.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи рисолаи диссертатсионӣ ба барномаҳои таълимӣ ва илмии самтҳои рӯзноманигорӣ алоқамандӣ дошта, масъалаи баррасишаванда як ҷузъи Лоиҳаи таҳқиқотии «Масъалаҳои тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳавии журналистикаи телевизион (солҳои 2022-2026)» ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи телевизион ва радиои Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ба ҳисоб меравад. Инчунин кори диссертатсионии мазкур аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.02.2025, таҳти № 114 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мувофиқат мекунад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ инъикоси мавзуъҳои тиббиро дар барномаҳои соҳавии телевизион дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе» муайян кардан мебошад. Дар барномаҳои соҳавии ба мавзуи тиббӣ бахшидашудаи телевизионҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи на ҳама жанрҳои иттилоотию таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеӣ ба назар мерасад. Аксаран барномаҳои соҳавии ба мавзуъҳои тиббӣ бахшидашуда дар шакли сабт, истифода набурдани тарзи пешниҳоди мустақим ва бе истифодаи жанри репортаж манзури тамошобинон гардонида шудаанд, ки он шаблонӣ, якранг ва диққатҷалбкунанда нестанд. Бинобарон, пажуҳиши инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии шабакаҳои телевизионии ватанӣ ба такомули журналистикаи касбии телевизионӣ асос гузошта, бобати баланд бардоштани инъикоси мавзуи тиббӣ,

таъсирбахш ва нишонрас гардидан ва рангорангу ҷолиб шудани барномаҳои соҳавии тиббии шабакаҳои телевизионии кишвар мегардад. Бо баррасии ин мавзуъ инчунин роҳҳои истифодаи самараноки жанрҳои репортажу нигориш ва тарзи пешниҳоди мустақим дар барномаҳои соҳавии телевизион ва хусусиятҳои он дар инъикосгарии рӯйдодҳои муҳимми мавзуи тиббӣ низ аз мақсадҳои кори диссертатсионӣ ба шумор меравад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои ба мақсади пажуҳиш расидан зарур мегардад, ки вазифаҳои зеринро бояд ҳал намуд:

- муайян кардани инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии шабакаҳои телевизиони ватанӣ;
- омузиш ва баррасии махсусиятҳои барномаҳои соҳавӣ;
- таҳқиқи фарқияти ва умумияти барномаҳои соҳавӣ аз барномаҳои дигар;
- омузиши таъсири рушди технологияи итилоотӣ ва таҳаввули барномаҳои соҳавӣ;
- таҳқиқи пайдоиши барномаҳои соҳавӣ дар телевизиони «Тоҷикистон» то соҳибистиқлолӣ;
- пажуҳиши махсусиятҳои барномаҳои соҳавии ба мавзуи тиббӣ бахшидашудаи шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Душанбе» дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқи кори диссертатсионӣро журналистикаи телевизиони тоҷик ва баррасии барномаҳои соҳавӣ дар фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Мавзуи (предмети) таҳқиқ. Вижагиҳои инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизиони тоҷик ва нақши он дар рушди соҳа предмети кори диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Асосҳои назариявии таҳқиқ. Дар кори диссертатсионӣ ба таълифоти назариявии донишмандони ватаниву хориҷӣ аз ҷумлаи Нуралиев А., Саъдуллоев А., Усмонов И. К., Имомзода М. С., Азимов А. Х., Муродов М. Б., Муқимов М. А., Абдуллозода М. А., Саъдуллоев Ҷ. М., Солеҳов Н. Н., Муллоев Ш. Б., Муъминҷонов З., Бобоҷонониён Р. М., Мухторӣ Қ., Бозорзода

Н., Ҷӯраева М. Р., Қутбиддинов А. Ҳ., Ҳамидиён И. И., Муратов С. А., Вартанова Е. В., Рагулина Ю. В., Вырковский А. В., Ножин Е. А. ва дигарон такя шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ. Мавзуи мавризи назар чун объекти пажуҳиш нав аст, зеро дар ин самт таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода нашудааст. Инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизионҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе» мавриди омузиш, таҳлил ва пажуҳиш қарор гирифта, муайян карда шудааст. Дар вобастагӣ ба ин нақши барномаҳои соҳавии ба мавзуи тиббӣ бахшидашуда дар низоми барномаҳои телевизионӣ ва фаъолияти рӯзноманигорӣ дар он ба таҳқиқ кашидашуда, усулҳои беҳтарини таҳияи онҳо илман пешниҳод карда шудаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Таҳқиқ муайян намуд, ки инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизионҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас набуда, аз жанрҳои алоҳидаи журналистикаи телевизион ва усули пешниҳоди барномаҳо дар шакли мустақим самаранок истифода нагардидааст.

2. Пажуҳиш маълум кард, ки бо махсусиятҳои хоси худ барномаҳои соҳавии телевизионӣ аз дигар барномаҳои телевизионӣ фарқ мекунанд ва истифодаи касбии онҳо дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ барномаҳои соҳавии телевизионро нишонрас, тамошобоб ва ҷолиб мегардонанд.

3. Муайян карда шуд, ки барномаҳои соҳавии дар мавзуъҳои тиббӣ таҳияшуда бе истифодаи жанри репортаж, бахусус тарзи мустақими он нишонрас ва ҷолиб нестанд.

4. Таҳлилу баррасиҳо маълум кард, ки пешрафти технологияи иттилоотӣ ба ташаккули барномаҳои соҳавӣ дар телевизионҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон овардааст. Ба воситаи технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ журналистони телевизион имконоти васеъ пайдо намуданд, ки мавзуъҳои муҳимми соҳаи тиббро мустақиман манзури бинандагон гардонанд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ. Натиҷаи пажуҳиш ва хулосаҳои пешниҳодгардида донишҳои назариявиро дар бораи инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион васеъ намуда, метавонанд дар таҳқиқотҳои оянда истифода бурда шавад. Муҳтавои диссертатсия бахусус дар таҳқиқи барномаҳои соҳавии телевизион замина фароҳам меоварад. Диссертатсия дар шинохти инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион манбаи нави илмӣ буда, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти нави таҳқиқи илмӣ ба ҳисоб меравад. Рисолаи диссертатсионии мазкурро метавон барои таҳияи рисолаҳои илмӣ ҳамчун сарчашма истифода намуд. Натиҷаҳои таҳқиқ барои такмили шинохти инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион, татбиқи ҳадафҳои касбият дар фаъолияти рӯзноманигории телевизионӣ, ташкили курсу семинарҳо ва таҳияи дастурҳои таълимӣ мусоидат мекунад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст масъалаи инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион ва вобаста ба ин дигар масъалаҳо таҳқиқ шудааст. Маводди диссертатсияро барои таълими фанни журналистикаи соҳавии телевизион дар мавзуъҳои тиббӣ дар макотиби олӣ, низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи телевизион, ташкили курсу семинарҳо дар факултету шуъбаҳои рӯзноманигорӣ ва таҳияи китобу дастурҳои дарсӣ истифода бурдан мумкин аст.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Пажуҳиши диссертатсионӣ дар мавзуи «Инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Душанбе»)» бо шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамояд. Дар доираи ин ихтисос масъалаҳои зерин мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ба бандҳои 1, 3, 8 ва 12-и «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи мазкур алоқаманд мебошанд:

1. Марҳилаҳои инкишофи журналистикаи телевизиони тоҷик ва муттасилии анъанаҳои пешқадам дар он, қонуниятҳо ва тамоюлоти рушди усулҳои эҷодӣ дар рӯзноманигорӣ.

2. Таъсиси шабакаи телевизионӣ дар Тоҷикистон ва пайдоиши аввалин барномаҳои соҳавӣ.

3. Пайдоиши барномаи соҳавии соҳаи тандурустӣ то соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва ташаккули он.

4. Вижагиҳои барномаи соҳавии тиббӣ дар замони Истиқлоли Тоҷикистон.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Диссертант дар таҳқиқи мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифа, объект, фарзия, марҳила, макон ва давраи таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми хешро гузоштааст. Масъалаҳои асосии таҳқиқ бо маслиҳати роҳбари илмӣ таҳия гардида, таҳқиқ ва натиҷагириҳои илмии диссертант дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Масъалаҳои назарии гуногуни марбут ба инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ (солҳои 2023-2025) баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла, нуктаҳои меҳварии таҳқиқ аз ҷониби диссертант дар конференсияҳои байналхалқию ҷумҳуриявии илмию амалӣ ва назариявии «Васоити электронии ахбор дар шароити вусъатёбии муборизаҳои иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ» (Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2-юми октябри соли 2024), «Тарбияи ҳуқуқии журналистони соҳавии телевизион» бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Соли 2024 – соли маърифати ҳуқуқӣ» ва 65-солагии Телевизиони тоҷик дар доираи амалисозии Лоиҳаи таҳқиқотии «Масъалаҳои тарбияи кадрҳои баландихтиссоси соҳавии журналистикаи телевизион (солҳои 2022-2026)» (Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», Душанбе, 18 октябри соли 2024), «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархурди фарҳангу тамаддунҳо» (Бохтар, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 11-12 апрели соли 2025), «Зеҳни сунъӣ дар телевизиони

соҳавӣ» (Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», Душанбе, 2-юми октябри соли 2025), инчунин, дар конференсияҳои анъанавии ҳамасолаи апрелии ҳайати устодону кормандони Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ба шакли гузориш матраҳ шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи телевизион ва радиои Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» (суратмаҷлиси №3, аз 15.10.2025) баррасӣ гардида, барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсия дар 6 мақолаи илмӣ, ки 3-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, инъикос ёфтааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 170 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

БОБИ I
ИНЪИКОСИ МАВЗУЪҲОИ ТИББӢ ДАР ТЕЛЕВИЗИОН ТО СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1.1. Таъсиси телевизион дар Тоҷикистон ҳамчун инъикосгари соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа

Таърихи таъсиси телевизион чун яке аз воситаҳои электронии ахбори омма дар Тоҷикистон ба кор сар кардани ин расона дар Иттиҳоди Шуравӣ вобастагӣ дошт. Ташаккули ин расонаи иттилоотӣ дар кишвар то Истиқлолияти давлатиро соҳиб шудани Тоҷикистон низ ба ташаккули шабакаи телевизионӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ алоқаманд буд. «Оғози таҷрибавии намоишдиҳии телевизионӣ аз 1 октябри соли 1931 аз студияи хурди узели радиотехникии шаҳри Маскав, воқеъ дар кӯчаи Никольский сар шудааст. «Муҳтарам рафиқон радиотамошобинон, намоишҳои далновидения советиро оғоз мекунем…» бо чунин суханон ҳар як нашри барномаи намоишдиҳии механикӣ оғоз мешуд. Намоишдиҳӣ бо канали радиошунавонӣ дар мавҷҳои миёна ва дароз (ҳарду мавҷ якбора яке барои овоз ва дигаре барои сурат) ба амал бароварда мешуд, ки дар ҳолати мавҷуд будани дастгоҳи мавҷқабулкунӣ онро дар тамоми ҳудуди СССР – аз Одесса то Камчатка ва ҳатто дар хориҷа тамошо кардан мумкин буд» [142, с. 298]. Аввал телевизионро «далновидения» ва ё «витафон» меномиданд. Тамошобини онро «радиотамошобин» мегуфтанд. «Калимаи «телевизион»-ро дар конфронси илмии шаҳри Париж соли 1900 радиоинженери петербургӣ Константин Дмитриевич Перский истифода бурда, минбаъд аз тарафи умум қабул гардидааст» [10, с. 4]. Телевизион аз калимаҳои юнонии «tele» - дур, масофа ва калимаи лотинии «visio» - дидан, намоён шудан таркиб ёфта, ихтирооти бузурги асри XX ба ҳисоб меравад. Дар Институти умумииттифоқии электротехникӣ соли 1937 С. И. Катаев трубкаи фиристандаи телевизионӣ ва кинескопро ихтироъ мекунаду ин ихтироъ шароит ба миён меорад, ки дар шаҳри Ленинград барномаҳои таҷрибавӣ дар мавҷи УКВ ба эфир пахш карда

шаванд. «Дар Москва сохтмони Маркази телевизионии Шаболовка бо дастгоҳҳои амрикоӣ ба охир расида, 25 марти соли 1938 эфири телевизион бо нишондиҳии кинофилми Ф. Эрмлер «Великий гражданин» оғоз ёфт. Аудиторияи бинандаҳо зиёд набуд, дар шаҳри Маскав ҳамагӣ 30 телевизор буду халос. То оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ шумораи телевизор ба беш аз ҳазор дона расид» [22, с. 35].

10 марти соли 1939 бо намоиши филми хроникӣ дар бораи Съезди XVIII ВКП (Всесоюзной коммунистической партии/Ҳизби коммунистии умумииттифоқ) эфири ҳамешагии телевизион бо сифати баланд сар мешавад. Барномаҳои дар эфир пахшмешуда аз кинофилм, консерт ва спектаклҳо иборат буда, давоми ҳафта панҷ шаб намоиш дода мешуданд. Ҳангоме, ки Ҷанги Бузурги Ватанӣ 21 июни соли 1941 оғоз мегардад, намоиши барномаҳои телевизионӣ дар шаҳрҳои Москва ва Ленинград қатъ карда мешаванд. Вале омӯзиши соҳаи технологияи телевизионӣ идома ёфта, дар Институти энергетикии шаҳри Москва соли 1943 кафедраи телевизион таъсис дода мешавад. «7 майи соли 1945 дар рӯзи радио пахши барномаҳои телевизионӣ аз нав оғоз гашта, то моҳи сентябри соли 1947 давом мекунад. Азнавсозии Маркази телевизионии Шаболовка дар шаҳри Маскав ба охир мерасаду аз 16 июни соли 1949 бо стандарти 625 сатр (строк) пахши барномаҳои телевизионӣ аз нав сар мешаванд.

Танҳо аз моҳи январи соли 1955 барномаҳои Маркази телевизионии Москав ҳаррӯза мешаваду дар он зиёда аз 80 нафар кормандони эҷодию техникӣ кор мекунанд. Ҳамин давра дар шаҳри Маскав 15 ҳазор телевизор мавҷуд буд. Минбаъд Марказҳои телевизионӣ аввал дар Ленинград ва Киев ва баъдтар дар Рига, Харков, Свердловск сохта ба истифода дода мешаванд. Ҳамин тариқ охири солҳои 50 – ум дар ҳудуди СССР зиёда аз 60 студияҳои телевизионӣ фаъолият мекарданд» [22, с. 36]. Дар Тоҷикистон бошад, барномаҳои нахустини телевизионӣ 3 октябри соли 1959, пас аз 28 соли дар шаҳри Москва ба кор оғоз кардани он ба амал омадааст. Нахустсаррежиссёри Телевизиони тоҷик, шахсе ки аввалин барномаи Студияи телевизиони

Сталинободро ба эфир пахш кардааст, Акбар Ҷӯраев дар китоби худ «Телевидение» чунин қайд намудааст: «3 октябри соли 1959 соати 18:00 бо вақти маҳаллӣ наттоқ Рафоат Абдусаломова нахустин маротиба дар оинаи нилгуни сталинободиҳо пайдо гардида, ба тамошобинони нахустини Тоҷикистон бо забони тоҷикӣ чунин муроҷиат намуд: «Ассалому алейкум, тамошобинони азиз! Студияи телевизионии Сталинобод намоиши аввалини худро оғоз мекунад» [29, с. 24]. Ҳамин лаҳзаи таърихиро аввалин наттоқи Телевизиони тоҷик Рафоат Абдусаломова дар асари ёддоштиаш «Телевизион ойинаи зиндагист» чунин тасвир намудааст: «Бо ҳамин мазмун Валентина Исаева, ки аз Театри давлатии драмавии шаҳри Ленинград (ҳоло Санкт - Петербург) омада буд, барномаро бо забони русӣ эълон намуд. Он бегоҳ ба мардуми Тоҷикистон филми ҳунарии «Чароғ дар кӯҳсор» - и «Тоҷикфилм» ва ахбори 3 дақиқагӣ (ҳарду бо забони тоҷикӣ) намоиш дода шуданд. Пас аз он саррежиссёр (саркоргардони нахустини Телевизиони «Тоҷикистон») Акбар Ҷӯраев, тасвирбардор Наримон Бақоев, директори Студияи телевизион Обид Ҳомидов, наттоқ Валентина Исаева якҷоя аз студия баромадем ва бо қаноатмандӣ бо ҳам хайрухуш кардем»[4, с. 8-9]. Бо ҳамин нахустнамоиши барномаҳои Телевизиони тоҷик имшаб дар умум якуним соат давом мекунанд, ки он таҷрибавӣ ба ҳисоб мерафт. «Пайдоиши телевизион дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон баъди қариб 28 соли дар пойтахти Иттиҳоди Шуравӣ шаҳри Маскав кушода шудани он ба вуқуъ пайвастааст» [58, с. 14].

Аз 19 июни соли 1957 бо Қарори Совети Вазирони РСС Тоҷикистон Кумита оид ба радиошунавонӣ ва телевизиони назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Дар иҷрои супориши Ҳукумати Тоҷикистон Комиҷроияи шаҳри Сталинобод барои бунёди бинои Студияи телевизион қитъаи замин ҷудо мекунад. Моҳи июли соли 1957 сохтмони бинои Телевизиони «Тоҷикистон» сар мешавад. Кормандони Пажуҳишгоҳи давлатии лоиҳакашии Вазорати алоқаи СССР лоиҳаи бинои телевизионро омода карда, бунёди онро бинокорони Вазорати алоқаи Тоҷикистон ба анҷом расонидаанд.

Майдони умумии бино 315 метри мураббаъро ташкил дода, баландиаш 4,5 метр муқаррар гардида буд. Сохтмон қариб 2,5 давом ёфта, охири соли 1959 ба истифода дода шудааст. Фиристандаи телевизионӣ (антена) дар манораи фулузӣ ҷойгир карда мешавад, ки 197 метр баландӣ дошт. Таҷҳизоти телевизиониро барои ин кор корхонаҳои шаҳри Ленинград фиристода, мутахассисони шарҳои Маскаву Ленинград онро насб мекунанд. Бюрои Кумитаи Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон моҳи апрели соли 1959 дар бораи таъсиси дирексияи Студияи телевизиони Сталинобод қарор қабул карда, ба вазифаи директори Телевизион тоҷик Обид Ҳомидов ва ба вазифаи сармуҳаррир Иброҳим Раҳматов таъин карда мешаванд. Дар ҷойи холӣ ин ду ватандӯст барои бунёди Телевизиони тоҷик кор оғоз мекунанд. Ҳамин тариқ 3 октябри соли 1959 аввалин барномаи санҷишии худро Телевизиони тоҷик ба эфир пахш мекунад. Соли 1959 Студияи телевизиони Сталинобод ҳафтае ду маротиба барномаҳо намоиш медод. Аз 1 январи соли 1960 бошад, барномаҳо аз соати 20:00 то 21:30 давом мекард, ки аз он 10-20 дақиқааш барномаҳои худӣ боқимондааш киножурнал ва филмҳои ҳунарӣ буданд. Эълони барномаҳои Телевизиони тоҷик аз оғози моҳи августи соли 1960 дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ чоп мегардиданд. Инчунин чорабиниҳои муҳим, аҳҷумла ҷараёни бозии футбол мустақиман дар телевизион пахш карда мешуданд. Ҳаҷми умумии барномаҳо аз 1 июли соли 1960 ба 3 соату 30 дақиқа, азҷумла хабарҳои охирин ба 10 дақиқа расонда мешаванд. Таваҷҷуҳи аҳолӣ аз оғоз ба тамошои барномаҳои телевизионӣ зиёд гардида, онҳо ба хонаҳои шахсони телевизиондошта ҷамъ омада, онро бо шавқу завқи зиёд тамошо мекарданд. Соли 1959 дар пойтахти Тоҷикистон шаҳри Сталинобод ҳамагӣ 300 адад телевизор мавҷуд буду халос. Дар соли 1960 шумораи он ба 2500 адад мерасад.

Хулоса, асосан барномаҳо дар оғоз ба тариқи мустақим бе сабти пешакӣ манзури бинандагон гардонида мешуданд. Охири соли 1959 то соли 1970 марҳилаи нахустини фаъолияти телевизион дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар Тоҷикистон ба эфир баромадани барномаҳои нахустини телевизионӣ 3 октябри соли 1959, баъди 28 соли дар шаҳри Маскав кушода шудани он ба

вуқуъ омадааст. Бо ҳамин нахустнамоиши барномаҳои Телевизиони «Тоҷикистон» имшаб дар умум якуним соат давом мекунанд, ки он таҷрибавӣ ба ҳисоб мерафт. Бо сабаби имконияти техникии сабти барномаҳо набудан, аз барномаҳои дар давраи аввал таҳияшуда бойгонии видеоӣ боқӣ намондааст.

Кори Телевизиони тоҷик дар солҳои 1970-1985 ба марҳилаи дуюм рост меояд, ки дар ин вақт ба давраи нави ташаккул дохил шудааст. Хатмкунандагони бахши рӯзноманигории Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин дар ҳамин давра ба Телевизиони тоҷик ба кор меоянду имкон пайдо мешавад, ки соати пахши барномаҳо зиёд гардида, он то ба 7 соат расад. Бахусус баъди пайдо шудани имкони сабти пешакии маводди телевизионӣ талабот ба таҳияи касбиёнаи барномаҳо пайдо мегардад. Барномаҳои бо норасоиҳо таҳияшуда, баъди тамошои он аз тарафи роҳбарияти телевизион барои ислоҳ намудани камбудиҳо бозгардонида мешуданд, ки ин масъулияти таҳиягарони барномаҳои телевизиониро баланд мебардошт. Бо ин пахши маҷбурии барномаҳои мустақими пурраомоданабуда аз байн бардошта мешуданд. Тағиротҳо дар сохтори телевизион ба амал баровардашуда, дирексияи барномаҳо, саридораҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, хоҷагии халқ, навигариҳои телевизионӣ, наврасон ва ҷавонон, барои бачагон, бадеӣ, мусиқӣ, таълимӣ, барномаи филмҳо ва иттиҳодияи «Телефилм» ба фаъолият оғоз мекунанд. Барномаҳои нави «Клуби мухлисони кино», «Гулдаста», «Мушоира», «Чойхонаи дилкушо», «Дугонаҳо», «Майдон аз далер аст», «Чашма» ва «Дар олами зебоӣ» таҳия шуда, манзури тамошобинон гардонида мешаванд. Бо ин навигариҳо нақшу мавқеи Телевизиони тоҷик байни воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳурӣ баланд шуда, бинандагонаш рӯз ба рӯз зиёд мегарданд.

Номи Комитет оид ба радиошунавонӣ ва телевизиони назди Совети Вазирони РСС Тоҷикистон 15-уми октябри соли 1970 бо Укази Президуми Совети Олии РСС Тоҷикистон ба Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба телевизион ва радиошунавонӣ иваз карда мешавад. «Аввали моҳи январ (соли 1975) ба Телевизиони тоҷик стансияи сайёри рангаи «Лотос» ворид гашт ва имкони пахши барномаҳои ранга ба вуҷуд омад. 25- уми январ

бори нахуст мусобиқаи ҳаваскорони санъати Конибодом – Хуҷанд аз фестивал-конкурси эҷодиёти халқ – «Бӯстон-1» ранга намоиш дода шуд. Ин мусобиқа дар толори Театри опера ва балети ба номи устод Айнӣ гузашт ва онро коргардон Сафо Содиқов, баранда Рафоат Абдусаломова, операторон Амон Урунов, Учқун Ҷӯраев, Раҳимҷон Қурбонов таҳия намуданд» [121, с. 93]. Сохтори нави Телевизиони тоҷик бо Қарори Совети Вазирони ҶСС Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 1976 чунин тасдиқ мешавад: Сарредаксияи барномаҳо; Коллегияи сенариявӣ-таҳрирӣ; Сарредаксияҳои пропаганда, иттилоот, барномаҳо барои ҷавонон, барномаҳо барои бачагон, барномаҳои адабӣ-драмавӣ, барномаҳои мусиқӣ, тайёр кардани барномаҳо дар плёнка. Шумораи умумии кормандони Телевизиони тоҷик дар ин давра ба 248 нафар мерасад. Барномаҳои телевизион чи аз ҷиҳати мазмун ва чи аз ҷиҳати жанрӣ нисбати марҳилаи якум ба пешравиҳо ноил шуда, сафи бинандагони телевизион меафзояд.

Бо гузашти солҳо дар вилояти Ленинобод, ҳозира вилояти Суғд, Вилояти Автономии Кӯҳистони Бадахшон ва вилояти Қурғонтеппа, ҳозира вилояти Хатлон охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90- уми асри XX телевизионҳои вилоятӣ таъсис додашуда, ба кор сар мекунанд. Ин шабакаҳои телевизиониро кормандони Телевизиони «Тоҷикистон» бо дастгирии ҳукуматҳои вилоятҳои номбаршуда ба фаъолият меандозанд. Ин телевизионҳо зерсохтори Кумитаи давлатии телевизион ва радиошунавонии ҶСС Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳамарӯза аз 30 дақиқа то 1 соат асосан барномаҳои хабарии аз ҳудуди вилоят омода намудаи хешро манзури тамошобинон мегардониданд. Дар эфир пахш намудани барномаҳои иттилоотии ин шабакаҳои телевизионӣ тариқи шабакаи Телевизиони «Тоҷикистон» дар соатҳои муайян барои тамошобинони вилоятҳои Суғду Хатлон ва Вилояти Автономии Кӯҳистони Бадахшон ба иҷро расонида мешуданд.

Замони бозсозӣ бо махсусиятҳои ошкорбаёнӣ ва гуногунандешиаш ба воситаҳои ахбори омма, хусусан ба шабакаҳои телевизионӣ имкониятҳои васеъ кушод. Профессор Иброҳим Усмонов дар мақолаи худ зери унвонии «Бозсозӣ ё худкушӣ» ба журналистикаи солҳои 1990-91-и тоҷик чунин баҳои ҳақиқӣ

додааст: «Бӯҳрони иқтисодиву сиёсӣ, ки тамоми ҷомеаро фаро гирифтааст, дар шиорҳои ҷаллии озодипарастӣ, демократӣ ва амсоли ин ба инкишофи бӯҳрони маънавӣ низ замина ба вуҷуд овард. Давлат, аз ҷумла Ҳукумати Тоҷикистон қонуни нави матбуотро тасвиб карда, ба нашри публитсистика ва адабиёти гуногунравия ва гуногунсоҳа ҳуқуқро қоил шуда, аммо натавонист ҳуқуқи муҳофизаи аҳолиро аз ҳуҷуми бадахлоқӣ, тӯҳматкоронаю дурӯғгӯёна ва зӯргӯёнаи онҳо бо қонуни устувор ҳифз кунад. Ин иллати то рафт кам шудани эътибори публитсистикаи иҷтимоӣ, афзудани худхоҳӣ ва худфурӯшии публитсистика, яъне ривоҷи журналистикаи кӯчагӣ мешавад ва рақобати сиёсии матбуоти аҳзоби гуногуни сиёсӣ ҳам дар ин мобайн эҳсос нашуда мемонад»[114, с. 150]. Баробари барҳам хурдани давлати абарқудрати Иттиҳоди Шуравӣ (СССР) ва ба Истиқлолият расидани ҷумҳуриҳои дар ҳайати он буда, системаи куҳнаи идеологӣ нест шуда, системаи иттилоотӣ ба куллӣ таъғир меёбад. Вобаста ба ин рӯйдодҳои таърихии солҳои 90-уми асри XX шароит ба амал меоянд, ки дар баробари воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ воситаҳои ахбори оммаи мустақил, ҷамъиятӣ дар мисоли рӯзномаҳои шахсию ҳизбӣ, радиоҳои хусусӣ, телевизионҳои ҷамъиятию мустақил таъсис ёфта, фаъолияти худро ба роҳ монанд. «Яке аз зуҳуроти баде, ки дар ВАОТ (воситаҳои ахбори оммавӣ ва ташвиқотӣ) ба миён омад, роҳ ёфтани телевизиони кабелӣ ба хонадон аст. Албатта дар шароити Тоҷикистони соли навад ТВ кабелӣ ба ном аст, зеро студияҳои он намоиш надошту аслан видеосалонҳои хонагӣ буданд, яъне аз як нуқта видеофилмҳо ба хонаҳо равона карда мешуданд. Сюжетҳое, ки дар онҳо талқин мешуданд, зургуӣ ва сексро таблиғ мекарданд» [115, с. 150]. Ин кор боиси он шуд, ки дар маҳаллаҳои гуногуни шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ телевизионҳои ба ном кабелӣ таъсис ёфта, фаъолият карда бошанд ҳам, аммо бинандагони ҳақиқии худро пайдо карда натавонистанд. Бо ин сабаб минбаъд телевизиони кабелӣ дар Тоҷикистон рушд накард. Дар ин бобат телевизионӣ кабелӣ гуноҳгор нест. Зеро гуноҳ дар ин масъала ба ин фаъолият машғул гардидани шудани шахсони

ғайрикасбӣ, ки нозукиҳои шабакаи телевизиони кабелиро нафаҳмида, онро роҳи сабуки ба даст овардани маблағ медонистанд мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистиқлол гашту ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ афтод, бесару сомонӣ тамоми соҳаҳоро фаро гирифт. Аз ин вазъ воситаҳои ахбори омма берун намонд. Рӯзномаҳо нашр гардида, то ба дасти мардум рафта намерасиданд. Расонаи асосие, ки тавассути он аҳолии Тоҷикистон иттилои навро мешуниданду медиданд, ин шабакаҳои радиову телевизион ба ҳисоб мерафт. Радио шабакаи хабаррасони омма гардида буд. Аммо аксарият барномаҳои телевизиониро тамошо мекарданд. Чунки телевизион тавассути видеонавор аз ҷойи воқеа таъҷилан хабар мерасонд. Бо ин хусусияташ шабакаи телевизионӣ бинандагонро бештар ба худ ҷалб мекард. Шояд ҳамин ҳолат сабаб шуд, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 90 – уми асри XX) гурӯҳҳои муайян барои ба даст овардани шабакаи телевизионӣ кушиш мекарданд. Нафарони ба ном журналист дар телевизион фаъолият карда, аз минбари он ба эфир баромада суханронӣ мекарданд. Ба бинандагон ба ном барномаҳои телевизионие манзур карда мешуданд, ки на сенария доштанду на касе онро таҳрир мекард. Бо ғалатҳои мантиқию сиёсӣ, бе риояи талаботи жанрӣ ва одоби журналистӣ пешниҳоди тамошобинон карда мешуд, ки ба талаботи замон ҷавобгӯ набуданд.

Таъсис ва фаъолияти телевизионҳои ғайридавлатӣ дар ҷумҳурӣ маҳз дар ҳамин марҳила имконпазир гардид. Саршавии ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ба гурӯҳҳо ҷудо гардидани як қисм аҳолӣ, ба сари мансабҳои сохторҳои муҳимми давлатӣ омадани шахсони тасодуфӣ ва шабакаи телевизиониро ҳамчун минбари сангандозӣ ба тарафи гурӯҳи муқобил истифода кардан сабаб мегардид, ки аксариати аҳолии ҷумҳурӣ ба барномаҳои телевизион бо шубҳа ва нобоварӣ нигариста, аз баҳри дидани баъзе барномаҳои он мебаромаданд.

Дар ҳамин марҳила 9-сентябри соли 1993 ба эфир баромадани барномаҳои нахустини Телевизиони ғайридавлатии Душанбе «Сомониён» дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе барои сокинони пойтахт як воқеаи фарҳангии фараҳбахш буд. Барномаҳои ин телевизиони ғайридавлатӣ асосан

рӯзона ба воситаи канали 7-ум дар эфир пахш мегардид ва гурӯҳи эҷодии ин шабака дар назди худ мақсад гузошта буд, ки воқеаву ҳодисоти ҳамарӯзаро беғаразона инъикос намоянд. Ин намуди инъикос мақбули ҳарду тарафи бо ҳам ҷангкунанда ва боиси ба сулҳу ваҳдат омадани онҳо мегашт.

Бо ташаббуси як гурӯҳ журналистони варзидаи Телевизиони «Тоҷикистон» ва дастгирии Ҳукумати шаҳри Душанбе, Созмони ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон Телевизиони Душанбе «Сомониён» таъсис ёфта, ҳамагӣ 170 рӯз барномаҳояш ба эфир рафтанд. Аммо дар дилу дидаи бинандагони хеш бо барномаҳои хабариву таҳлилӣ ба монанди «Паёми рӯз», «Инсон ва қонун» ва дигарҳо ба сулҳу оромӣ ва ваҳдати мардуми Тоҷикистон шӯълаи умед бармеангехт. Бо сабаби он ки бисёр корхонаҳо аз фаъолият боз монда буданду аксар аҳолии шаҳри Душанбе ҳатто барои ба кӯча баромадан ҳарос доштанд, барномаҳои Телевизиони Душанбе «Сомониён»-ро ки асосан рӯзона ба эфир дода мешуданд, пурра тамошо мекарданд. Инчунин ба ҳамин монанд дар шаҳри Хуҷанд Телевизиони «Ҷаҳоноро», дар шаҳри Кӯлоб Телевизиони «Кӯлоб», дар ноҳияи Восеъ Телевизиони «Мавҷи озод» ва дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ телевизионҳои маҳаллӣ таъсис ёфта, ба кор шуруъ менамуданд.

Ҳангоме ки бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ 6-уми ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ба ташаккулу рушди ин раванд аз ҷиҳати қонунӣ имконияти васеъ фароҳам омаданд. Мувофиқи моддаи 30-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад.

Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст» [1, с. 17]. Шароити ҳуқуқӣ ба миён омад, ки воситаҳои ахбори омма дар намудҳои гуногун бунёд гардида ба фаъолият оғоз намоянд. Тарафи дигаре, ки ба ин раванд таъсири мусбии худро расонид ин ба миён омадани зарурат ба ин намуди воситаи электронии ахбори омма буд. Чунки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ чопи саривақтии рӯзномаву маҷаллаҳо имконнопазир гашта, паҳннамоӣ он ғайриимкон шуда буд. Бо ин сабаб аҳолӣ барои бохабар шудан аз иттилооти ватаниву хориҷӣ асосан ба шабакаҳои телевизиону радио такя менамуд. Аз

рӯйдоду навигариҳои ноҳия, шаҳри худ, ки пештар тавассути рӯзномаи ноҳиявию шаҳрӣ огоҳ мегаштанд, акнун аз он асаре боқӣ намонда буд. Рӯзномаҳо ба ҳафтаномаву моҳнома табдил гашта, талаботи мардумро қонеъ карда наметавонистанд. Бо ин сабаб зарурат ба таъсиси шабакаҳои телевизионҳои маҳаллӣ дар шаҳру ноҳияҳо ба миён омаданд. Ба эфир баромадани ҳар як шабакаи телевизиони маҳаллиро аҳолии он ҷо бо хушнудии беҳаду канор қабул мекарданд.

Аз ҷумла муассисаҳову ташкилотҳои давлатию ғайридавлатии зерини шаҳри Душанбет: Ҳукумати шаҳри Душанбе, Заводи «Тоҷиктекстилмаш», Иттиҳодияи истеҳсолии «Тоҷикгидроагрегат», Иттиҳодияи истеҳсолии «Тоҷиктекстил», Заводи арматурабарории Тоҷикистон, Ҷамъияти саҳҳомии «Тоҷикатлас», Муассисаи мардумии «Нафиса», Комплекси илмӣ-истеҳсолии «ЭЛТО», Управлениями Роҳи оҳани Тоҷикистон ва гурӯҳи эҷодии Телевизиони Душанбе «Сомониён» ҳамчун муассис баромад намуда, бобати иҷрои қарори иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе аз 10 апрели соли 1996 дар бораи ташкил намудани Ҷамъияти саҳҳомии шакли пӯшидаи Ширкати телевизиони ҷамъиятии «Пойтахт» 3 сентябри соли 1996 қарор қабул намуданд. Ойинномаи Телевизиони ҷамъиятии «Пойтахт» тасдиқ ва роҳбарияти он: директори иҷроияи ин телевизион Раҳмон Остонов ва сармуҳаррири он Зулфиддин Муъминҷонов таъин карда шуданд. Дар ҳайати муассисони Ширкати телевизиони ҷамъиятии «Пойтахт» будани муассисаҳову ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ имкони ҳуқуқӣ ба миён овард, ки ин нахустин телевизиони ҷамъиятӣ дар ҷумҳурӣ, ба кор оғоз намояд.

Аввалин барномаҳои Ширкати телевизиони ҷамъиятии «Пойтахт» ба воситаи канали 7-ум, 8-уми сентябри соли 1996 ба эфир баромаданд. Боиси таъкид мебошад, ки гурӯҳи эҷодию техникии Телевизиони Душанбе «Сомониён» асосгузорони Ширкати телевизиони ҷамъиятии «Пойтахт» ба ҳисоб меравад. Онҳо аз рӯзҳои нахустини таъсиси ин шабакаи телевизионӣ ба ин шабака гузашта, дар ҷойи холӣ нахустин шабакаи телевизиони ҷамъиятиро таъсис доданд.

Аз оғози марҳилаи бозсозӣ то ба Истиқлолияти давлатӣ соҳиб гардидани Тоҷикистон солҳои 1985-1991 давраи сеюми фаъолияти Телевизиони «Тоҷикистон» ба ҳисоб меравад. Дар ин солҳо дар ҳаёти одамони советӣ тағйиротҳои муҳим ба вуқуъ пайваст. Гӯё онҳо аз ҳама маҳдудиятҳо пурра озод шуда, барои онҳо ҳама роҳҳо кушода гардиданд. Моҳияти ин дигаргуниҳо дар тағйироте, ки анҷумани XXVII-уми Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ (ҲКИШ) дар сохтори идеологӣ ворид намуд, бештар ошкор мешуд. Нимаи дуюми солҳои 80-ум то моҳи августи соли 91-уми асри XX ҷараёни бозсозӣ сиёсати ҲКИШ ва давлати Шуравӣ (СССР)- ро дар бар мегирад. Ин раванд кӯшише буд, барои ба талаботи замон мувофиқ намудани сиёсат, идеология, иқтисодиёт ва фарҳанги давлати Иттиҳоди Шуравӣ. Аммо бо сабаби бе пайдарҳамии мантиқӣ амалӣ намудани ин навгонӣ ва натиҷаи зиддиятҳо сабаби барҳам хурдани ҲКИШ ва шикасти давлати Шуравӣ гардидааст.

Пойдор шудани ҷараёни ошкорбаёнӣ, қабули қонуни матбуот, барҳам хурдани сензураи давлатӣ дар соҳапи воситаҳои ахбори омма ва тағиротҳои сиёсии дар ҳаёти ҷомеа ба амаломада, ба журналистони воситаҳои ахбори омма шароит ба вуҷуд омад, ки боҷуратона ва нотарсона норасоиҳо, камбудиҳои роҳбарони зинаҳои мақомоти давлатдориро танқид намоянд. Дар ин ҷараён махсусан телевизион пешсаф буд. Зеро телевизион аз ҷиҳати дастрасӣ ва ҷолиб будан пешсафи ин раванд шуда буд. Аксарияти аҳолӣ аз рӯйдодҳои муҳим маҳз тавассути шабакаи телевизионӣ бохабар мегардиданд. Ҷараёни бозсозиву ошкорбаёнӣ имконият фароҳам овард, ки шумори барномаҳои мустақим дар шабакаҳои телевизионӣ якбора зиёд гардида, таваҷҷуҳи бештари тамошобинонро ба худ ҷалб намояд. «Телевизион дар шикасти сохти сотсиалистӣ бо маводди зиёди ошкорои маҳвкунандаи хеш ҳиссаи назарраси худро гузошт. Шумораи намоишҳои мустақим (зинда), ки аз қайчии муҳаррир берунанд ба якборагӣ зиёд шуданд»[108,с.80]. Ошкорбаёнӣ бештар дар барномаҳои иттилоотӣ таҷассуми худро меёфт. Дар муқобили барномаи расмии иттилоотии «Время» бо нигоҳи тозаи ошкорбаёнӣ барномаи иттилоотии «ТСН» (Телевизионной службы новостей) ба эфир мебаромад, ки аз нигоҳи шаклу

мазмуну мундариҷа аз барномаҳои пешина ба пуррагӣ фарқ мекард. Барномаҳои «12-й этаж», «600 секунд», «Взгляд» ва телемости байни ШМА ва СССР, «Прожектор перестройки», «7 дней» пешниҳоди бинандагон мешуданд, ки тамошобинро дар ҳайрат мегузошт. Шумораи студияҳои шаҳрӣ ва вилоятӣ дар солҳои 70-ум чанд карат кам шуда бошанд, баъди соли 1985 шумори онҳо аз нав ба зиёд гардидан оғоз намуд, ки онҳо муҳиммияти манфиатҳои маҳаллҳо бо манфиати марказ мувофиқ набуданро бештар таҷассум мекард. Нахустин сети телевизионии кабелӣ соли 1987 дар чандин ноҳияҳои Маскав ва дигар шаҳрҳо пайдо шуданд. Якумин иттиҳодияҳои телевизионии ғайридавлатӣ, ба монанди АТВ (Ассоциация авторского телевидения) ва «НИКА–ТВ» (Независимый информационный канал телевидения) ва АТВ (Ассоциация авторского телевидения) таъсис ёфтанд. Вале аксари ин иттиҳодияҳо бо гузашти муҳлате баста шуда, дигар ба эфир намебаромаданд. Байни тарафдорони низоми куҳна бо ислоҳхоҳони замони бозсозӣ зиддият авҷ мегирифт. Телевизиони «Россия» дар қабати Телевизиони «Останкино» баҳори соли 1991 ба фаъолият оғоз намуд. Ин телевизион, ки аввалҳо аз бинои таҷҳизондашудаи кӯчаи «Ямского поля»-и шаҳри Маскав барномаҳояшро ба эфир пахш мекард. То охири соли 1991, то барҳамхурии Иттиҳоди Шуравӣ байни ин ду телевизион «Останкино» ва «Россия» зиддият идома меёфт.

Шабакаи Телевизиони «Тоҷикистон» қисми ҷудонашавандаи телевизиони Иттиҳоди Шуравӣ ба ҳисоб мерафт ва мувофиқ ба нишондод ва идеологияи Давлати Советӣ фаъолият мекард. Ҷараёни бозсозӣ ба фаъолияти Телевизиони «Тоҷикистон» низ таъсири хешро расонд. Ҷойи таъкиди махсус аст, ки идеяҳои бозсозӣ аввал дар матбуоти тоҷик инъикоси худро пайдо намуд. Солҳои нахустини даврai бозсозӣ байни воситаҳои ахбори омма матбуот пешсаф ва маводеро чоп мекард, ки мавзуи доғи рӯз буда, дар байни сокинони Тоҷикистон боиси баҳсу мунозира ва ҳамовозӣ мегашт. Азҷумла, инъикоси масъалаи ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ дар матбуот дар замони бозсозӣ имконпазир шуд. «Таҳти рубрикаҳои «Ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ», «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ» ва ғайраҳо мақолаҳои академикҳо М. Шукуров, Р.

Амонов, профессорон И. Усмонов Б. Камолиддинов, А. Сатторов, муҳаққиқ У. Холиқназаров ва дигарон дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» нашр гардид. Масалан дар мақолаи И. Усмонов «Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст» («Газетаи муаллимон», 19 ноябри 1988) нахустин бор пешниҳод шудааст, ки ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад. Ин пешниҳодро баъд дар ҳамин рӯзнома Лоиқ Шералӣ ва дар «Ҷавонони Тоҷикистон» Адаш Истад дастгирӣ карданд ва баъд ин ҷараён авҷ гирифта, қонунӣ гардид. 22 июни соли 1990 Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сессияи худ ин масъаларо баррасӣ намуда, дар бораи ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ қарор қабул намуд» [114, с.237]. Дар Телевизиони «Тоҷикистон» низ аз мавҷи бозсозӣ илҳом гирифта, рӯзноманигорон бо таҳияи як қатор барномаҳои мустақим таваҷҷуҳи бинандагонро ба худ ҷалб намуданд. Ба ин барномаҳои «Алоқа» (22 январи соли 1987), ки котиби якуми КМ ЛКСМ Тоҷикистон Рашид Олимов, (14 феврали соли 1987) раиси Кумитаи варзиши ҷумҳурӣ Иброҳим Ҳасанов ва дигар роҳбарони муассисаву идораҳо баромад карда ба суолҳои тамошобинон ҷавоб гуфтанд ва дар шакли мустақим пахш мешуданд, мансуб мебошанд. Ба ҳамин монанд тариқи барномаи «Гуфтугӯи мустақими телевизионӣ» (21-уми майи соли 1987) котиби дуюми КМ ПК Тоҷикистон Пётр Лучинский бо бинанлагон бевосита дар тамос шуда ба саволҳои зиёд давоми якуним соат ҷавоб медиҳад. Инчунин тариқи барномаи мустақими телевизионӣ Раиси Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон Иззатулло Ҳаёев (28 августи соли 1987), Раиси Президуми Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон Ғоибназар Паллаев (15 декабри соли 1987) баромад карда, ба саволҳои бинандагон ҷавоб мегӯянд. Қаҳҳор Маҳкамов Котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон дар барномаи «Проблема ва мулоҳиза» (16 июни соли 1987) баромад мекунад. Мулоқоти ҳамаи аъзои бюрои КМ ПК Тоҷикистон: котибони КМ ПК Тоҷикистон, роҳбарони ҳукумату парламент, раиси Кумитаи амният бо донишҷӯёни макотиби олии дар пойтахт буда ба воситаи барномаи «Мароми ҷустуҷӯ» (28 майи соли 1987) ба бинандагон намоиш дода мешаванд. Пешниҳоди ингуна барномаҳо бо иштироки роҳбарони вазорату кумитаҳои алоҳидаи Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои тамошобинон хушоянд гардида, онҳо тавассути телефон ва мактубҳои хеш аз ташкили чунин барномаҳо изҳори қаноатмандӣ менамуданд. Баён мекарданд, ки ба воситаи ингуна барномаҳо, ки асосан ба тарзи мустақим манзур мегардад, аз бисёр масъалаҳои муҳимми рӯз, мушкилоти ҳаёти ҷумҳурӣ ва нақшаҳои ин ё он вазорату кумитаҳои ҷумҳурӣ ошно гаштем. Барномаи дигаре, ки дар ин марҳила ҷавобгӯ ба талаботи замон таҳия мешуду онро тамошобинон бесаброна ҳар як шумораашро интизорӣ мекашиданд, ин барномаи ҳуқуқии «Инсон ва қонун» буд, ки дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва аҳолӣ гузаронида мешуд. «Муаллифу муҳаррир ва коргардони ҳар як намоиши телевизионӣ ҳамон вақт аз кори худ қаноат ҳосил мекунад, ки намоишномаи ӯ ба бинандагон писанд ояду доираи ҳаводоронаш васеъ гардад. Муҳаррири сарредакцияи намоишҳои ҷамъиятӣ – сиёсӣ Зулфиддин Муъминҷонов яке аз он коркунони эҷодии телевизион аст, ки тавассути меҳнату заҳмати беандозааш имрӯз аз кори худ қаноатманд аст. Аз бозе, ки ӯ мураттабсозии намоиши «Инсон ва қонун»-ро ба ӯҳда гирифт, доираи ҳаводорони намоиш хеле васеъ гардид. Маҳз бо ташаббуси ӯ вохӯрии коркунони органҳои республикавии муҳофизати қонун бо меҳнаткашони республика ба роҳ монда шуд. Бинандагони оинаи нилгун чунин вохӯриҳоро бо меҳнаткашони шаҳру районҳои Орҷоникидзеободу Турсунзода тамошо карданд ва то чи андоза манфиатбахшу таъсиррасон будани онро хуб медонанд.

Намоиши навбатии «Инсон ва қонун» дар райони Ленин ба навор гирифта шудааст ва он 19 май, соати 22:20 дақиқа манзури бинандагон гардонида мешавад» [161]. Дар вақти сабти ин барнома, ки бо роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ баргузор мегардид, ҳама имкон доштанд, ки андешаи хешро бобати фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ гуфта, саволи худро пешниҳод намуда ба он ҷавоб гираданд. Бо ин амал арзу шикояти аҳолӣ дар ҷояш то 97-98 фоиз ҳалли худро меёфт ва шумори арзу шикоятҳои аҳолӣ ба телевизион ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кам мешуд. «Намоиши «Инсон ва қонун» он сол бевосита дар маҳалҳо сабт мегардид, масъулини идораҳои ҳифзи ҳуқуқи

ҷумҳурӣ бо мардум вомехӯрданд, ба арзу шикояти онҳо гӯш меандохтанд, баҳри ислоҳи норасоиҳо дар ҷояш чора меандешиданд. Дар аксар маврид садри ҷамъомадҳо мудири шуъбаи маъмурии КМ ПК Тоҷикистон Нурулло Ҳувайдуллоев буд. Муҳаррири барнома Зулфиддин Муъминҷонов умдатарин масъалаҳои баррасишударо бо шаҳру эзоҳи иловагии масъулин пешкаши бинандагон мегардонд» [121, с. 167-168].

Аз нав эҳёи анъанаҳои ниёгон тавассути бозсозӣ имконпазир гардида, 21-уми марти соли 1991 Телевизиони «Тоҷикистон» барои тачлили иди Наврӯз барномаи идонаро бо номи «Наврӯзнома» бо шакли мустақим дар ҳаҷми 12 соат манзури бинандагон гардонид. Аз соати 6:00-и саҳар то соати 18:00-и бегоҳ садҳо нафар сокинону меҳмонон ба Телевизиони «Тоҷикистон» омада, тамоми тоҷикистониёнро бо Наврӯз табрик менамуданд. Шоирон шеърхонӣ, актёрон бо ҳунарнамоӣ, ҳофизон бо сурудхонӣ ва раққосаҳо бо рақс кардан ба ҷашни бостонии тоҷикон шукуҳ мебахшиданд. Меҳмонони тоҷикзабон аз Афғонистону Эрон бо хурсандӣ ҷашни Наврӯзи Аҷам самимона табрик мекарданд. Ҷашни Наврӯз бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд доир шуда, дар баргузории он саҳми кормандони Телевизиони «Тоҷикистон» бениҳоят калон буд.

Дар 1-солагии мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ, Телевизиони «Тоҷикистон» 22 июли соли 1991 аз соати 10:00 то соати 24:00 «Марафони телевизионӣ»-ро мустақиман манзури бинандагон мегардонад. Аз тамоми гӯшаву канори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он шахсони гуногункасб ба телевизион омада, баромад карда, ба қадри имкон ба сандуқи «Хазинаи забони тоҷикӣ» маблағ мегузарониданд. Тавассути Телевизиони «Тоҷикистон» тачлилгирии Иди забони тоҷикӣ ба ҷашни умумимиллӣ мубаддал гардид.

Дар пойтахти Иттиҳоди Шуравӣ, шаҳри Маскав 19-уми августи соли 1991 Кумитаи давлатии вазъи фавқулодда (ГКЧП), баҳри бо роҳи табаддулотӣ пешгирӣ намудани шикасти СССР ташкил ёфт. Вале бо 21-уми августи соли 1991 бо сабаби аз тарафи умум дастгирӣ наёфтан шикаст хурд. Ин боиси барҳамхурии СССР ва як як Истиқлолияти давлатии худро эълон намудани

ҷумҳуриҳои дар тобеи Иттиҳоди Шуравӣ буда гашт. Депутатҳои Шурои Олии РСС Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 эъломияро дар хусуси Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як овоз қабул карданду Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол шуд.

Бозсозӣ имкон ба миён оварда, ки роҳбарони масъули давлат ва ҳукумат дар назди бинандагон дар барномаи мустақим ҳисобот дода, ба суолҳои онҳо ҷавоб гуянд. Мавзуъҳои доғи рӯз ва мушкилоти ҳаёти рӯзгор ба муҳокимаи умум манзур гардида, пешниҳоду андешаҳои бинандагон дар ҷараёни барномаи мустақим пешниҳоди бинандагон мегашт. Таҳия ва пешниҳоди ин намуд барномаҳои мустақим маҳз тавассути бозсозӣ ба амал омада, ба фаъолияти озодонаи журналистон имкони хуб фароҳам овардааст. Таваҷҷуҳи бинандагон ба барномаҳои мустақими Телевизиони «Тоҷикистон» зиёд гардида, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта аз тарафи масъулини мақомоти дахлдор назаррас мегардид. Зина ба зина таваҷҷуҳи мардуми кишвар ба телевизион зиёд гардида, дар он инъикоси соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ ба роҳ монда мешуданд. Тамошобинони Телевизиони тоҷик ҳар шом тавассути он аз рӯйдоду навигариҳои муҳимми ватаниву хориҷӣ бохабар мегаштанд. Азбаски телевизион аз рӯйдоду навигариҳои ҷумҳурӣ бо нишон додани навор аз ҷойи воқеа хабар медод, тамошобинон нисбат ба матбуоту радио бештар тамошои барномаҳои телевизионро меписандиданд. Дар телевизион барномаҳо аз соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ таҳия гардида манзури тамошобинон гардонида мешуданд. Бобати мавзуъҳои дар телевизион ба таҳлил кашида дар байни аҳолӣ андешаронӣ, баҳсу мунозира ва ибрози пешниҳоду таклифҳо ва бо ин ба миён омадани афкори умум ба мушоҳида мерасид. Ин вазъ мавқеи телевизионро дар байни дигар воситаҳои ахбори омма баланд намуда, ба минбари муҳимми хабариву таҳлилӣ мубаддал гардонидаст.

Хулоса, телевизион ҳамчун воситаи электронии ахбори омма охири солҳои 50-уми асри XX дар Тоҷикистон таъсис ёфта, дар байни матбуот ва радио бо таъсиси худ оҳиста-оҳиста нақшу мавқеи хешро баланд бардошта, ба яке аз воситаҳои муҳимми хабарии иттилоотии омма табдил ёфтаст. Тамошобинон

ҳар як барномаи телевизионии ватаниро бо шавқу завқ тамошо карда, дар атрофи масъалаҳои дар ин барномаҳо бардошташуда муҳокимаронҳо ва баҳсу андешаронҳо менамуданд. Андешаву пешниҳодҳои худро тариқи мактуб ва ё телефон ба идораҳои марбутаи телевизионӣ мерасониданд. Яъне байни телевизион ва тамошобинон иртиботи боварибахши корӣ барқарор шуда, ин кормандони телевизионро руҳбаланд ва бо масъулиятона таҳия намудани барномаҳо далолат мекард.

1.2. Пайдоиши барномаҳои соҳавӣ ва соҳаи тиб дар Телевизиони тоҷик

Вақте ки дар бораи журналистикаи соҳавӣ сухан меравад, мебояд, ки дар бобати мафҳуми соҳавият дар воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ, пайдоиш ва ташаккули он низ истода гузашт. Мафҳуми соҳавият дар журналистикаи тоҷик дар контексти назария ва амалияи журналистикаи ватанӣ фаҳмиши нав нест. Ин намуди журналистика дар оғози пайдоиши матбуоти даврӣ ҳарчанд ҷойи алоҳидаи хешро надоштааст, вале баъдтар бо ташаккул ва рушди матбуоти даврӣ, зарурияти таъсис ва пайдоиши он ба миён омадааст. «Мафҳуми журналистикаи соҳавӣ дар контексти назария ва амалияи рӯзноманигории ватанӣ истилоҳ ё фаҳмиши нав нест. Ин типи журналистика ҳарчанд дар ибтидои пайдоиши матбуоти даврӣ сарҳади худро надоштааст, аммо баъдтар бо ташаккули низоми матбуоти даврӣ, зарурияти таъсиси он пайдо шуд» [105, с. 43]. Хусусиятҳои ин намуди воситаҳои ахбори оммаро муҳаққиқон муайян намуда, азҷумла чунин гуфтаанд: Матбуоти соҳавӣ «Теъдоди кам, вале хоси гирандагон аст. Вобаста ба ин мавзуъ ва проблемаҳои он низ маҳдудтар мешавад»[129, с. 82]. Журналистикаи соҳавӣ дар Тоҷикистон аз матбуот оғоз шуда, дар радио ва баъдтар дар телевизион низ пайдо ва ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ бобати пайдоиш ва ташаккули матбуоти соҳавии тоҷик мухтасаран истода мегузарем.

Дар соҳаи воситаҳои ахбори оммаи тоҷик нахустин нашрияи даврии соҳавӣ «Дониш ва омӯзгор» буд, ки ба соҳаи маориф мансубият дошт. Ин нахустин нашрияи соҳавии омӯзгорие буд, ки «Баъди се (чор) шумора бо сабабҳои техникӣ аз чоп монд, баъди як сол - моҳи августи соли 1927 дар Самарқанд маҷаллаи «Дониш-биниш» аз чоп баромад, ки маҳз ин нашрия аввалин маҷаллаи имрӯзаи Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон «Маърифати омӯзгор» ва минбари адибони Тоҷикистон «Садои Шарқ» дониста мешавад»[94, с. 82]. Минбаъд вобаста ба инкишофи соҳаҳои муҳимми хоҷагии халқ, ҳамчунин воситаҳои ахбори омма нашрияњои дигари соҳавӣ ба мисоли рӯзномаҳои «Барои маорифи коммунистӣ» (нашрияи Вазорати маориф ва Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон, аз соли 1932 то соли 1938 «Барои маорифи коммунистӣ», аз 7 ноябри соли 1938 «Газетаи муаллимон», аз соли 1959 «Маориф ва маданият», аз соли 1981 боз «Газетаи муаллимон» ва аз соли 1989 «Омӯзгор»), «Барои нақлиёти сотсиалистӣ» (1932), «Маданияти Тоҷикистон» (нашрияи Вазорати маданият ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, 1981-1984, аз соли 1984 «Адабиёт ва санъат»), «Сухан» (нашрияи Иттифоқи журналистон Тоҷикистон, 1991), «Нарӯзи ватан» (ҳафтаномаи Вазорати ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1991) «Сомон» (нашрияи Бунёди байналмиллалии забони форси тоҷикӣ, 1991), «Варзиш» (рӯзномаи Кумитаи варзиши Тоҷикистон, 1990) «Баҳори Аҷам» (нашрияи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1998, аз соли 2024 «Фарҳанги Тоҷикистон»), «Андоз» нашрияи Кумитаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон), маљаллаҳои «Инқилоби маданӣ» (нашрияи ҳармоҳаи сиёсиву иҷтимоӣ, педагогиву методии Комиссариати халқии маорифи Тоҷикистон, 1931, аз соли 1937 «Револютсияи маданӣ», аз соли 1939 «Мактаби Советӣ», аз соли 1992 «Маърифат» ва аз соли 2006 «Маърифати омӯзгор»), «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (1932, аз соли 1938 «Шарқи сурх», аз соли 1964 «Садои Шарқ»), «Тоҷикистон» (нашрияи ҳармоҳаи ҷамъиятиву сиёсӣ ва адабию бадеии КМ ПК Тоҷикистон, 1956 то охири соли 1962), «Ҳуқуқшиноси шуравӣ» (1934), «Журналист» (Иттифоқи журналистони Тоҷикистон 1958), «Фарҳанг» (маҷаллаи Бунёди фарҳанги

Тоҷикистон 1991) ва ғайра рӯйи чоп омада, матбуоти соҳавии Тоҷикистонро ғанӣ ва рангоранг гардониданд.

Инчунин иловаҳои рӯзномаи «Овози тоҷик», «Раҳнамои мухбирон»-ро низ метавон ҳамчун нашрияи соҳавӣ номбар кард. Зеро ки он ҳарчанд иловаи рӯзномаи «Овози тоҷик» буд, вале ҳамчун нашрияи алоҳида фаъолият мекард ва чи хеле, ки муаллифони китоби «Таърихи журналистикаи тоҷик» қайд намудаанд: «Дар воқеъ мактаби таълиму тарбияи мухбирони деҳоти тоҷик гардид» [115, с.128]. Дар даҳсолаи нахустини ташаккули матбуоти даврии замони шуравӣ фаъолияти рӯзноманигорон то андозае хусусияти умумӣ доштааст. «Ба зиммаи соҳибони касб вазифаи муҳаррирӣ, ноширӣ, публитсистӣ, котиби редаксия будан ва иҷрои дигар корҳо вогузошта мешуд» [115, с. 33]. Дар ин давра журналистон дар фаъолияти худ якчанд корро ба иҷро мерасониданд. Дар мавзуъҳои гуногун мақола менавиштанд, ба кори таҳрир машғул мешуданд, баъзан дар саҳифабандиву ороиши рӯзнома низ саҳм мегирифтанд.

Агар дар марҳалаҳои оғози рушди матбуоти даврии тоҷик ҳайати кормондани эҷодии нашрияҳои даврирo асосан муаллимону адибон ва мухбирони коргару деҳқон ташкил медоданд, дар марҳалаҳои минбаъда, яъне дар солҳои 60-70-уми асри XX ба журналистикаи амалӣ мутахассисони соҳаҳои гуногун, ки қобилияти доир ба масъалаҳои иҷтимоӣ фикр кардан ва навиштанро доштанд, дохил гардиданд. Аз як тараф ин барои пурра гардидани шуъбаҳои нашрияҳои даврӣ бо кадрҳои тахассусӣ замина гардад, аз тарафи дигар, ба касбӣ ва ҷолиб гардидани мазмуну мундариҷаи мақолаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо мувофиқат менамуд. Бо фаъолияти касбии мутахассисони соҳаҳои гуногун, ки ҳайати эҷодии нашрияҳои даврирo ташкил медод, ҷараёни оммавӣ гардонидани ҳаёти иҷтимоиву истеҳсолии соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ рангин ва суръати нав пайдо мекард. Дар баробари ин таъйинот ва доманаи фаъолияти журналистон нисбатан мушаххас мегардид. Оҳиста-оҳиста симои эҷодии журналистон аз рӯйи соҳа шакл мегирифт. Дар ин бобат муҳаққиқи соҳаи матбуот, профессор М. Муродӣ чунин ибрози андеша намудааст:

«Ташаккули журналистикаи соҳавӣ дар ду самт сурат гирифтааст. Самти аввал пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврӣ дар ин ё он соҳаи мушаххас (чунончи дар боло ишора шуд) мебошад, ки доираи фаъолияташон ва мундариҷаву муҳтавояшон нисбатан маҳдуд аст. Таъйинот ва вазифаи ин типи нашрияҳои даврӣ на танҳо инъикоси паҳлуҳои гуногуни ҳаёти соҳаи муайян, балки тавассути чопи матолиби тахассусӣ мусоидат кардан ба такмили фаъолияти касбии кормандони соҳа низ мебошад. Ба ибораи дигар, ин типи нашрияҳои даврӣ аз нигоҳи таъйинот як навъ минбари бозомӯзӣ, ташаккул ва вусъати ҷаҳонбинии касбиву иҷтимоӣ ва малакаҳои эҷодӣ аст. Ҳамзамон вазифаи дигари ин типи матбуоти даврӣ оммавикунонии «ҷаҳони худӣ» мебошад» [112, с. 45]. Яъне матбуоти соҳавӣ бобати ташаккули як соҳаи муайян, маълумоти муфассал пайдо намудани аҳолӣ нисбати ин соҳа дар оғоз дар мавод ва саҳифаҳои алоҳидаи рӯзномаҳо, сипас дар рӯзномаҳои алоҳида нашр гардида, муштариёни хешро пайдо намудааст.

Ҳамин маврид барҷост ба хотир орем, ки 3-юми октябри соли 1959 аввалин барномаҳои Телевизиони «Тоҷикистон» бо забони тоҷикӣ пешниҳоди тамошобинони нахустин гардонида шуда буд. Бегоҳи 3-юми октябр соати 18:00 наттоқ Рафоат Абдусаломова бо забони тоҷикӣ дар экрани оинаи нилгуни тоҷик пайдо шуда, бобати ба фаъолият оғоз кардани аввалин телевизиони тоҷик хабар расонид. Сипас хабарҳои муҳим дар ҳаҷми 3 дақиқа манзури бинандагон мешаванд. Дар анҷом филм бо номи «Чароғ дар кӯҳсор» истеҳсоли «Тоҷикфилм» бо забони тоҷикӣ пешниҳоди бинандагон гардонида мешавад. Намоиши барномаҳои Телевизиони тоҷик, дар рӯзи нахустини фаъолияташ дар ҳудуди якуним соат давом карда, ба анҷом расидааст.

Таъсиси телевизион ҳамчун воситаи ахбори омма дар Тоҷикистон дар замони Иттиҳоди Шуравӣ зарурати ҳамон замон ба ҳисоб меравад. «Ҳар як ҷомеа, новобаста ба таъйиноти сохториаш, бидуни матбуот пеш рафта ё тараққӣ карда наметавонад. Дар тамоми давру замон қудратҳои сиёсӣ орзую

омол ва ақидаҳои мафкуравии худро танҳо ба воситаи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма байни мардум тарғибу ташвиқ намуда, ҳамзамон ниятҳои худро амалӣ мекарданду мекунанд. Аз ин рӯ, дар ҳар давраи муайяни таърихӣ таъсис ва ташаккули матбуоти даврӣ вобаста ба вазъияти сиёсӣ ва идеологии ҳамзамон сурат гирифтааст» [127, с. 273]. Пайдоиш ва фаъолияти воситаи электронии нави ахбори омма таваҷҷуҳи мардумро ба худ ҷалб мекард. Мақсади таъсиси телевизион ҷалби бештари аҳолӣ ба шумор мерафт. «Агар ба пайдоиш ва рушди радио ва телевизиони замони Шуравӣ назар андозем, бидуни шакку тардид дармеёбем, ки аз ибтидо талош ва таваҷҷуҳ самти дарёфти ҳарчи бештари шунавандаву бинанда равона будааст» [115, с. 236]. Рӯз ба рӯз ба намоишҳои Телевизиони тоҷик таваҷҷуҳи тамошобинон зиёд мешуд. Дар солҳои аввал намоишҳо асосан мустақиман пешниҳоди бинандагон гардонида мешуданд, зеро имкони сабти он мавҷуд набуд. Бо ҳамин сабаб аз намоишҳои дар давраи якум солҳои 1959 то 1970 таҳияшуда, бойгонии намоишҳо боқӣ намондааст.

Давраи дуюми фаъолияти Телевизиони тоҷик ба солҳои 1970-1985 рост омада, ба давраи рушд ворид шудааст. «Соли 1970 Телевизиони тоҷик бо техникаи нави сабти барномаҳо таъмин шуд, шароити нисбатан беҳтар ҷиҳати босифат пахш намудани барномаҳо ба вуҷуд омад, ҳарчанд мушкилоти техникӣ пурра аз байн нарафт» [121, с. 74]. Дар ин давра ҳаҷми пахши барномаҳо то ба 7 соат расонда мешаванд. Бо шароити ба миён омадани сабти пешакии намоишҳои телевизионӣ талабот ба касбиёна таҳияи барномаҳо зиёд мегардад. Намоишҳои телевизионии ғайрикасбӣ таҳияшуда, барои ислоҳ гардонида мешуданд. Ин масъулияти таҳиягарони барномаҳоро баланд намуда, барои таҳияи намоишҳои босифат мусоидат менамуд.

Давраи бозсозӣ ва ба Истиқлолияти давлатӣ расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба солҳои 1985-1991 рост омада, марҳилаи сеюми фаъолияти Телевизиони «Тоҷикистон» ба ҳисоб меравад. Байни тарафдорони низоми пешина бо ислоҳхоҳони замони нави бозсозӣ тавассути ошкорбаёнӣ дар

воситаҳои ахбори омма, мубориза ба хусус дар шабакаҳои телевизионӣ ба авҷи аълояш мерасид.

Бо гузашти айём ва талаботи замон дар соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ силсилабарномаҳои соҳавиӣ таҳия ва манзури тамошобинон гардонида мешуданд. Солҳои аввал асосан барномаҳои иттилоотӣ, консертҳо, спектаклҳо ва кинофилмҳо бо забонҳои тоҷикиву русӣ намоиш дода мешуданд. Минбаъд вобаста ба соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоии кишвар барномаҳои соҳавӣ низ таҳия ба пешниҳоди бинандагон мегардид. Дар солҳои аввали таъсиси телевизион дар Тоҷикистон баҳри тайёр намудани барномаҳои соҳавӣ ихтисосмандони соҳае, ки дар бораи он барнома таҳия мегардид, ҷеғ зада мешуданд. Ҳатман барандаи он шахсе интихоб карда мешуд, ки сухандон, донишманд ва мутахассиси варзидаи соҳа ва чеҳраи телевизионӣ дошта бошад.

Аввалин барномаи соҳавии Телевизиони «Тоҷикистон», ки ба соҳаи фарҳанг бахшида шуда буд, маҷаллаи телевизионии «Баҳористон» ба шумор меравад, ки 21-уми сентябри соли 1964 тариқи эфир пахш карда шудааст. Он дар ҳаҷми 40 дақиқа таҳия гардида, аз чор саҳифа иборат буда, дар мавзуи адабӣ-фарҳангӣ мебошад ва муҳимтарин рӯйдодҳои ин соҳаро инъикос мекунад. Саҳифаи якум ба шоире, ки аз китоби нав чопшудааш шеър мехонад, бахшида шудааст. Саҳифаи дуюм бошад, аз омодагии театр барои спектакли нав ва дар саҳифаи сеюм аз коргоҳи рассом сюжете манзур карда шудааст. Дар охир тамошобин бо фаъолияти муассисаи фарҳангӣ-фароғатӣ ошно карда мешавад. Усули кутоҳбаёнии дар сюжетҳо барои тамошобин дилгиркунанда нагардида, баракс ҷолиб мебошад, ки сабаби солҳои зиёд мақбули тамошобинон гардидани ин барнома шудааст.

Аввалин нашри барномаи «Нештар» дар Телевизиони тоҷик 6 апрели соли 1965 манзури бинандагон шудааст, ки ҳаҷми он 45 дақиқа буда, дар он норасоиҳои рӯзмарраи зиндагӣ бо мисолҳои аниқ аз ҷойи воқеии камбудидошта бо видеонавор нишон дода шуданд. Барнома бо номи «Душанбе» ҳар моҳ 2 маротиба аз оғози соли 1966 бо забонҳои тоҷикиву русӣ дар ҳаҷми 1 соат манзури бинандагон гардонида шудааст, ки ба шаҳри

Душанбе пойтахти Тоҷикистон бахшида шудааст. Студияи таълимии «Дониш» бошад, аввали соли 1968 таъсис ёфта, ки ҳар ҳафта 3 маротиба дар ҳаҷми 30 дақиқагӣ бо забонҳои тоҷикиву русӣ ба хонандагони мактабҳои миёна машғулиятҳои дарсии телевизионӣ гузаронида мешуданд. Омузгорони беҳтарини ҷумҳурӣ дарсҳои телевизионӣ мегузарониданд. Барномаи соҳавии мазкур давоми ду даҳсола ба эфир пахш кардашуда, дар баланд бардоштани дониши хонандагони мактабҳои миёна нақши муҳим бозидааст.

Барномаи соҳавии «Беғараз панд ҳамчу қанд бувад» 28-уми феврали соли 1969-ум (аз 19-уми сентябри соли 1970 бо номи «Беғараз панд») дар идораи барномаҳои бадеӣ дар муҳарририи Бобо Ҳоҷӣ ва режиссёрии Шодибек Отамбеков бо барандагии актёр Маҳмуд Тоҳирӣ бо саҳначаҳои ахлоқӣ манзури тамошобинон гардонида мешуд, ки мақбули тамошобинон гардида, солҳои зиёд дар Телевизиои тоҷик пахш шудааст. Барномаи дигари соҳавӣ оид ба эҷодиёти халқ бо унвонии «Чашма» дар бораи ҳунарҳои мардумӣ дар ҳаҷми 50 дақиқа аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таҳия гардида, санаи 1-уми сентябри соли 1970 аввалин шумораш манзури бинандагон карда мешавад. 18-уми декабри соли 1970 аввалин барномаи соҳавии «Саёҳат бо кинокамера» дар ҳаҷми 1 соат ба бинандагон пешниҳод карда мешавад. Ин ду барномаи соҳавӣ дар Телевизиони тоҷик барномаҳои дарозумртарин ба ҳисоб меравад.

Барномаи соҳавии «Чойхонаи дилкушо» 31-уми марти соли 1970 манзури бинандагон гардонида шудааст. Ин барнома бо иштироки актёрони мазҳака сари як пиёла чой дар чойхонаи телевизионӣ, маҳфили ҳаҷв барпо намуда, таъби бинандагонро шод менамуд. Сардори чойхонаи телевизионӣ актёр Маҳкам Ҳоҷиқулов, чойхоначӣ актёр Раҳим Қодиров ва коргардони ин барнома Музаффар Ғаниев бо хандаву шухӣ дар давоми 1 соат маҳфили телевизионро мегузаронанд. 11-уми апрели соли 1971 якумин барномаи соҳавии клуби «Дугонаҳо», ки ба ҳаёти бонувони Тоҷикистон бахшида шуда буд, ба эфир пахш гардидааст. «Он аввалин намоиши бадеӣ-публисистӣ дар телевизиони миллӣ маҳсуб мегардад. Дар он нишонаҳои шоу-барномаҳо падидор буд. Намоиш бо суруди «Дугонаҷон» (шаъри Абдумалик Баҳорӣ,

оҳанги Яқуб Сабзанов) бо овози сарояндаи бомаҳорат Нуқра Раҳматова шуруъ мешуд:

Дугонаҷон, дугонаҷон,
Биё, ба мо тарона хон.
Ту навниҳоли боғи мо,
Ба базми мо, чароғи мо» [121, с. 79].

Ин барномаи соҳавӣ пурра ба мавзуи бонувон бахшидашуда, яке аз сертамошобинтарин барномаи Телевизиони тоҷик ба шумор мерафт. Тамошобинон ҳар як шумораи навбатии онро бесаброна интизор мешуданд. Ба телевизион мактуб навишта талаб мекарданд, ки ин барномаро такроран намоиш диҳанд. Зеро дар он «Рӯзгори занону духтарон, ҳаёти меҳнатию оилавӣ, иқтисодию иҷтимоии онҳо, пешрафту мушкилоти кори бонувон дар ин барнома матраҳ мешуд, саҳначаҳои кутоҳ аз ҳаёти занону духтарон, рақсу таронаҳои дилкаш дар фосилаҳо онро боз ҳам ҷолибу тамошобоб менамуданд. Клуби «Дугонаҳо» меҳмони бонувони шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ гардида, дар ҳалли проблемаҳои ҳаёти онҳо саҳм мегирифт. Давоми қариб бист сол беш аз 200 шумораи клуби номбурда манзури бинандагон гардид, муаллифон Рафоат Абдусаломова, Саёҳат Неъматова, Турсунпулод Аминҷонов, коргардонҳо Абдуллоҷон Ғаффоров, Ҳалим Сангинов, Баҳром Сайфиддинов барои шавқангез баромадани ҳар як шумораи он ҷидду ҷаҳд менамуданд ва ба матлаб мерасиданд» [121, с. 79-80]. Барномаи соҳавии дигар дар соҳаи ҳуқуқ, барномаи муаллифии муҳаррири идораи барномаҳои ҷамъиятӣ-сиёсии Телевизиони «Тоҷикистон» Зулфиддин Муъминҷонов бобати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии бинандагон, тарғибу риояи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инъикоси ҷараёни мурофиаҳои судӣ ва ҷавоб гуфтан ба уолҳои тамошобинон аз оғози соли 1984 дар эфир пахш мегардад, барномаи ҳуқуқии «Инсон ва қонун» мебошад.

Барномаи дигари соҳавие, ки ба яке аз соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоии кишвар, соҳаи тибро фаро гирифтааст, ин барномаи соҳавии «Тандурустӣ»

мебошад, ки моҳи ноябри соли 1964 аввалин шумораш дар эфири телевизион пахш гардидааст.

Ин барнома дар жанри таҳлилии суҳбат таҳия гардидааст.Бо мақсади он, ки мавзуи тиббӣ ба аҳолӣ фаҳмонда дода шавад. Бояд таъкид намоем, ки дар солҳои аввали таъсиси телевизион дар Тоҷикистон баҳри тайёр намудани ин барнома кормандони ботаҷрибаи соҳа, ки дониши хуби тиббӣ дошта, бемалол суханронӣ карда метавонистанд, даъват мешуданд. Ҳатман барандаи он шахсе интихоб мегардид, ки сухандон, донишманд ва мутахассиси варзидаи соҳа ва чеҳраи телевизионӣ дошта бошад. Яке аз чунин мутахассисон, ки солҳои зиёд ҳамчун барандаи маҷаллаи телевизионии «Тандурустӣ» дар телевизиони тоҷик дар байни бинандагон маҳбубияти зиёд дошт, мутахассиси варзидаи соҳаи тиб, доктори илмҳои тиб Умринисо Сироҷиддинова буд. Ин бонуи хушсухан ва зебочеҳра ва донишманди соҳаи тиб ба барномаи «Тандурустӣ» аз соҳаҳои мухтарифи тиб мутахассисони варзидаро даъват намуда, дар бораи роҳҳои пешгирӣ ва табобати бемориҳои гуногун маслиҳатҳои муфид медод, ки он ба бинандагон хуш меомад. Ин буд, ки мардум шумораҳои навбатии маҷаллаи телевизионии «Тандурустӣ»-ро бесаброна интизор мешуданд. Тамошобинон ба телевизион мактуб навишта хоҳиш мекарданд, ки барномаи ба эфир рафтаи «Тандурустӣ»-ро такроран нишон диҳанд, ё ки дар бораи ягон беморӣ барнома таҳия намуда пешкаши бинандаҳо гардонанд. Яъне мухлисони ин барнома рӯз ба рӯз зиёд шуда, дар атрофи он баҳсу муҳокимаҳои муфид ба амал меомад.

Бо пайдоиш ва ташаккул ёфтани шабакаи телевизионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ барномаҳои соҳавӣ таҳия карда мешуданд. Дар ингуна барномаҳо кормандони ботаҷрибаи ҳамон соҳа иштирок ва суханронӣ мекарданд ва он пешниҳоди бинандагон карда мешуданд. Аксарияти ингуна барномаҳои соҳавӣ солҳои бисёр мешавад, ки таҳия ва пешниҳоди бинандагон гардонида мешаванд. Талаби замони муосир аст, ки доир ба соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои олии ҷумҳурӣ журналистони соҳавӣ тарбия карда шаванд, то ки бо кормандони соҳаи муайян ҳамчун донандаи соҳа суҳбат карда, бобати соҳае бо донистани

нозукиҳои он барномаи хуби телевизионӣ тайёр карда тавонанд. Бо омода намудани рӯзноманигорони соҳавии телевизионӣ барномаҳои соҳавӣ ҷолибу нишонрас, пурмазмуну шавқовар ва кӯмаккунандаи рушди соҳаи алоҳидаи муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ мегарданд. Бо пайдоиш ва ташаккули хеш телевизион байни воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зина ба зина нақшу мавқеъ пайдо карда, воситаи муҳимми электронии ахбори омма гардидааст. Натиҷаи ҳамин аст, ки имрӯзҳо ҳамагон барномаҳои телевизиониро тамошо мекунанду ин шабака инъикоскунандаи ҳақиқии ҳаёти воқеии ҷомеа гардидааст.

Ташаккулу рушди касбии шабакаи телевизионӣ дар марҳилаи сеюми он ба солҳои 1985-1991 рост меояд. Баррасии мавзуъҳои ниёзи мардум ва шикастани қолабҳои шаблониву шахшуда, ба худшиносиву худогоҳии миллӣ рӯ оварда, бо таъсири бозсозӣ, ки барои ошкорбаёнӣ роҳ кушод дар Телевизиони «Тоҷикистон» шароит ба амал омад. Мебояд қайд намуд, ки ташаббусҳои журналистони Телевизиони «Тоҷикистон» барои ҷалби бинандагону ҳалли масъалаҳои доғи рӯз, ки то ин вақт ба муҳокима мондану баррасии кардани он имконпазир набуд мебошанд.

Таъсису ба фаъолият шуруъ намудани телевизионҳои ғайридавлатии маҳаллӣ дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон такони ҷиддие ба телевизионии давлатии гардид гардид. Яккаҳукмронии Телевизиони «Тоҷикистон» аз байн рафт. Ин боиси аз хотирҷамъӣ баромада, ба ҳаракат даромадани журналистони телевизионҳои давлатӣ гардид. Инчунин ин сабаби таъсиси чандин шабакаҳои телевизиони соҳавии давлатӣ дар ҷумҳурӣ ва бо техникаи рақамӣ муҷаҳҳаз ва ба моҳвора пайваст шудани онҳо гардид.

Вақти ба кор оғоз намудани муассисаҳои давлатии телевизионии «Синамо», «Варзиш» ва Академияи воситаҳои ахбори омма, 1-уми марти соли 2016 дар суханронии хеш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намуданд: «Ман аз замони таъсису ташаккулёбии ин ниҳод доим таъкид менамоям, ки телевизион бояд симои миллӣ дошта бошад ва дар фаъолияти худ ба тақлиду нусхабардорӣ роҳ

надиҳад. Одоби касбии рӯзноманигорӣ, холисона баррасӣ намудани масъалаҳои дар ҷомеа рухдода, беғаразона инъикос намудани онҳо, симои зоҳирӣ ва риояи меъёрҳои ҷаҳонии соҳа бояд қатъиян риоя карда шавад.

Бахусус, дар таҳияи матнҳои мукаммали санҷидашуда ва услуби баён, маводди таҳлилии нишонрасу саривақтӣ ва риояи меъёрҳои забони давлатӣ аз кормандони соҳа дониши мукаммали таҳлилӣ ва сатҳи баланди касбиро тақозо менамояд» [173]. Ин таъкиди Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тақозои онро дорад, ки дар замони пурталотуми муосир бояд дар шабакаҳои телевизионии ватанӣ журналистоне фаъолият намоянд, ки дорои дониши касбии соҳавӣ бошанд. Дониши касбии журналистӣ имрӯз басандаи он нест, ки ба талаботи давру замон ҷавобгӯ бошад. Замоне расидааст, ки дар баробари касби журналистиро аз худ кардан, боз зарур аст, ки соҳаеро низ бояд мисли мутахассиси он соҳа аз бар намоӣ, яъне журналистӣ соҳавӣ бояд бошӣ. «Бе омодагии пешакӣ барои таҳияи намоиш нишастани журналистон масъалаи аз ҳама асосӣ мебошад. Ин масъала низ борҳо гуфта шуда буд, вале ҳоло низ мебинем, ки як нафар имрӯз барномаи кишоварзӣ, фардо барномаи мусиқӣ, рӯзи дигар аз иқтисодиёти ҷаҳон ва бӯҳрони молиявӣ суҳбат мекунад.

Ин камбудӣ агар аз нарасидани кадр бошад, пас бояд журналистон ҳанӯз аз курсии донишҷӯӣ ба тахассусҳои алоҳида ҷудо карда шуда, ба таври мақсаднок доир ба масъалаҳои иқтисодиву ҳуқуқӣ, ҳарбиву сиёсӣ, фарҳангу маориф ва дигар бахшҳо маълумоти кофӣ пайдо кунанд ва ҳангоми суҳбат аз умумигӯиҳое, ки мардум аз онҳо дилбазан мешаванд, худдорӣ намоянд» [173]. Доири ҳалли ин масъала Президенти кишвар сад дар сад ҳақ ҳастанд. Вақти он расидааст, ки дар донишгоҳу донишкадаҳои омодакунандаи кадрҳои журналистӣ дар ин бобат чораҳои мушаххас андешанду бобати аз курсиҳои донишҷӯйӣ вобаста ба соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ тайёр намудани журналистони оянда кушиши хешро ба кор баранд. Зеро журналисте, ки як соҳаро намедонад, дар бораи он соҳа бо мутахассиси ин соҳа ҳамсуҳбат шуда наметавонад ва ё дар бораи ин соҳа барномаи касбии телевизионӣ таҳия

намуданаш амри маҳол аст. Вақте шудааст, ки рӯзноманигорони соҳавӣ омода карда шаванд, зеро «Намоишҳои телевизион бояд тамошобини худро ба иҷрои корҳои неку созанда роҳнамоӣ кунанд, дар ниҳоди онҳо эҳсоси ватандӯстиву муҳаббатро ба сарзамини биҳиштосоямон ҷой дода, ахлоқу одоби ҳамида ва сифатҳои неки инсониро тарғиб карда тавонанд» [173]. Ин гуфтаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба касбияти кормандони телевизион, мувофиқ ба талаботи замон фаъолият намудани онҳо бахшида шуда, ислоҳи камбудиҳои дар шабакаҳои телевизионии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойдоштаро тақозо менамояд. Ҷойи таъкид аст, ки вобаста ба ҳалли ин масъала гурӯҳи олимон дар факултети журналистикаи телевизион ва радиои Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода соли ҷаҳорум аст, ки тибқи Лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотии «Масъалаҳои тарбияи кадрҳои баландихтисосси журналистикаи соҳавии телевизион (солҳои 2022-2026)» корҳои таҳқиқотӣ бурда истодаанд. Рисолаи диссертатсионии мо низ дар мавзуи «Инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион (дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе»)» дар доираи ҳамин лоиҳа буда, ба рушду такомули барномаҳои соҳавӣ, тарбияи журналистони соҳавӣ бахшида шудаанд. Инчунин вобаста ба амалӣ шудани «Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024» ва «Барномаи давлатии рушди телевизион ва радио дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» фарогирии аҳолии ҷумҳурӣ бо пахши рақамии барномаҳои телевизиони давлатӣ ба 81,25 % расонда шудааст.

Замони пурталотуми ҷаҳонишавӣ, рушди кайҳонии шабакаи Интернет ва технологияҳои иттилоотӣ сабаби ба амал омадани талаботи нав дар таҳияи барномаҳои телевизионӣ шудааст. Бо Истиқлолияти давлатиро соҳиб шудани Тоҷикистон бо ташаббус ва дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи телевизион пешрафту ташаккул ёфт. Як қатор шабакаҳои телевизионии соҳавӣ таъсис дода шуданд. Шабакаҳои телевизионҳои соҳавии «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо», «Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Синамо», «Варзиш»,

«Футбол», «Шаҳнавоз», «Илм ва табиат» ва «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ба фаъолият даромада, вобаста ба соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоии кишвар ҳамчун шабакаҳои телевизионии соҳавӣ фаъолияти бурда истодаанд. Тамошобинони тоҷик имрӯз имкон пайдо намуданд, ки барномаҳои соҳавиро дар шабакаҳои алоҳидаи соҳавии телевизионӣ тамошо кунанд. Инчунин дар баробари шабакаҳои ҷумҳуриявии соҳавӣ барномаҳои телевизионҳои шаҳриву ноҳиявӣ ва мамлакатҳои хориҷиро бо хоҳиши худ интихобан тамошо намоянд. Ин боиси он гардидааст, ки кормандони эҷодиву техникии шабакаҳои телевизионии ватанӣ барои аз даст надодани тамошобинони хеш кӯшиш барои таҳияи барномаҳои ҷолибу нишонрас ва касбӣ менамоянд. Касбияти худро бобати донистану истифода бурда тавонистани технологияҳои рақамӣ ва бозомӯзии махсусиятҳои журналистикаи соҳавӣ баланд мебардоранд.

Дар ҳамин маврид мебояд таъкид кард, ки замони муосири ҷаҳонишавӣ пешрафти бесобиқаи технологияи иттилоотӣ вазифа ба миён овардааст, ки кормандони эҷодиву техникии шабакаҳои телевизионӣ бозомӯзӣ намуда, истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ ва муҳимтар аз он журналистикаи соҳавиро омӯзанд. Зеро махсусиятҳои як соҳаро надониста дар бораи он барномаи телевизионӣ таҳия намудани журналист ғайрикасбӣ будани ӯро нишон медиҳад. Суҳбат бо мутахассиси соҳаи муайян он вақт гуворон ва табии мешавад, ки журналист хусусиятҳои хоси ҳамон соҳаро ба хубӣ донад. Ба мутахассиси соҳа суолҳои касбӣ дода тавонад. Андешаҳои хешро бобати ин соҳа чун донандаи он босаводона баён карда тавонад. Вақте ки мутахассиси соҳа эҳсос мекунад, ки журналист аз нозукиҳои соҳаи ӯ бохабар аст, ӯ кӯшиш ба харҷ дода, ҳаракат мекунад дониши баланд доштани худро дар ин соҳа бо баёни таҷрибаҳои бисёрсолаи худ ва корҳои шоистааш исбот созад. Яъне суҳбати касбӣ кунад. Дар ин ҳол барномаи соҳавӣ ҷавобгӯ ба талабот гашта, мақбули тамошобин мешавад. Махсусиятҳо ва нозукиҳои соҳа ба тамошобинон кушода дода мешавад. Бо ин барномаи соҳавӣ ҷолиб ва нишонрас мегардад. Вобаста ба ин дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии Телевизиони тоҷик аз оғоз аз тарафи масулини телевизион диққати ҷиддӣ дода

шудааст. Зеро мавзуъҳои соҳаи тибб аз мавзуъҳои муҳимтарини ҳаёти иҷтимоӣ ва барои инсон заруртарин ба шумор мераванд. Пешгириву табобати бемориҳо, интихоби тарзи ҳаёти солим, кӯмаки саривақтӣ расонидан, шароити лозимии табобатӣ муҳайё намудан ва дигар чораҳои заруриро бобати сиҳатии аҳолии кишвар ба роҳ мондан аз вазифаҳои стратегии давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки дар амалӣ намудани ин вазифаҳо барномаҳои соҳавии тиббии телевизион нақши калидӣ мебозанд.

Шабакаи Телевизиони «Тоҷикистон», дар давоми 65 соли фаъолияти худ, ба хусус дар 34 соли Истиқлолияти давлатӣ чандин даврaҳоро гузашта, ба як воситаи электронии ахбори оммаи пурқуввати таъсиркунандаи ҳаёти иҷтимоӣ мубаддал шудааст. Дар ин муддат шабакаи телевизионӣ бо барномаҳои гуногунсоҳаи худ дар таъмини аҳолӣ бо иттилооти муҳимми ватаниву хориҷӣ, таҳлилу баррасии мавзуъҳои рӯз, тарбияи хештаншиносиву ватандӯстивӣ ва муҳимтар аз ҳама таъмини амнияти иттилоотии кишвар дар умум баҳри ба Истиқлолияти давлатӣ расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноил шудан ба пешрафту тараққиёт дар соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ нақши босазоеро ба анҷом расонидааст, ки дар ин кори муҳим барномаҳои соҳавӣ аз ҷумла барномаҳои соҳавии ба мавзуъҳои тиббӣ бахшидашуда, нақши ҳалкунанда ва созанда бозидаанд.

БОБИ II
ТАҲАВВУЛИ ТЕЛЕВИЗИОН ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Ташаккул ва рушди телевизион дар замони Истиқлол

Тоҷикистон аз марҳилаи соҳибистиқлолиро ба даст овардан – 9-уми сентябри соли 1991-ум то рӯзи имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ- 27-уми июни соли 1997-ум марҳилаи масъулиятнок ва сарнавиштсози Телевизиони «Тоҷикистон» ба шумор меравад. Аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон муборизаи пуршиддати сиёсӣ байни қуввахои кӯҳнаву нави ҷомеа шиддат мегирифтанд. «9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон Истиқлолияти давлатиашро эълон намуд ва соҳибистиқлол шуд. Аз ҳамин давра ба баъд дар системаи сиёсӣ ва иқтисодиву мадании Тоҷикистон дигаргуниҳои бузурге ба амал омаданд, ки моҳияташон мустақилиятро ифода мекард. Дар соҳаи журналистика ин масъала ба пурра барҳам хӯрдани системаи мутлақи матбуоти ҳизбию шӯравии тоҷик мутобиқ аст» [115, с. 253]. Номутадилии вазъияти сиёсӣ ба кори кормандони Телевизиони «Тоҷикистон» халал мерасонд. Тайёр намудани барномаҳои ба талаботи нав мувофиқ дар чунин вазъият душвор буд. Ин ҳолат боис мешуд, ки давраи ҷанги шаҳрвандӣ гурӯҳҳои муайян бобати ба ба даст даровардани шабакаи телевизионӣ кӯшиш менамуданд.

«Сентябри соли 1991-декабри соли 1992. Дар ин давра озодии сухан хеле доманадор буда, ҳатто ба ҳадди анархия мерасид. Сабаби аслии он адами ҳукумат, шурӯи муқовимати сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ буд. Дар ин давра ҳатто матбуоти давлатӣ зидди давлат баромад мекард» [115, с. 256].

Гурӯҳи ҷавонони тарафдори оппозитсия 5-уми майи соли 1992 –ум Телевизиони «Тоҷикистон»-ро ба даст гирифтанд. Роҳбарияти навтаъиншудаи Ширкати давлатии телевизион ва радиои Тоҷикистон дар давраи Ҳукумати Мусолиҳаи Миллии Тоҷикистон онро «Телевизиони мардумӣ» эълон карда, дар

аввал кӯшиш намуданд, ки телевизионро ба минбари озоди ҳамаи қисматҳои ҷомеа табдил диҳанд. Аммо он зина ба зина ба тарғиби зидди муқобилони Ҳукумати Мусоҳилаи Миллӣ табдил ёфт. Сияҳкор шуморидани тарафи муқобил, паст задани шаъну шарафи Президенти Тоҷикистон бо тарафдоронаш, ба тарзи ҳамешагӣ ба роҳ монда мешуданд. Қисмати асосии барномаҳои телевизион характери динӣ ва сиёсӣ пайдо карда, видеонаворҳои ғорату куштор ва таҷовузу бераҳмӣ манзури тамошобинон мешуданд. Аз 5-уми майи соли 1992-ум оғоз карда, якчанд воситаҳои ахбори омма, махсусан радио ва телевизион, ки давлатӣ ҳисобида мешуданд, ақидаи оппозитсияро, ки ба ҳайати ҳукумат ворид шуда буд, ифода мекард. Мақоми Президентро эҳтиром намекард. Дар моҳҳои октябру ноябр ин воситаҳои ахбор умуман худро мустақил дониста, ба касе гӯш намедод. Аксари воситаҳои ахбори омма ба танқиди Ҳукумати Тоҷикистон машғул буданд. Ширкати давлатии телевизион ва радиои ҷумҳурӣ 21 октябри соли 1992 барҳам дода шуда, Кумитаи давлатии телевизион ва радиои Тоҷикистон аз нав барқарор карда шуд.

Дар Қасри Арбоби колхози ба номи Саидхуҷа Урунхоҷаеви ноҳияи Хуҷанди вилояти Суғд (собиқ вилояти Ленинобод) Сессияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум аз 16-уми ноябри соли 1992 то 2-юми декабри соли 1992 баргузор шуд. Вакилони Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмоновро 19-уми ноябри соли 1992 Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карданд. Қадамҳои мустаҳками нахустини бунёди давлатсозӣ аз ҳамин вақт оғоз шуда, баҳри барқарорсозии Ҳукумати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуданд. 2-юми декабри ҳамон сол тасдиқи сохтори Ҳукумати Тоҷикистон ба амал баровардашуда, дар баробари он Бобоҷон Икромов раис ва Иброҳим Усмонов ҷонишини аввали Кумитаи давлатии телевизион ва радиошунавонии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шуданд. Бо ин марҳилаи нави барқарорсозии Телевизиони «Тоҷикистон» оғоз шуд. Ба воситаҳои ахбори омма дар баробари мустаҳкамсозии сохторҳои муҳиму асосии давлатдорӣ дар ин замон таваҷҷуҳи бениҳоят зиёд зоҳир карда шуданд.

Сохтори Кумитаи давлатии телевизион ва радиошунавонӣ 24-уми декабри соли 1994 барҳам дода шуда, дар заминаи он Раёсати телевизион ва радио дар сохтори Вазорати фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд. Барномаҳои телевизионӣ дар мавзуъҳои сулҳу ваҳдати миллӣ зери унвонҳои «Сарқонуни мо», «Ваҳдат», «Самараи ваҳдат», «Ваҳдат-наҷоти миллат», «Ҳукумат», «Меваҳои ҳамбастагӣ», «Марзи муқаддас», «Муколама», «Изтироб» ва «Минбар» таҳия гардида, манзури тамошобинон мегардиданд.

Аз оғози моҳи декабри соли 1992 то 27-уми июни соли 1997 рӯзи имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи асосии барномаҳои телевизионӣ ин сулҳу ваҳдат, якдигарфаҳмӣ ва созандагӣ ба шумор мерафт. Дар якдигарбахшиву якдигарфаҳмӣ овардани сокинони кишвар баъди ҷанги шаҳрвандӣ ва ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Телевизиони «Тоҷикистон» нақши калидӣ мебозид.

Марҳилаи панҷуми ташаккулу пешрафти Телевизиони «Тоҷикистон» аз 27-уми июни соли 1997 то ба охири соли 2004 рост меояд. Дар ин марҳила ба масъалаҳои кадрӣ ва сохтории телевизион таваҷҷуҳи зиёд ба мушоҳида мерасад. Ҳол он, ки Телевизиони «Тоҷикистон» ниёзи бештар ба таҳавулоти техникӣ дошт. Таъсиси гурӯҳҳои эҷодии таҳлилӣ, барномаи «Субҳ», Маркази продюсерӣ, дубляжи филмҳои мустанад, филмҳои тасвирӣ, филмҳои бадеӣ ва ба 9 соат расонидани ҳаҷми умумии пахши барномаҳо ҳар як шабонарӯз таъғиротҳое буданд, ки дар ин давра ба амал бароварда шуданд.

Кӯшиши аввалини шикастани қолаби (шаблони) телевизиони замони советӣ 12-уми августи соли 1998 бо таҳияи барномаи «Субҳ» шуруъ шуд. Ин барнома аз соати 6:00 то соати 8:00 манзури тамошобинон гардонида мешуд. Барандагии озодонаи барандагон, бахшҳои кӯтоҳи дархурди ниёзҳои тамошобинон бо истифодаи клипҳои мусиқавии ҳунармандони хориҷиву ватанӣ дар муқобили барномаҳои расмиву ҷиддӣ, тамошобинонро рӯз аз рӯз зиёд менамуд. Дар ҳаёти фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин навгонии фараҳбахш буд. Дар анҷоми ин марҳилаи ташаккулу пешрафти Телевизиони

«Тоҷикистон» барномаҳои ҷолибу тамошобоб бо унвониҳои «Тадқиқоти журналистӣ», «Дурри маънӣ», «Лаҳзаҳои гуворо», «Гиреҳ», «Русто», «Созҳои рангин» ва ғайраҳо таҳия ва манзури тамошобинон карда мешуданд.

Аз оғози соли 2005 давраи нави ташаккулу пешрафти Телевизиони «Тоҷикистон» шуруъ гардида, то ба имрӯз давом дорад, ки онро метавон марҳилаи ташаккулу пешрафти техникӣ номид. Дар ин давра ташаккулу рушди Телевизиони «Тоҷикистон» бо пешрафти техникии телевизион, таъсиси шабакаҳои нави телевизиони соҳавӣ, фарогирии бештари пахши барномаҳои телевизионӣ дар кишвар ва беҳтаргардии сифати пахши барномаҳои телевизионӣ ва гузаштан ба формати рақамии HD мебошад.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 308 аз 22-уми августи соли 2005 Муассисаи давлатии Телевизиони «Сафина» бунёд ёфта, 3-уми сентябри соли 2005 ба пахши барномаҳои худ сар кард. Ин телевизиони соҳаи фарҳанг буда, то 18 соат барномаҳоро бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ манзури тамошобинон мегардонид. Барномаҳои хабарии «Навид», фарҳангию фароғатии «Файзи саҳар», «Эҷод», муаллифии «Сафинаи дидор», «Варзиш, ҷасорат, зебоӣ», «Аноҳито», «Муошират», «Оҳанги дил» «Нози хаёл», «Сафои руҳ» ва ғайраҳо барномаҳои ин шабакаи телевизион ба ҳисоб мераванд.

Барои боло бардоштани тарбияи фарҳангии кӯдакону наврасон аз 4 сентябри соли 2006 Муассисаи давлатии телевизиони «Баҳористон» таъсис додашуда, ба фаъолият оғоз мекунад. Ҳаҷми барномаҳои ин шабака 12 соат пурра бо забони тоҷикӣ, қисман бо забонҳои англисиву русӣ таҳия карда мешаванд. Барномаҳои «Хабар», «Офарин», «Нӯшин», «Танаффуси калон», «Ассалом», «Маҳбуб» «Як соат», «Се духтаракон», «Калидчаи заррин», «Овози тиллоӣ» ва ғайраҳо таҳия ва манзури бинандагон гардонида мешаванд.

Нахустин телевизионии иттилоотӣ дар Тоҷикистон Телевизиони «Ҷаҳоннамо» ба пахши барномаҳои хеш 5-уми ноябри соли 2008 сар кард. Ин шабакаи телевизиони хабарии шабонарӯзӣ бо забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ ҳар ним соат барномаҳои хабарӣ пахш менамояд. Иттилооти муҳимтарини хориҷиву ватаниро ба воситаи рӯзноманигорони худӣ, агентиҳои хабарии

ватаниву хориҷӣ, тавассути сомонаҳои интернетӣ дастрас ва манзури бинандагон мекунад.

Шабакаи Телевизиони «Тоҷикистон» бо таҷҳизоти рақамӣ 26-уми июни соли 2006 муҷаҳҳаз гардонида мешавад. Ин пешрафти куллии техникӣ имконият ба амал овард, ки ҳаҷми пахши барномаҳо аз 9 соат ба 18 соат расонида, он ба моҳвора пайваст карда шавад. Дар натиҷа имконият ба миён омад, ки минбаъд барномаҳои Телевизиони «Тоҷикистон»-ро дар зиёда аз 50 мамлакати дунё бемалол тамошо карда шавад. Дар ҳамин марҳила дар ин телевизион гурӯҳҳои эҷодиии «Симо» ва «Фаросу» таъсис ёфта, барномаҳои «Тазод», «Пешорӯ», «Ҳамоиш», «Сарнавишт», «Симо», «Нигоҳи комил», «Ёдрас», «Олиҳа» таҳия гардида, пешниҳоди тамошобинон гардонида мешаванд.

Дар ба кор оғоз намудани муассисаҳои давлатии телевизионии «Варзиш», «Синамо» ва Академияи воситаҳои ахбори омма 1-уми марти соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бобати телевизион чунин гуфтанд: «Телевизион бояд симои миллӣ дошта бошад ва дар фаъолияти худ ба тақлиду нусхабардорӣ роҳ надиҳад. Одоби касбии рӯзноманигорӣ, холисона баррасӣ намудани масъалаҳои дар ҷомеа рухдода, беғаразона инъикос намудани онҳо, симои зоҳирӣ ва риояи меъёрҳои ҷаҳонии соҳа бояд қатъиян риоя карда шавад» [173].

Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 шабакаҳои телевизионии давлатӣ таъсис ёфта, имрӯзҳо фаъолият мекунанд, ки дар ҳамҷоягӣ сафи телевизионҳои давлатӣ айни ҳол ба 15 расидааст.

Шабакаҳои телевизионии давлатӣ ва санаҳои пахши нахустбарномаҳои онҳо:

1. 03.10.1959 с. – Телевизиони «Тоҷикистон»;
2. 15.12.1990 с. – Телевизиони «Суғд»;
3. 01.04.1991 с. – Телевизиони «Бадахшон»;
4. 03.1994 с. – Телевизиони «Хатлон»;
5. 07.09.2001 с. – Телевизиони «Кӯлоб»;
6. 03.09.2005 с. - Телевизиони «Сафина»;

7. 04.09.2006 с. – Телевизиони «Баҳористон»;

8. 08.09.1996 с. – Телевизиони «Пойтахт» (аз 8.09.1996 с., ш. Душанбе то 6.09. 2006 с. ҳамчун телевизиони ҷамъиятӣ, аз 6.09.2006 ҳамчун телевизиони давлатӣ ва аз моҳи январи соли 2017 бо номи «Душанбе»);

9. 11.2008 с. – Телевизиони «Ҷаҳоннамо»;

10. 01.03.2016 с. – Телевизиони «Варзиш»;

11. 01.03.2016 с. – Телевизиолни «Синамо»;

12. 21.02.2017 с. – Телевизиони «Футбол»;

13. 13.11.2013 с. – Телевизиони «Шаҳнавоз»;

14. 14.04.2021 с. – Телевизиони «Илм ва табиат»;

15. 01.04.2022 с. – Телевизиони «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ».

Бо Истиқлолии давлатиро ноил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси телевизионҳои маҳаллӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки телевизиони ғайридавлатӣ ҳисобида мешаванд, барои бо сифату беҳтар тайёр намудани барномаҳои телевизионӣ дар Телевизиони «Тоҷикистон» (То Истиқлол дар Тоҷикистон як шабакаи телевизионӣ дар пойтахти кишвар, шаҳри Душанбе бо унвонии Телевизиони «Тоҷикистон» амал мекард, ки онро Телевизиони «Тоҷик» ва як муддат «Шабакаи якум», дар шакли кӯтоҳ «ТВТ» низ номида мешуд, ки айни замон боз номи Телевизиони «Тоҷикистон»-ро гирифтааст.) ва телевизионҳои вилоятӣ, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» [3] телевизионҳои давлатӣ ба ҳисоб мераванд, боис мешуданд.

Телевизионҳои ғайридавлатӣ, ки аз рӯйи Ойинномаи худ мустақилона фаъолият мекарданд, аз ахбори расмии давлатӣ дида, бештар иттилооти маҳаллӣ, мушкилоти доғи ҷойи зистро ба муҳокимаи бинандагон мерасониданд, ки ин боиси ба вуҷуд омадани афкори умум мешуд. Телевизионҳои маҳаллӣ ба воситаи асосии паҳнкунандаи иттилоот, инъикоскунандаи норасоиҳои ҳаёти муосир, ёрдамчии ҳукуматҳои маҳаллӣ ва бинандагон табдил меёфтанд. Бо вуҷуди он ки ин телевизионҳои маҳаллӣ бо техникаи зарурии телевизионӣ ва махсусан кормандони соҳибихтисоси соҳа

танқисӣ мекашиданд. Дар мазмуну мундариҷа ва сифати барномаҳо ин вазъ инъикоси хешро меёфт. Бештаран муассисон ва ё роҳбарони ин телевизионҳо дастпарварони Телевизиони «Тоҷикистон» буданду онҳо таҷрибаи бойи хешро ба кормандони ҷавони шабака меомӯзонданд.

«Конститутсияи мо, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» сензураро ҳамчун унсури сохти ҳукмфармоӣ ва монеаи озодии сухан аз байн бардошт. Вале ин чунин маънӣ надорад, ки мо якҷоя бо сензура таҳриру тасҳеҳро низ аз матбуоту нашриёт ва телевизиону радио дур андохта бошем.

Рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, китобҳои дарсӣ, илмӣ, бадеӣ пур аз хатоҳои имлоиву маъноӣ нашр мешаванд, миқдори ғалатҳои фаҳшу ом рӯз аз рӯз меафзояд. Забони барномаҳои «Ахбор»- и телевизион ва радио аз лаҳни наттоқон, талаффузи калимаҳо сар карда, то мантиқу таносуби сухани барандагони барномаҳо хароб аст» [52, с.14]. Ин буд, баҳои Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазъи воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳурӣ дар ин марҳила, ки ҳақ асту рост. Бо вуҷуди вазъи ташвишовари телевизион, аҳолӣ бештар ба телевизион таваҷҷуҳ мекард, нисбат ба дигар воситаҳои ахбори омма. Ҳар як хабари муҳимро аз маҳз аз телевизион ба даст меовард. Бо ин сабаб дар шаҳру ноҳияҳои ҷудогонаи кишвар телевизионҳои маҳаллӣ таъсис ёфта, талаботи мардумро бо иттилоот қонеъ мегардониданд.

Шабакаҳои телевизионии ғайридавлатӣ ва санаҳои пахши нахустбарномаҳои онҳо:

1. ТВ «Афшин» (оғози пахши барномаҳо аз 16.11. 1991 с., ш. Истравшан);
2. ТВ «Мавҷи озод» (11.02.1992 с., ноҳияи Восеъ);
3. ТВ «Симо» (20.03.1992 с., ш.Панҷакент);
4. ТВ «Кӯлоб» (14.05.1992 с., ш.Кӯлоб);
5. ТВ «Анис» (20.11.1992 с., ш. Конибодом);
6. ТВ «Ҷаҳоноро» (23.12.1992 с., ш.Хуҷанд);
7. ТВ «Регар» (20.02.1993 с., ш.Турсунзода);

8. ТВ «Сомониён» (9.09.1993 с., ш.Душанбе);

9. ТВ «Ғулакандоз» (2.02.1994 с., ноҳияи Ҷ. Расулов);

10. ТВ «Пойтахт» (8.09.1996 с., ш. Душанбе);

11. ТВ «Гули бодом» (23.01.1998 с., ш. Конибодом);

12. ТВ «Исфара» (15.04.1998 с., ш.Исфара);

13. ТВ «СМ -1» (16.04.1998 с., ш.Хуҷанд);

14. ТВ «Мастчоҳ» (26.05.2000 с., ноҳияи Мастчоҳ);

15. ТВ «Қурғонтеппа» (8.09.2000 с., ш. Қурғонтеппа);

16. ТВ «Азия» (10.10.2000 с., ш. Хуҷанд);

17. ТВ «Парвиз» (10.10.2002 с., ноҳияи Зафаробод);

18. ТВ «СМТ» (26.06.2006 с., ш. Душанбе);

19. ТВ «ТВ-5» (27.06.2011 с., ш. Конибодом);

20. ТВ «Диёр» (1.09.2011 с., ш. Хуҷанд);

21. ТВ «Ашт» (13.04.2012 с., ноҳияи Ашт);

22. ТВ «Танин» (27.12.2013 с., ш.Хуҷанд).

Баъди ба Истиқлолияти давлатӣ ноил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият пайдо гашт, ки дар ҷумҳурӣ шабакаҳои телевизионҳои кабелӣ таъсис пайдо гашта, ба аҳолӣ хизматрасонӣ кунанд.

Телевизиони кабелӣ бо вижагиҳои хеш ба воситаҳои иртиботи омма дохил шуда, дар ташаккули афкори омма таъсири муайянеро доро мебошад. Яке аз намудҳои ояндадори пахши телевизионӣ дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Телевизион рушди илму техника ва эҷодкориро дар худ инъикос намуда, пурқувват шудани имкониятҳои техникии он боиси рушд ёфтани эҷодкорӣ дар таҳияи барномаҳои он мегардад. Зарурати воситаҳо ва усулҳои инъикоси воқеият тавассути телевизион боиси ҳавасманд шудан ва ба даст овардани пешрафти илмию техникӣ дар ин самт мегардад.

«Телевизион бозёфти бузургтарини асри XX буда, дар худ дастовардҳои беҳтарини илмӣӣ – техникӣ, фарҳангӣ, журналистӣ, санъат, иқтисодиро пайваст намудааст. Телевизион ба яке аз ҷузъҳои системаи воситаҳои иртиботи омма табдил ёфта, ташаккули он ба анҷом нарасидааст. Вале таъсири он тағиротҳои

ҷиддиеро на танҳо дар фаъолияти ҳар як унсури он, балки дар фаъолияти тамоми институтҳои давлатӣ боис шудааст» [108, с. 13]. Боиси таъкид аст, ки Телевизиони кабелӣ дар байни воситаҳои иртиботи омма, як навъи телевизиони пулакӣ дар қатори телевизионҳои моҳворавӣ ва интернетӣ ба шумор рафта, аммо он сегменти эҳсосшавандаи аксарӣ аст. Аз рӯйи баҳои муҳаққиқони соҳа телевизиони кабелӣ дар бозори хизматрасонии 74% - и муштариён ва 54%-и даромадро соҳиб аст.

Шабакаи Телевизиони кабелӣ як навъи телевизионие аст, ки шумораи бисёри барномаҳои телевизиониро босифат ва бо доираи васеи хизматрасониҳои мултимедиявӣ ба бинандагон манзур менамояд. Вай ба соҳаи тиҷорати тезтараққикунанда ва сердаромад мансуб буда, навъи ояндадори телевизиони имрӯза ба шумор меравад. Шабакаи телевизиони кабелӣ қисмати муосири сохтори воситаҳои иртиботи омма ба шумор рафта, дар баробари шабакаҳои телевизионҳои моҳворавӣ ва мобилӣ ба навъи телевизионҳои пулакӣ мансуб аст. Вале байни навъҳои телевизионҳои пулакӣ телевизиони кабелӣ рушдкарда ба ҳисоб меравад. Телевизиони кабелӣ дар интиқоли сигнал, манзури сершумори шабакаҳои телевизионӣ, сифати аълои сурат, алоқаи бозпас, имконияти ба ҳисобгирӣ ва қонеъкунии талаботи табақаҳои гуногуни тамошобинон аз дигар шабакаҳои телевизионӣ фарқ мекунад. Фарқи асосии байни телевизионҳои эфирӣ, кабелӣ ва моҳворавӣ дар усули расонидани сигнал мебошад. Дар шабакаҳои телевизиони эфирӣ сигнал ба тарзи студия - дастгоҳи мавҷпахшкунӣ – телевизор ба вуҷуд оварда мешавад. Дар шабакаҳои телевизиони моҳворавӣ бошад видеосигнал аз телесентр ба ретранслятори моҳвора ва аз он ҷо ба телестансияи заминиву баъд бо линияҳои радиорелейӣ ва ё шабакаҳои кабелӣ ба тамошобинон пешниҳод карда мешавад. Дар замони муосир тарзи расонидани сигнали телевизионӣ ба воситаи телевизиони кабелӣ чунин аст: стансияи мавҷпахшкунӣ - стансияи мавҷқабулкунӣ – кабел - телевизор. Дар ин тарзи манзурнамоӣ, системаи рақамии манзури сигнал системаи аналогиро (куҳнаро) пурра танг мекунад. Телевизиони кабелӣ имконияти зиёди пахши шабакаҳои телевизиониро дорост. Барои телевизиони

кабелӣ реклама даромади асосӣ ба ҳисоб нарафта, баланд бардоштани сифати пешниҳоди барномаҳои телевизионӣ ба тамошобин, ки ба воситаи маблағгузории абонентӣ ба роҳ монда шудааст, вобастагии калонро доро мебошад. Телевизиони пулакӣ, ки яке аз навъҳои телевизиони кабелӣ аст, дар замони муосир дар тамоми ҷаҳон соҳаи рушдкарда ва мунтазам тараққикунандаи иртиботи оммавӣ ба ҳисоб меравад. Вай дар оғоз фақат як воситаи оддии расонидани сигнали телевизиони эфирӣ буду халос. Вале рушди воситаҳои иртиботи электронии омма сабаби зиёд шудани имконияту вазифаҳои шабакаи телевизиони кабелӣ шудааст.

Дар Амрико шабакаи телевизиони кабелӣ охири солҳои 40-уми асри XX пайдо шуда, бо гузашти 5 сол ба тарзи оммавӣ паҳн шудааст. Дар ин ҷо системаи шабакаи телевизиони кабелӣ охири соли 1960 ба амал омада, имконияти тавассути моҳвора расонидани сигнали телевизионӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин намуд системаи телевизиони кабелӣ ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар асту, ба тараққии он дар Амрико, Ҷопон ва як қатор кишварҳои Аврупо боис гардидааст. Даромади солонаи телевизионҳои пулакӣ дар Амрико ба 1,5 млрд (миллиард) доллар расида, ин рақам ба таври доимӣ меафзояд. Рушди шабакаи телевизиони кабелӣ дар Аврупо бо сабаби ҳавасмандии молиявӣ надоштани давлату сохторҳои шахсӣ, бо таъмини ноқиси техникӣ талабгори аудиторияи умум нагардидааст.

Телевизиони кабелӣ дар охири солҳои 1960-ум дар Ирландия, Белгия, Голландия ва Шведсария, баъди 10 сол дар Австрия ва кишварҳои Скандинавия, солҳои 1980-ум дар Англия, Германия, Франсия ва солҳои 1990-ум дар Испания, Португалия, Аврупои Марказӣ ва Ғарбӣ ба кор оғоз кардааст. Алҳол дар Аврупо нисбати истифодаи телевизиони кабелӣ Белгия пешқадам буда, 98%-и хонаҳои аҳолии ин кишвар ба системаи телевизиони кабелӣ пайваст гардидааст. Германия, Нидерландия ва Полша низ дар ин соҳа бо Белгия пайравӣ менамоянд. Дар умум 190 миллион аҳолии Аврупо тариқи телевизиони кабелӣ маводди телевизиониро тамошо менамоянд. Бо вуҷуди дар Хитой телевизион дер пайдо шуда бошад ҳам, аммо дар ин мамалакат тез

тараққӣ карда, имрӯз аз ҷиҳати шумораи телевизор, шумораи тамошобинон ва ҳаҷми пешниҳоди маводди телевизионӣ дар дунё ҷойи якумро соҳиб аст. Дар Хитой бо вуҷуди телевизион ба системаи давлатӣ мансуб будан, таҷрибаи Амрикоро дар тараққӣ додани шабакаи телевизиони кабелӣ истифода шудааст. Операторони Хитой кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ба тамошобинони хеш ҳар чи бештар шабакаҳои телевизиониро манзур намоянд, ки ба талаботи онҳо мувофиқ бошанд. Дар ин кишвар телевизиони кабелӣ яке аз бозорҳои ояндадор ба шумор меравад. Сабаби ин дар он аст, ки дар ин ҷо дар даҳсолаи охир рушди бемайлони саноат ва дар сатҳи давлатӣ таваҷҷуҳ ба арзишҳои ғарбӣ ва дигар ин ки Хитой аудиторияи бузурги тамошобинро дорост.

Пайдоиш ва инкишофи шабакаҳои телевизиони кабелӣ дар Тоҷикистон ба таъсиси ин навъи телевизион дар Иттиҳоди Шуравӣ алоқамандӣ дорад. Чунки то соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 сентябри соли 1991 сохтори телевизионӣ дар СССР давлатӣ ба ҳисоб рафта, он дар тамоми ҳудуди бузурги Иттиҳоди Шуравӣ як хел аз рӯйи идеологияи коммунистӣ ба роҳ монда мешуд. Нахустин таҷриба бобати истифодаи телевизиони кабелӣ соли 1938 шурӯъ гардида бошад ҳам, вале воситаи иртиботи мустақими омма гардидани телевизиони кабелӣ баъди 50 сол имконпазир шудааст.

Таърихи таъсиси телевизиони кабелӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ ба 4 марҳила тақсим кардан мешавад:

– Марҳилаи аввал солҳои 1938-1979 вобаста ба дар ҳуҷраҳои биноҳои истиқоматӣ кашидани кабели телевизионӣ дар шаҳрҳо, бобати сифатнок дидани барномаҳои шабакаҳои телевизионӣ;

– Марҳилаи дуюм солҳои 1980-1988. Дар ин давра истифодаи шабакаҳои телевизиони кабелӣ хеле зиёд мегардад. Дар охири солҳои 1980-ум бо оғози бозсозӣ ба системаи хабарӣ талабот ба куллӣ дигаргун мегардад. Дархости мардум ба сифату ҳаҷми хабар, ба эҷоди барномаҳо баъди барҳам додани сензураи давлатӣ бисёр мешавад;

– Марҳилаи сеюм солҳои 1989-2000. Оғози тиҷоратӣ шудани телевизионҳои кабелӣ, таъсиси студияҳои хурд ва пулакию абонентӣ гардидани

пешниҳоди барномаҳо. Охири солҳои 1990 телевизиони кабелӣ намуди нисбатан мукаммал ва шакли замонавӣ гирифта, дар натиҷаи рақобат раванди маҳкам шудани студияҳои хурд ва ба ҷойи онҳо таъсисёбии студияҳои калон ба амал меояд. Ба ҷойи нусхаҳои дуздидашудаи филмҳо, пешниҳоди шабакаҳои эфирӣ ва кабелиро бо истифода аз технологияи иттилоотии замонавӣ бо хизматрасонии босифат ба роҳ мондан;

– Марҳилаҳои чаҳорум аз соли 2001 оғоз гардида, то ба имрӯз давом дорад. Ба марҳилаи бисёрсоҳавӣ, ба кор андохтани шабакаи нави замонавӣ, конвергенсия ва гузариш ба технологияи рақамӣ. Ин пешрафти телевизионҳои кабелӣ ба анъанаҳои умумиҷаҳонӣ хос мебошад. Аммо Иттиҳоди Шуравӣ бо роҳи америкоии рушди шабакаҳои телевизиони кабелӣ фаъолиятро ба роҳ монд. Вале тадбиқи таҷрибаи Аврупоӣ ва ҷаҳонӣ ба либерализатсияи бозори телекоммуникатсионӣ ва телевизиони кабелӣ барои танзими бозори хизматрасонӣ роҳ кушод.

Мушкилии амали телевизионҳои кабелӣ аз вуҷуд надоштани заминаи ҳуқуқии танзимкунандаи он, системаи пахши бисёршабакавӣ, сиёсати пешрафтнамудаи инвеститсионӣ ва сармоя дар ин соҳа мебошад. Ин вазъ аз он сабаб мебошад, ки дар замони Иттиҳоди Шуравӣ вобаста ба талаботи идеологияи Ҳизби Коммунист ва Давлати Советӣ пешниҳоди пулакии барномаҳои телевизионӣ тавассути абонентӣ мумкин набуд. Тамошобинон ба намуди пешниҳоди бемаблағи маводди телевизионӣ одат карда буданд. Бо вуҷуди ҷумҳуриҳои зиёди соҳибистиқлол будан ҳам, алҳол ин ҷараён бо душворӣ пеш меравад. Айни замон ҳуҷҷати асосии фаъолияти шабакаҳои телевизиони кабелиро танзимкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ»[3] ба ҳисоб меравад. Вижагии хоси шабакаҳои телевизиони кабелии имрӯза бисёршабакавии он ба шумор меравад. Навъҳои телевизиони кабелиро аз рӯи чанд махсусият муайян намудан лозим мебошад. Яке аз хусусиятҳои асосӣ ин вижагии мавзуӣ аст, ки вобаста ба ин ба 12 навъ тақсим мегардад:

1. Иттилоотӣ;

2. Махсусгардонидашудаи иттилоотӣ;
3. Иттилоотӣ-таҳлилӣ;
4. Публитсистӣ;
5. Фарҳанги;
6. Таълимӣ;
7. Бачагона;
8. Варзишӣ;
9. Мусиқавӣ;
10. Вақтхушӣ;
11. Филмҳои ҳунарӣ.

Телевизионҳои кабелиро аз рӯйи фаъолият ба чунин намудҳо ҷудо намудан мувофиқи мақсад мебошад:

1. Шабакаи паҳнкунанда;
2. Шабакаи истеҳсолкунандаи барнома;
3. Шабакаи ҷудокунанда.

Аз рӯи фарогирони тамошобин:

1. Умумиҷумҳуриявӣ;
2. Минтақавӣ;
3. Маҳаллӣ.

Аз рӯи ихтисосбандии барномаҳо:

1. Умумӣ;
2. Махсусгардонидашуда.

Аз рӯи маблағгузорӣ:

1. Буҷавӣ;
2. Тиҷоратӣ.

Аз рӯи шакли моликият:

1. Давлатӣ;
2. Ғайридавлатӣ.

Кормандони телевизионҳои кабелӣ имрӯзҳо маводди шабакаҳои телевизиониро бо шакли ретранслиятся, (бевосита пешниҳоди телевизион);

бо бастаи абонентӣ (интихобан пешниҳод сохтани маводди телевизионҳо);

маводди махсус тайёркардашуда, бобати бо телевизионҳои кабелӣ паҳн кардан. Дар байни тамошобинон зиёдтар паҳнгашта, ин телевизионҳои кабелии бастаи базавӣ ва бастаи зиёд мебошад.

Бастаҳои телевизионҳои кабелӣ интихобан аз рӯйи мавзуъ:

– иттилоот, варзишӣ, мусиқавӣ, кинонамоишдиҳӣ, фарҳангӣ ва ғайраҳо;

аз рӯйи тамошои аудиторияви:

– баҳри хурдсолон, ҷавонон, дӯстдорони нақлиёт, дӯстдорони сафаркунӣ, соҳибхоназанон, ва ғайраҳо;

аз рӯйи истеҳсолкунандаҳо:

– истеҳсолкунадаҳои ватанӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ ва хориҷӣ;

аз рӯи аудитория:

– байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ, обшинаҳои этникӣ, баҳри гурӯҳҳои касбӣ, истеҳсолӣ, мардон, занон, падару модарон ва дигарҳо;

аз рӯи истеҳсолнамоӣ :

– мавҷпахшкунандагӣ, шабакаи кабелии шахсӣ.

Телевизионҳои кабелӣ шабакаи универсалӣ буда, ба мазмун ва сохтори он хусусиятҳои минтақавӣ таъсир намерасонад: телевизионҳои кабелии шахсии шаҳрӣ суст рушд мекунанд ва дар баъзе шаҳрҳо вуҷуд надоранд. Дар оянда базаи материалии сохтори телевизионҳои кабелиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам бояд намуд. Дар бисёр шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ то имрӯз шабакаҳои телевизиони кабелӣ амал намекунанд.

Аввалин сохтори шабакаи телевизиони кабелӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон охири солҳои 1980-ум дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе таъсис ёфтааст. Навъи шабакаи телевизиони кабелии муосир баъди ташкили Телевизиони кабелии «Сервис» 21-уми марти соли 2002 дар пойтахти кишвар ва баъдтар дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба фаъолият сар кардааст. Телевизиони кабелии «АНТ» 5-уми январи соли 2004 дар шаҳри Хуҷанд, Телевизиони кабелии «Алянс» 20-уми июни соли 2008 дар Турсунзода,

Телевизиони кабелии «Мавҷи Ориёно» 13-уми марти соли 2009 дар шаҳри Хуҷанд ва Телевизиони кабелии «Мавҷи Истиқлол» 31-уми марти соли 2012 дар шаҳри Душанбе ба фаъолият оғоз кардаанд.

Таъсис ва рушди телевизионҳои кабелӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду марҳила ҷудо мешаванд:

– Давраи якум ба охири солҳои 1980-ум то соли 2002-ум рост меояд. Аввалин студияҳои хурде, ки танҳо баҳри чанд бинои як микрорайон аз касетаҳои VHS кинофилмҳои боевикиву порнографиро шабона нишон медоданд. Баъди ин студияҳои хурд барҳам хӯрдан, аз оғози соли 2002-ум бунёди шабакаҳои телевизиони кабелии қонунӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Турсунзода;

– Марҳилаи дуюм аз солҳои 2009-ум то ба имрӯз гузариши ин шабакаҳои телевизионҳои кабелӣ ба технологияи рақамӣ, Интернети балансуръату пахши сифатноки барномаҳо аз телевизионҳои эфирӣ ва моҳворавӣ.

Аз баррасиву омӯзиши фаъолияти телевизионҳои кабелии Тоҷикистон ба натиҷа омадан мумкин аст, ки аксари ин шабакаҳои телевизионӣ худ барнома истеҳсол накарда, танҳо ба пахши барномаҳои шабакаҳои телевизионҳои ватанӣ ва хориҷӣ машғуланд.

Телевизионҳои кабелӣ дар Тоҷикистон дар баробари телевизиони эфирӣ ва моҳворавӣ фаъолият карда, зина ба зина мақбули тамошобинон гардида истодаанд. Аҳолӣ бо мурури гузашти вақт барои қабули хизматрасониҳои телевизионҳои пулакии кабелӣ ҳамроҳ шуда истодааст.

Шабакаҳои телевизионии кабелӣ ва санаҳои пахши нахустин маводҳои онҳо:

1. ТВ «Сервис» (21 марти соли 2002, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ);

2. ТВ «АНТ» (5 январи соли 2004, шаҳрҳои Хуҷанд, Қайроққум, Конибодом, Чкаловск, Исфара, Истаравшан, ноҳияҳои Б. Ғафуров, Спитамен, Мастчоҳ);

3. ТВ «Алянс» (20 июни соли 2008, шаҳри Турсунзода);

4. ТВ «Мавҷи Ориёно» (13 марти соли 2009, шаҳрҳои Хуҷанд, Чкаловск, Қайроққум, Ғафуров);

5. ТВ «Мавҷи Истиқлол» (31 январи соли 2012, шаҳри Душанбе).

Хулоса, шабакаҳои телевизионҳои кабелӣ низ ҳамчун як намуди шабакаҳои телевизионӣ дар байни воситаҳои электронии ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъсиси хеш зина ба зина мавқеи худро пайдо намуда, ба яке аз воситаҳои асосии электронии ахбори омма табдил ёфта истодаанд. Бо шарофати Истиқлолияти давлатиро соҳиб гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои шабакаҳои телевизионӣ ташаккулу рушд ёфта, алҳол доираи фарогирии мавҷҳои шабакаҳои телевизионии ҷумҳуриявӣ то 99,7 фоиз расида, тавассути моҳвора ва интернет дар кишварҳои хориҷӣ имкони тамошои барномаҳои телевизионҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст. Инчунин тамошои даҳҳо шабакаҳои телевизионии мамлакатҳои хориҷӣ низ барои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир гардидааст.

2.2. Пешрафти технологии шабакаҳои телевизионӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шабакаи телевизионӣ ҳамчун воситаи ахбори омма имрӯз вобаста ба ҷаҳонишавию рушди технологияҳои муосири иттилоотӣ ба сокинони сайёра аз сарчашмаҳои муҳимми ахбор бобати рӯйдодҳои асосиву муҳимми дунё гардидааст. «Дастрасии васеъ ба Интернет ва ба воситаи асосии иртибот табдил ёфтани он воситаҳои электронии ахбори оммаи анъанавиро барои ба марҳилаи нав гузаштан водор намуд. Намуд ва усулҳои нави ҳамкории техникӣ, ташкилӣ, истеҳсолӣ ва иқтисодӣ бо муштариён ба миён омаданд. Дар ин ҷараён телевизион ҳамчун воситаи электронии ахбори оммаи дастрастарин ба ин дигаргуниҳо мутобиқ гардида, фаъолияти хешро боз ҳам ҷоннок намуд. Имконият ба миён омад, ки ба бинандагон шаклҳои нави манзури маводди телевизионӣ бо сифати баланди технологияи рақамӣ пешниҳод гардад» [108, с.185]. Яъне шабакаи телевизионӣ бо рушди технологияи иттилоотӣ аз воситаи

электронии ахбори омма майл ба воситаи электронии иртиботи омма намудааст.

Пешрафти кайҳонии технологияи иттилоотӣ шароит ба вуҷуд овард, ки муттаҳидшавию омехтагардӣ ва аз мономедиа ба мултимедиа (чандрасонӣ) гузашта, ивазгардии унвонии анъанавии воситаҳои ахбори омма (ВАО) ба воситаҳои иртиботии омма (ВИО) ба амал биёяд. Ин сабаби ба вуҷуд омадани хизматрасонии мултмедиявӣ (чандрасонаӣ) гардидааст. Ба воситаи имкониятҳои ВИО «журналистикаи мардумӣ» пайдо гардида, ба ҷомеа таъсираш афзуда ва бо ин талаботи стандартии касбӣ дар рӯзноманигорӣ то андозае паст шудан ба амал омадааст. Муошират интерактивӣ ба воситаи технологияи рақамӣ дар шакли бозгашту пурқувват шудани таъсири истеъмолкунандагони маводди медиявӣ ва расидани он то ба истеҳсолгарон ва бо ин бартарият намудани шакли нави эҷоди конвейерӣ дар соҳаи медия гардидааст. Дар раванди ҷаҳонишавӣ бо истифодаи технологияи рақамӣ дигаргуншавии шаклу усули паҳннамоии маводди хабарӣ ба вуҷуд омадааст. Ин боиси як падидаи нави ҷудонопазири воситаҳои ахбори омма шудани мафҳум ва навъҳои маҳсулоти брендӣ ва таблиғотӣ шудааст. Ба воситаи таъсири технологияи муосири рақамӣ дар тағирёбӣ будани муҳити иттилоотӣ ва диалогиву бо ин сабаби манзур гардидани қоидаҳои нави амалнамоӣ дар сохторҳои тиҷоратии воситаҳои ахбори омма гардидааст. Ин омилҳо сабаби дигаргунгардии табиати шабаки телевизионӣ аз ҷиҳати физикӣ гардидааст.

Аз вақти пайдоиши шабакаи телевизионӣ вижагиҳои табиати онро олимони соҳа 5 намуд муайян карда буданд:

1. Мавҷуд будан дар ҳама ҷо;
2. Экранӣ будан;
3. Ҳамзамонӣ будан;
4. Фаврӣ будан;
5. Шахсиятсозӣ будан.

Тавассути ин вижагиҳо хусусиятҳои сохторӣ, ифодакунандагӣ, одобӣ ва дигар имкониятҳои телевизионӣ ба вуҷуд омадаанд. Вале дар раванди

дигаргуншавӣ ба воситаи таъсири технологияҳои рақамиву имконияти истеҳсолӣ вижагиҳои шабакаи телевизионӣ бисёр гардида, бо ин телевизион махсусиятҳои нави дигарро соҳиб гардид:

6. Шабонарӯзӣ будан;
7. Бисёршабакавӣ будан;
8. Бисёрфункционалӣ будан;
9. Интерактивӣ будан;
10. Универсалӣ будан.

Махсусиятҳои нави шабакаҳои телевизионӣ мувофиқ ба талаботи рӯзафзуни аҳолӣ мебошанд. Чунки агар хоҳиши зиёдтар вақти бекории худро назди телевизион гузаронидани тамошобинони солҳои 1990-ум ва оғози солҳои 2000-ум ба тайёр кардан ва манзури шабонарӯзии барномаҳои телевизионӣ оварда бошад. Ин вижагиҳои нав аз телевизион талаби навсозии барномаҳоро ба амал овардааст. Аввалҳо аз соати 6:00 барномаҳо оғоз шуда, то соати 24:00 давом мекарда бошанд, бо гузариш ба пахши шабонарӯзӣ барномаҳои махсуси шабона низ барои тамошобинон ба миён омаданд.

Махсусияти бисёршабакавии телевизион баъди гузариш аз формати алоқаи анологӣ ба рақамӣ ва рушди дастрасии васеъ ба Интернет ба миён омад. Ин технология сифати баланди пахш ва дастрасии бинандагонро ба шабакаҳои зиёд ва қонеъ намудани талаботашон аз хизматрасониҳои васеи муосири шабакаи телевизионӣ таъмин мекунад. Ҳамчунин бисёршабакавӣ ба тамошобин доираи васеи хизматрасониро муҳайё карда, бисёрфункционалӣ- вазифаи нави телевизионро ба вуҷуд овардааст. Минбаъд телевизион на танҳо ҳамчун фиристандаи иттилоот хизмат мекунад, балки вай қодир аст бисьёр вазифаҳои функционалиро иҷро кунад. Дар байни онҳо, Интернет, серфинг, телефония, телебанкинг, зангҳои конфронс, видеоконфронс, назорати видеоӣ, хидматҳои видеоӣ, 4D, амнияти хона ва бисёр вазифаҳои дигар. Масалан, хизмати иловагии дар вақти воқеӣ дар экрани телевизион якҷоя шудани видеои воқеӣ бо унсурҳои виртуалии 4D. Ин хизмати калидии телевизиони муосир дар асоси махсусияти интерактивӣ ба вуҷуд омадааст.

Ин ҳолати имконияти бисёрфунксионалии шабакаи телевизионӣ боис ба он гардидааст, ки таваҷҷуҳи бинандагон ба он боз ҳам бештар гардад. Рушди босуръати технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ дар фаъолшавии воситаҳои электронии ахбори омма таъсири баланд дошта, махсусан ба воситаи шабакаҳои электронӣ дар оҷилӣ ба аҳолӣ дастрас гардидани иттилооти рӯйдодҳои муҳим қадами устувор гузошта шудааст. Бо суръати тез ва баланд паҳн шудани Интернет ва ба воситаи асосии иртибот табдил шудани ВАО-и анъанавиро бобати ба марҳилаи дигар водир гардидан водор сохтааст. Ҳамкории технологии иттилоотӣ дар тарз ва намудҳои нави истеҳсоливу иқтисодӣ ва ташкилӣ бо мушариён ба миён омаданд. Дар ин раванд телевизион ба ин дигаргуниҳо мувофиқ шуда, фаъолияти хешро пурзур кардааст. Ба тамошобинон расонидани тарзҳои гуногуни пешниҳоди мавҷ, тасвири баландсифат, тамошои барномаҳои телевизионӣ бо форматҳои нав ва бо ин таъсир расонидан ба эфир ва дигар технологияи рақамӣ манзур гардидааст. Ин ҳама натиҷаи рушди технологияҳои иттилоотӣ буд, ки телевизион ҳамчун воситаи электронии ахбори омма барои тамошобинон дастрастарин воситаи иттилоотӣ гардидааст. Шароит ба амал омадааст, ки аз рӯйи хоҳиш барномаҳои телевизионҳои хориҷиро дар муқоиса бо барномаҳои телевизионҳои ватанӣ тамошо намоянд. Ин ҳолати имконияти бисёрфунксионалии шабакаи телевизионӣ боис ба он гардидааст, ки таваҷҷуҳи бинандагон ба он боз ҳам бештар гардад.

«Рушди кайҳонии соҳаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолгардии воситаҳои ахбори омма таъсири амиқ расонида, махсусан тавассути шабакаҳои электронӣ дар таъҷилӣ ба аҳолӣ расонидани иттилоот қадами эволютсионӣ гузошта шудааст. Васеъ паҳн шудани Интернет ва ба воситаи асосии иртибот табдил ёфтани он воситаҳои ахбори оммаи анъанавиро барои ба марҳилаи нав гузаштан водор намуд. Намуд ва усулҳои нави ҳамкории техникӣ, ташкилӣ, истеҳсолӣ ва иқтисодӣ бо муштариён ба миён омаданд. Дар ин ҷараён воситаи электронии ахбори оммаи дастрастарин телевизион ба ин дигаргуниҳо мутобиқ гардида, фаъолияти худро боз ҳам ҷоннок намуд. Ба

муштариён усулҳои гуногуни расонидани мавҷ (сигнал), сифати баланди тасвир, намудҳои нави тамошои телевизион, имкони таъсир расонидан ба эфир ва дигар технологияи рақамӣ пешниҳод гардид» [115, с.188-189]. Ин ҳама натиҷаи рушди технологияҳои иттилоотӣ буд, ки телевизион ҳамчун воситаи электронии ахбори омма барои тамошобинон дастрастарин воситаи иттилоотӣ гардидааст.

«Ҳаёти имрӯзаро бе телевизион тасаввур намудан ғайриимкон аст. Шабакаҳои телевизиони давлатии Тоҷикистон 99,7 фоизи фазои иттилоотии ҷумҳуриро фаро мегиранд. Тавассути моҳвора барномаҳои шабакаҳои телевизионии Тоҷикистонро дар зиёда аз 50 мамлакати дунё тамошо карда метавонанд. Дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аҳолӣ метавонад, бемамониат барномаҳои шабакаҳои телевизионии маҳаллиро тамошо кунанд. Ба тамошобинон имконият фароҳам оварда шудааст, ки аз рӯи интихоб барномаҳои ба худашон маъқулро аз шабакаҳои телевизионии мамлакатҳои хориҷӣ дар муқоиса бо шабакаҳои телевизиони ватанӣ тамошо кунанд. Аз ин рӯ ба гурӯҳҳои эҷодӣ ва ҳам гурӯҳи техникии шабакаҳои телевизионии Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст, ки барои баланд бардоштани касбияти хеш вобаста ба талаботи ҷараёни ҷаҳонишавии ҷомеа кӯшиш намоянд»[74,с.44]. Ин вазъ шароит ба миён меоварад, ки дар бораи тағирёбии мушаххаси табиати телевизион, навгардии вазифаҳои иҷтимоии он, дигаршавии жанру форматҳои телевизионӣ ва дигар навгониҳо ҳарф зада шавад.

Тағирёбии хусусиятҳои техникии табиати телевизион бо таъсири ҷараёни конвергентӣ ва интегратсионӣ чунин мегарданд:

– аз ҳолати мономедиа ба ҳолати мултимедиа гузаштан;

– иваз шудани мафҳуми воситаҳои ахбори омма ба мафҳуми воситаҳои иртиботии омма;

– пайдоиши хизматрасонии мултимедиявӣ ва шабакавӣ;

– журналистикаи мардумӣ пайдо ва таъсираш ба ҷомеа пурзур шуда, он ба паст шудани талаботи стандартии касбият дар журналистика мегардад;

– муошират интерактивӣ тавассути технологияи рақамӣ дар шакли бозгашт амал мекунад;

– дар соҳаи медиа намуди нави эҷоди конвейерӣ бартарият пайдо менамояд;

– мафҳум ва намудҳои маҳсулоти таблиғотӣ ва брендӣ як падидаи ҷудонопазири воситаҳои ахбори омма мешаванд;

– муҳити иттилоотӣ ва муоширатӣ бо таъсири технологияи рақамӣ қоидаҳои навро ба сохторҳои тиҷоратии воситаҳои ахбори омма пешниҳод менамояд.

Бо таъсири ин равандҳо табдилёбии табиати телевизион аз ҷиҳати физикӣ ба амал меояд. Аҳаммияти ин вижагиҳо муҳим буда, вобаста ба он махсусиятҳои сохторӣ, ифодакунандагӣ, одобӣ ва дигар имкониятҳои телевизион ба амал меоянд. Аммо дар ҷараёни тағирёбӣ зери таъсири технологияҳои хабарии муосир ва имкониятҳои истеҳсолӣ номгӯи вижагиҳои хоси телевизион ташаккул меёбанд. Шабакаи телевизионӣ дар замони муосир чунин хусусиятҳои навро соҳиб шудааст:

– фаъолияти шабонарӯзӣ;

– имкони бисёршабакавӣ;

– вазифаи бисёрфункционалӣ;

– имкони интерактивӣ;

– вазифаи универсалӣ. Ҳар яки вижагиҳои номбаргардидаи телевизион ҷавобгӯи ниёзҳои муайяни тамошобинон гардидааст.

Вижагии бисёршабакавии телевизион баъди гузариш аз формати анологӣ ба рақамӣ ва дастрасии васеъ ба Интернет ба миён омадааст. Ин навгонии технологӣ сифати баланди пахш ва дастрасии бинандагонро ба шабакаҳои бисёр қонеъ намуда, бо хизматрасониҳои зиёди телевизионӣ таъмин менамояд. Ба бинанда вазифаи бисёршабакавӣ доираи васеи хизматрасониро муҳайё карда, вазифаи нави бисёрфункционалиро ба амал овардааст. Минбаъд телевизион на танҳо ҳамчун паҳнкунандаи иттилоот хизмат менамояд, балки вай метавонад бисьёр вазифаҳои функционалиро ба иҷро расонад. Байни онҳо

серфинг, телефония, телебанкинг, Интернет, зангҳои конфронс, видеоконфронс, назорати видеоӣ, хидматҳои видеоӣ, 4D, амнияти хона ва функсияҳои бисёри дигар дохил мешаванд. Мисол, хизмати иловагии дар вақти воқеӣ дар экрани телевизион ҳамҷоя шудани видеои воқеӣ бо унсурҳои виртуалии 4D. Ин хизматрасонии калидии телевизиони замони нав дар асоси хусусияти интерактивӣ ба миён омадааст.

Маънои калимаи интерактивӣ дар аввали фаъолияти телевизион ҳамчун як намуди алоқа бо бинандагон, тавассути телефон кардан ба студия ва мактуб навиштан ба идораи барномаҳо фаҳмида мешуд, вале мебояд таъкид намуд, ки барои алоқаи интерактивии ҳақиқӣ алоқаи дутарафаи телевизион ва тамошобин бояд барқарор бошад.

Алоқаи интерактивӣ яке аз вазифаҳои сершумори дастгоҳҳои қабулкунандаи суроғавӣ (аз смарт-телевизор, приставкаҳои рақамии алоҳида ва ё дарунсохт, дастгоҳҳои мобилӣ) ва махсусияти муҳимми Интернет ба шумор меравад. Ба истеъмолкунанда шароит ба вуҷуд меорад, ки аз ахбор қонеъ шаваду хоҳиши маълумоти ҷолиб гирифтан пайдо карда, мустақилона кофтуков намудан, инчунин андешаи худро баён карданро ба даст орад. Ҳамин имконияти алоқаи интерактивӣ фикру ақидаи бинандаро вусъат бахшида, ба он имконият муҳайё месозад, ки ба маълумоти гирифтааш шарҳу эзоҳ низ дода тавонад. Идора намудани ҷараёни ахбор, тарзи пахши шабака, яъне дар ҳақиқат ба ҷараёни пахши барномаҳои телевизион таъсир расондан мебошад.

Алоқаи интерактивӣ чун хусусияти нави телевизиони муосир воситаи муҳим дар таъмини самарабахшии муошират бо тамошобинон мебошад. Дар телевизиони рақамии интерактивӣ мафҳуми «viewser» истифода мешавад (viewer - назораткунанда + user - истифодабаранда). Ин як бинандаи нав аст, ки гутугӯ (диалог) ва шаклҳои гуногуни ҳамкориро аз телевизион талаб менамояд (гуфтугӯи зинда дар барномаи мустақим, ҷавоб ба шарҳҳои Интернет, истифодаи замимаҳои алоқаи интерактивӣ), вале кӯшиш мекунад, ки танҳо ҳамчун як назораткунанда бошад. Бинандаи муосир дар тамошо ҳуқуқи интихоби дараҷаи фаъолият ва иштироки худро нигоҳ медорад ва дар ин вазъ

телевизионро зарур мебошад, ки ба тамошобин имкони гуногуни ба даст овардани иттилоъро пешниҳод кунад. Марҳилае шудааст, ки телевизион ба системаи алоқаи интерактивӣ, яъне интернет-телевизион гузарад, ки ба истифодабарандагон имконият фароҳам меоварад, ки вақти тамошои барномаҳои телевизиониро худ муайян намояд.

Консепсияи телевизиони интерактивӣ қодир аст, ки шабакаи телевизиони интернетиро ба фаъолият дарорад. Чунки модели он дар режими тестӣ фаъолият мекунад. Вижагиҳои телевизиони интернетии интерактивӣ чунин аст:

– бастаи обунаи ҳар як истифодабарандаро идора кардан;

– имкони танзим намудани интерфейс;

– ҳифзи мундариҷавии барномаҳои телевизионӣ;

– таъмини пахши барномаҳои телевизионӣ дар формати баландсифат;

– таъмини пешниҳоди барномаҳои телевизионӣ, аз ҷумла дар мавзуи интерфейсии истеъмолӣ. Барномаи электронии намоишҳо;

– сабти барномаҳои пахшшавандаи телевизиониро таъмин намудан;

– барои аз нав дидан ҷустуҷӯи барномаҳои пахшшудаи телевизионӣ;

– таъмини намудани таваққуф барои телевизион дар вақти воқеӣ;

– барои ҳар як шахс дар алоҳидагӣ бастаи инфиродии барномаҳои телевизиониро таъмин намудан;

– аз ҷониби истифодакунандаи барномаҳои интиқолӣ таъмини имконияти ташаккул. Бояд гуфт, ки дар телевизиони интернетӣ инҳо вазифаҳое ҳастанд, ки аллакай амал мекунанд. Имконпазир аст, ки дар ояндаи наздик истеҳсолкунандагон ин вазифаҳои нави телевизионро азхуд мекунанду алоқаи интерактивӣ ҳамчун вазифаи асосии телевизион мегардад. Бо гузашти солҳо телевизион ба технологияи универсалӣ мубаддал хоҳад гашт.

Телевизиони муосир технологияи рақамии универсалиро пешниҳод менамояд, ки бо иштироки тамошобин истеҳсоли маводди хабариро таъмин мекунад. Мебояд таъкид кард, ки амалҳои вазифавии телевизион ва имкониятҳои он вобаста ба ташаккулу рушди технологияи иттилоотӣ ва талаботи рӯзафзуни тамошобинон ҳамеша васеъ мегардад. Рушди кайҳонии

технологияи муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ва таъсири ҷараёни конвергентиву интегратсионӣ табдилшавии табиати технологии телевизионро ба миён овардааст. Дар телевизион минбаъд дар баробари вазифаҳои доимии анъанавӣ, вазифаҳои нав вобаста ба инъикоси хусусиятҳои телевизион ҳамчун воситаи муосири технологӣ илова мешаванд.

Вазифаҳои нави бисёршабакавӣ, шабонарӯзӣ дастрас будан, интерактивӣ, бисёрфунксионаливу универсалии телевизион сабаби мухлисони бештар пайдо намудан шудааст. Бо хусусиятҳои нави хеш чун воситаи коммуникатсионии аҳолӣ байни дигар воситаҳои ахбори омма мавқеи муҳимро ба даст овардааст. Ин хусусиятҳои нав ба телевизион имкон додааст, ки боз усулҳои нави манфиатовари ҳамкориро вобаста ба талаботи нави бинандагон ба роҳ монанд. Вижагиҳои зикршуда дар шароити конвергенсия ба тарзи назаррас ба тағирёбии сохторӣ, вазифавӣ, хусусиятҳои ифодакунандагиву имкониятҳои истеҳсолии телевизион таъсир мекунанд. Муайян кардани дигаргуншавии вазифаҳои иҷтимоии телевизион дар шароити конвергенсия ва рушди технологияи иттилоотӣ, иҷтимоӣ, дигаргуниҳои иқтисодӣ, фарҳангии муосир, вобаста ба алоқа бо бинандагон, дар замони муосир хеле муҳим мебошад.

Бобати таъмини талаботи тамошобинон бо барномаҳои телевизионӣ мебояд, ки вазифаҳои мушаххаси телевизион амалӣ карда шаванд, ки он нақш ва мавқеи телевизионро чун як институти иҷтимоӣ муайян месозад. Ин вазифаи иҷтимоӣ ва уҳдадории касбии кормандони телевизион, чун миёнаравии иттилоотии байни дигар институтҳои иҷтимоӣ ва аудиторияи тамошобинон ба миён меояд. Ин вижагиҳои функсионалии телевизион иттилоърасонӣ ва ташкили аудиторияи тамошобин, ба шаклдарории дарки рӯйдоди муҳимми ҳаёти муосир мебошад.

«Функсияи иҷтимоӣ фаъолияти касбии журналистро дар доираи мақсад ва вазифаҳо муайян мекунад. Аз ин рӯ барои воситаи ахбори оммаи алоҳида вазифаҳои иҷтимоӣ ҳамчун модели идеалӣ ва меъёри ҳадафҳои журналист амал мекунад. Вазифаи иҷтимоии журналистикаи телевизион ҳамеша ҳадафи журналисти ин соҳаро муайян мекунад, зеро ҳар як намоиши телевизионӣ ба

рафтори тамошобинон таъсири муайян мерасонад»[95, с.72]. Дарк кардани вазифаҳои иҷтимоии телевизион чун воситаи муошрати аҳолӣ ба рӯзноманигор шароит ба миён меорад, ки вазифаҳои касбӣ ва ҷойи ҳақиқии худро муайян карда тавонад. Рӯзноманигор шароит пайдо мекунад, ки иттилоъро дар доираи ҳар як вазифаи иҷтимоии телевизион таҳлил ва баҳо дода, ба ташаккули афкори ҷамъиятиву ба миён овардани он таъсири хешро расонад. Аз як тараф манфиати бинандагонро ба ҳисоб гирифта, аз тарафи дигар вазифаҳое, ки роҳбарияти телевизион гузоштааст муваффақона ба иҷро расонад.

Ғайр аз ин донистани вазифаҳои иҷтимоии телевизион барои рӯзноманигор муҳим мебошад. Зеро, ки тартиби ҷадвали пахши барномаҳо, интихоби касбии формату жанр, ташаккули мазмуну сохти барномаҳои телевизионӣ ба талаботи замони муосир мувофиқ карда шаванд. Ҳамин тариқ дарк ва босифат амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоии шабакаи телевизионӣ ба рӯноманигор шароит медиҳад, ки бо бинанда ҳамкории судманди қонеъкунандаи мувофиқ ба манфиатҳои вайро ба роҳ андозад. Дараҷаи зарурии масъулияти иҷтимоӣ бобати таҳияи маводди телевизионӣ, натиҷаи таъсироти телевизионӣ ба тамошобинон, шароити зарурӣ баҳри тайёр кардани барномаи телевизионӣ дар фазои имрӯзаи воситаҳои электронии ахбори оммаро таъмин созад.

Фаъолияти асосии рӯзноманигори телевизион таъмини талаботи гуногунҷабҳаи иттилоотӣ ва иҷтимоии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ вазифаҳои гуногуни зиёд дар телевизион ба якборагӣ амалӣ мегарданд, дар ҷамъи фаъолияти телевизион на дар барномаи алоҳида. Ин исботи фаъолияти бисёрвазифагӣ ва пешниҳод кардани маводди гуногуни телевизионӣ мебошад, ки дар ҳафт вазифаи иҷтимоии телевизион муайян шудааст:

1. Иттилоотӣ – ба таври мунтазам таъмини аҳолӣ бо ахбори сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ;

2. Фарҳангӣ – тарбиявӣ – вазифаи ба фарҳанг ва арзишҳои фарҳангӣ ҷалб намудани аҳолӣ тавассути тарзи гуфтугузор ва дараҷаи саводнокии иштирокчиёни воқеа, бахусус барандаҳои шабакаҳои телевизионӣ;

3. Муттаҳидкунандагӣ - таъминнамоии бетараф нашудани ҳар як нафар ба навигариҳои муҳим новобаста ба фарқияти иҷтимоӣ, миллӣ, динӣ, нажодӣ ва дигар аломатҳо ва пурзур намудани арзишҳои умумиинсонӣ, муҳокимаи роҳҳои ҳалли проблемаҳои умумӣ ва пешгирӣ аз амалҳои хафнок барои ҷомеа;

4. Иҷтимоӣ-педагогӣ – баҳри тарғиби тарзи ҳаёти солим дар кишвари муайян бо маҷмуи арзишҳои сиёсиву ахлоқӣ, иҷрои ин вазифа ишора ба ҳамроҳ шудан ба ин ё он системаи таъсиррасонӣ ба мардум;

5. Ташкилотчигӣ – вазифаи ҳидоят намудани аҳолӣ ба амалҳои ободкориву созандагӣ (бо ин усул телевизион ташаббускори ин ё он аксияи ҷамъиятӣ мегардад);

6. Таълимӣ – ба роҳ мондани таълими тамошобинон аз нуқтаи назари донишандузӣ;

7. Фароғатӣ – вазифаи таъмини хушгузаронии вақти истироҳатии тамошобинон.

Вижагиҳои классикии системавии вазифаҳои иҷтимоии журналистикаи телевизион шароит ба миён меорад, ки тарзи анъанавии пахши маводди телевизионӣ чунин бошад: ахборӣ, ҷамъиятӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, таълимӣ ва фароғатӣ.

Дар телевизиони муосир ҳамаи ин хусусиятҳои зикргардида дар дараҷаҳои гуногун амалӣ мегарданд, вале дар шароити имрӯзаи воситаҳои электронии ахбори омма самтҳои нав пайдо шудаанд, ки аз рӯзноманигорони телевизион иҷрои уҳдадориҳои дигарро низ талаб мекунанд. Фаъолгардии талаботи истеъмолии тамошобинон, зиёд шудани имконоти алоқаи интерактивии телевизион, ба вуҷуд омадани тарзҳои нави ҳамкорӣ бо бинандагон ва иштироки бевоситаи онҳо дар барномаҳои телевизионӣ ба баланд шудани рисолати телевизион овардааст.

Вазифаҳои иҷтимоии телевизион айни замон боз ҳам зиёдтар шудааст. Махсусиятҳои интерактивии телевизион шароит ба вуҷуд меорад, ки ҳамкории дутарафаи фоиданок бо истифодакунандагон ва гуфтугӯ бо аҳолиро таъмин кунад. Ин вазифаи иҷтимоии шабакаи телевизиониро чун воситаи коммуникатсионӣ пурра месозад. Яъне, имрӯз тавассути телевизион ҳамкории дутарафаи гуногун бо бинандагон имконпазир гардидааст. Дар мисоли телефон кардан ба студия, викторинаҳо, овоздиҳӣ, пурсишҳо, иштирок дар шоуи воқеӣ, СМС-и чиптаҳои онлайнӣ, бозиҳои интерактивӣ ва бозиҳои зиёди дигар - ҳамаи ин исботи талабгории тамошобинон ба намудҳои гуногуни коммуникатсияи телевизионӣ аст. Ҳамагуна имконияти иштироки бинандагон дар барномаҳои телевизионӣ ҳавасмандии онҳоро баланд бардошта, бо ин вазифаи коммуникатсионӣ маҳбубияти барномаҳои телевизиониро боло мегардад.

Вобаста ба фаъолона истифодаи имкони иштирок кардан дар барномаҳои телевизионӣ аз тарафи тамошобинони зиёд, боз як вазифаи иҷтимоии телевизионро, ки аксаран ба қаҳрамонҳои лоиҳаи телевизионӣ вобастагӣ дорад, ки он вазифаи худидоракунӣ ва шиносоӣ мебошад. Ин ба касоне, ки маҳорат ва тавоноии худро дар телевизион хоҳиши пешниҳод кардан доранд вобаста мебошад. Ин вазифа асосан дар барномаҳои озмунӣ ва шоуӣ зиёдтар амалӣ мегардад.

Таҳияи барномаи телевизионӣ ба омили иқтисодӣ вобаста мебошад, вобаста ба ин вазифаи нави иҷтимоии журналистикаи телевизион вазифаи иқтисодӣ аст. Ҳатман барои таҳияи барномаи телевизионӣ маблағ истифода мегардад, рӯзноманигори телевизион дар баробари эҷод боз ба масъалаҳои иқтисодӣ низ машғул мегардад.

Солҳои аввали замони соҳибистиқлолӣ барои кормандони эҷодиву техникии телевизионҳои Тоҷикистон давраи ҳассос, пурмасъулият ва сарнавиштсоз буд. Муҳимтарин тағйироти соҳа ба амал омадани низоми нави телевизионҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар паҳлӯи телевизионҳои давлатӣ аз соли 1992 низоми телевизионҳои ғайридавлатӣ пайдо шуда, яккаҳукмронии телевизионҳои давлатӣ дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ ба

анҷом расид. Системаи нави телевизионҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: шабакаҳои телевизионии давлатӣ, шабакаҳои телевизиони ғайридавлатӣ ба вуҷуд омад. «Дар телевизион давраи нави рушд шуруъ шуд, ки вобаста ба тағйири сохтор, вижагии барномаҳо, таҳаввули мавзуӣ ва жанрӣ ва хусусият онро ба ду давра тақсим намудан мумкин аст:

1. Давраи аввали марҳилаи дуюм (замони Истиқлол) солҳои 1998-2004-ро дарбар мегирад. Дар ин замон ҳарчанд ба таҳаввулоти кадриву сохторӣ таваҷҷуҳ шуд, вале мушкилоти техникии ин расона побарҷо монд.

2. Давраи дуюми марҳилаи дуюми рушди телевизионҳои миллӣ аз соли 2005 ба ин сӯ оғоз мешавад. Ин давра ба таъсиси телевизионҳои соҳавӣ роҳ кушод.

Дар давраи панҷуми рушди воситаҳои электронии ахбори оммаи Тоҷикистон, бавижа Телевизиони «Тоҷикистон» чанд тағйироти муҳим дар низоми телевизионҳои давлатӣ ба вуҷуд омад, ки барои мукаммалсозии фазои расонаии замони Истиқлол ва ҳифзи он аз таҳоҷуми расонаҳои хориҷӣ мусоидат намуд» [115, с. 68-69].

Истиқлолияти давлатӣ имконият ба вуҷуд оварад, ки соҳаи телевизион дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд намояд. Бо дастгирии Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 9 телевизионҳои соҳавӣ: «Сафина» (03.09.2005) дар соҳаи фарҳанг, «Баҳористон» (04.09.2006) дар соҳаи кӯдакон, «Ҷаҳоннамо» (05.11.2008) дар соҳаи иттилоот, «Варзиш» (01.03.2016) дар соҳаи варзиш, «Синамо» (01.03.2016) дар соҳаи синамо, «Футбол» (21.02.2017) дар соҳаи футбол, «Шаҳнавоз» (13.11.2017) дар соҳаи суруду мусиқӣ, «Илм ва табиат» (14.04.2021) дар соҳаи илм ва табиат ва «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (01.04.2022) дар соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таъсис додашуда, барномаҳои соҳавӣ таҳия ва манзури тамошобинон гардонида мешаванд.

Таъсиси шабакаҳои телевизиони давлатии соҳавӣ дар замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае рақобати солими эљодиро ба миён овард. Ба тамошобини тоҷик имкон пайдо гашт, ки мувофиқи завқи хеш ҳуқуқи интихобан тамошо намудани барномаҳои ватаниву хориҷиро

пайдо намояд. Дар баробари таъсиси шабакаҳои нави телевизиони давлатии соҳавӣ, инчунин фарогирии минтақаҳо бо барномаҳои телевизионӣ ва гузариш ба формати рақамии HD вусъати тоза касб кард. Ин ҳам як хусусияти хоси пешрафти технологии соҳаи телевизион дар замони истиқлол ба ҳисоб меравад.

Бо таъсиси телевизионҳои «Синамо», «Варзиш», «Футбол», «Шаҳнавоз», «Илм ва табиат»-у «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» низоми телевизионҳои давлатӣ пурра гардид. Ҳар яке аз ин телевизионҳои соҳавии муҷаҳҳаз бо технологияи рақамии формати HD, мутобиқи завқи аудиторияи имрӯза барномаҳои соҳавии гуногунжанр таҳия менамоянд, ки бо ин тамошобини хешро аз даст надиҳанд. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли 2020 «Барномаи давлатии рушди телевизион ва радио дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» низ ба ҳамин ҷараён нигаронида шудааст. Яъне ин маънои онро дорад, ки роҳбарияти мамлакат барои рушди соҳа аз тамоми имконоти мавҷуда истифода мебарад ва давра ба давра воситаҳои электронии ахбори омма: телевизион ва радио аз имконоти навтарини технологияи иттилоотӣ бархӯрдор гардида, тамошобинони хешро бо намоишҳои гуногунжанри касбии соҳавии ҷолиб таъмин хоҳад кард.

Дар асри технологияи иттилоотӣ аз ҳама бештар барои шабакаҳои телевизионӣ имкониятҳои бемаҳдуди техникӣ ба миён омаданд, ки онро мебояд ҳар як корманди техникӣ ва эҷодӣ нозукиҳои онро азхуд намуда, самаранок онро истифода бурда тавонад. Зеро доштани технологияи муосири иттилоотӣ ҳоло ними пешрафт асту онро хуб донистану смаранок истифода бурда тавонистан ними дигари асосии ба комёбиҳо ноил шудан мебошад. Дар ин амал истифодаи зеҳни сунъӣ то андозае кӯмакрасони аҳли эҷод шуданаш мумкин аст. Аммо куркурона истифодаи зеҳни сунъӣ боиси ба шаблонӣ ва якранг гардидани барномаҳо оварда мерасонад. Зеро иқрор бояд шуд, ки ягон зеҳни сунъӣ эҷоди инсониро иваз карда наметавонад. Эҷоди инсонӣ ҳамеша болотар аз ҳамгуна зеҳни сунъӣ меистад. Танҳо дар ин кор истифодаи бехатари зеҳни сунъӣ ба манфиати кор мебошаду натиҷаҳои мусбӣ доданаш мумкин аст. Аз ин рӯ айни замон аст, ки дар тарбияи журналистони соҳавӣ ва омӯзиши зеҳни

сунъӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои омодакунандаи ихтисоси журналист фанҳои журналистикаи соҳавӣ ва зеҳни сунъӣ ба роҳ монда шаванд. Кормандони эҷодиву техникии шабакаҳои телевизионии кишвар ба бозомӯзии журналистикаи соҳавӣ ва зеҳни сунъӣ ҷалб карда шаванд. Бо ин истифодаи касбиёнаи технологияҳои иттилоотӣ ва ҳам имкониятҳои зеҳни сунъиро ба даст овардан имконпазир мегардад. Бо истифодаи имкониятҳои бемайлони технологияи иттилоотии муосир ва зеҳни сунъӣ метавон барномаҳои соҳавии касбӣ таҳия намуда, манзури тамошобинон кард. Аз ин соҳаи муайян боз ҳам ташаккулу рушд намуда, иҷрои талаботи замони муосир таъмин карда мешавад. Бо истифода аз технологияҳои муосир ба натиҷаҳои хуб ноил мегардад.

Хулоса, табдилгардии технологӣ ва вазифавии шабакаи телевизионӣ ба ҷараёни эҷодии таҳияи барномаи телевизионӣ таъсири ҷиддӣ расонидааст. Хоҳишу талаботи наву замонавии тамошобинон рӯзноманигорони телевизионро водор сохтааст, ки ба навсозии визуаливу мазмунии барномаи телевизионӣ аҳаммияти ҳамаҷонибаи касбӣ диҳанд. Пайдо шудани имконоти технологӣ сабаби зиёд истифода бурда шудани воситаҳои мултимедӣ ва ҳамкории алоқаи интерактивӣ бо тамошобинон ба таъсиррасонии ҷиддӣ ба системаҳои эҷодӣ ва техникии шабакаи телевизионӣ гардидааст. Бинобарон имрӯз дар назди журналист ва аҳли эҷодӣ ва техникии телевизион вазифаҳои муосири техникӣ ва эҷодиро мегузорад, ки он вобастагии амиқ ба касбият дорад. Дигар барномаҳои ғайрикасбии шабакаҳои телевизиониро бинанда тамошо нахоҳад кард ва вақте расидааст, ки ба талаботи муосир ва тамошобинон мувофиқ барномаҳои телевизионӣ тайёр намуда, пешниҳод карда шаванд.

2.3. Инъикоси васеи соҳаи тандурустӣ дар барномаҳои соҳавии телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе»

Бо гузашти солҳо вобаста ба талабот ва зарурат дар соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ барномаҳои телевизионии алоҳидаи соҳавӣ таҳия ва пешниҳоди тамошобинон гардонида мешуданд. Дар оғоз асосан барномаҳои хабарӣ,

консертҳо, спектаклҳо ва кинофилмҳо бо забонҳои тоҷикиву русӣ намоиш дода мешуданд. Минбаъд вобаста ба соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоии ҷумҳурӣ барномаҳои соҳавӣ низ таҳия ва пешниҳоди тамошобинон гардонида мешуданд. Дар солҳои аввали фаъолияти телевизион дар Тоҷикистон бобати таҳия намудани барнома дар бораи як соҳаи муайян, пеш аз ҳама ба мутахассисони ин соҳа, ки бобати он барномаи телевизионӣ тайёр карда мешуданд, муроҷиат карда мешуд. Барандаи он шахсе таъин карда мешуд, ки мутахассиси ҳамин соҳа бошаду чеҳраи телевизионӣ дошта, сухандон, ва донишманд бошад. Ба ҷумлаи аввалин барномаҳои соҳавии телевизионӣ бо номҳои «Баҳористон», «Тандурустӣ», «Нештар», «Душанбе», «Студияи таълимии Дониш», «Беғараз панд ҳамчу қанд бувад», «Чашма», «Саёҳат бо кинокамера», «Чойхонаи дилкушо», «Дугонаҳо», «Ҳаёти деҳот», «Инсон ва қонун», «Офарин» ва ғайраҳо ба ҳисоб мерафтанд, ки бинандагон бо шавқ тамошо мекарданд.

Бо ба фаъолият оғоз намудани телевизион дар Тоҷикистон доир ба соҳаҳои муҳимми ҷомеа дар ҳамкорӣ бо кормандони ботаҷрибаи соҳа барномаҳои соҳавии телевизионӣ омода кардашуда, пешниҳоди тамошобинон карда мешуданд. Аз ин рӯ имрӯз талабот ба масъалаи тайёр намудани рӯзноманигорони баландихтисоси соҳавии журналистикаи телевизион пайдо гардидааст. Аз ин рӯ, вақти он расидааст, ки барои соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ рӯзноманигорони соҳавӣ дар донишгоҳҳову донишкадаҳои олии ҷумҳурӣ тайёр карда шаванд, то ҳамчун донандаи соҳа бо мутахассисони соҳа бемалол ҳамсуҳбат шуда тавонанд. Дар бораи соҳа бо фаҳмидани асосҳои он барномаи телевизионии соҳавии касбӣ тайёр карда тавонанд. Тарбияи рӯзноманигори соҳавиро барои телевизион ба роҳ монда, бо ин барномаҳои соҳавӣ боз ҳам ҷолибу нишонрас ва хотирмон ва пешбарандаи соҳаи муҳимми ҳаёти ҷомеа мегарданд.

Ба маврид аст дар ҳамин ҷо ба хотир биёрем, ки ҳануз 3-юми октябри соли 1959 барномаҳои аввалини Телевизиони «Тоҷикистон» бо забони тоҷики манзури тамошобинон гардонида шуда буд. Пайдоиши телевизион ҳамчун

воситаи электронии ахбори омма дар Тоҷикистон дар замони Иттиҳоди Шуравӣ тақозои ҳамон давр ба шумор меравад. «Ҳар як ҷомеа, новобаста ба таъйиноти сохториаш, бидуни матбуот пеш рафта ё тараққӣ карда наметавонад. Дар тамоми давру замон қудратҳои сиёсӣ орзую омол ва ақидаҳои мафкуравии худро танҳо ба воситаи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма байни мардум тарғибу ташвиқ намуда, ҳамзамон ниятҳои худро амалӣ мекарданду мекунанд. Аз ин рӯ, дар ҳар давраи муайяни таърихӣ таъсис ва ташаккули матбуоти даврӣ вобаста ба вазъияти сиёсӣ ва идеологии ҳамзамон сурат гирифтааст» [114, с. 273]. Таъсиси воситаи нави ахбори омма таваҷҷуҳи аҳолиро ба худ бештар ҷалб мекард. Мақсаду мароми таъсисдиҳандагони ин воситаи ахбори омма ҷалби зиёдтари мардум ба шумор мерафт. «Агар ба пайдоиш ва рушди радио ва телевизиони замони Шуравӣ назар андозем, бидуни шакку тардид дармеёбем, ки аз ибтидо талош ва таваљљуњ самти дарёфти ҳарчи бештари шунавандаву бинанда равона будааст» [108, с. 236].

Яке аз нахустин барномаҳои соҳавии Телевизиони «Тоҷикистон», ки соҳаи муҳимми ҳаёти иҷтимоии кишвар соҳаи тибро фаро гирифта буд, ин барномаи телевизионии «Тандурустӣ» аст, ки шумораи аввалинаш 16 ноябри соли 1964 пешниҳоди тамошобинон гардида буд. «Аз 16-уми ноябр маҷаллаи телевизионии «Тандурустӣ» бо забонҳои тоҷикию русӣ ба намоиш гузошта шуд, он бо ҳамкории олимон Абдумаҷид Пӯлодов, Зикриё Абдуллохоҷаев, Фозил Абдураҳмонов ва дигарон рӯз ба рӯз ҷолиб мегардид ва қариб се даҳсола ба мардум дар боло бурдани дониши тиббӣ мадад расонд» [121, с. 44]. Дар солҳои нахустини фаъолияти телевизион дар Тоҷикистон барои барандагӣ намудани барномаҳои соҳавӣ асосан кормандони ботаҷрибаи соҳае, ки бобати он барномаи телевизионӣ таҳия мегардид, даъват карда мешуданд. Барандаи он шахсе интихоб мегардид, ки мутахассиси варзидаи соҳа, суҳбаторо ва чеҳраи телевизионӣ дошта бошад. Яке аз чунин мутахассисон, ки солҳои зиёд ҳамчун барандаи маҷаллаи телевизионии «Тандурустӣ» дар Телевизиони «Тоҷикистон» дар байни тамошобинон ба маҳбубият ноил гашта буд, доктори илмҳои тиб, мутахассис варзидаи соҳаи тиб Умринисо Сироҷиддинова буд. Ин бонуи

хушсухан ва зебочеҳра ва донишманди соҳаи тиб ба барномаи «Тандурустӣ» аз соҳаҳои мухталифи тиб мутахассисони варзидаро даъват намуда, дар бораи роҳҳои пешгирӣ ва табобати бемориҳои гуногун маслиҳатҳои муфид медод, ки он ба тамошобинон хуш меомад. Ин буд, ки мардум шумораҳои навбатии маҷаллаи телевизионии «Тандурустӣ»-ро бесаброна интизор мешуданд. Тамошобинон ба телевизион мактуб навишта хоҳиш мекарданд, ки барномаи ба эфир рафтаи «Тандурустӣ»-ро такроран нишон диҳанд, ё ки дар бораи ягон беморӣ барнома тайёр намуда пешкаши онҳо гардонанд. Яъне мухлисони ин барнома хеле зиёд гардида, аксариат ин барномаро тамошо мекарданд ва дар атрофи он баҳсу муҳокимаҳои муфид ба амал меомад.

Агар ба масъалаи инъикоси соҳаи тандурустӣ дар барномаҳои соҳавии нахусттелевизиони тоҷик Телевизиони «Тоҷикистон» назар афканем чунин вазъро мушоҳида намудан мумкин аст. Дар барномаи хабарии «Ахбор»-и Телевизиони «Тоҷикистон» тамоми навигариҳои соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ ва ҷаҳон ба тариқи кутоҳ дар жанри хабар ва ё ҳисобот (гузориш) аҳён-аҳён дар жанри мусоҳиба манзури тамошобинон гардонида мешуданд. Албатта бо ин роҳ аҳолӣ аз навгониҳои соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ ва олам бохабар мешуданд. Дар ин ҷо таъкид намудан ба маврид аст, ки дар баробари барномаи хабарии «Ахбор» бо забони тоҷикӣ инчунин тариқи барномаи хабарии «Новости» айнан ҳамин навигариҳои соҳаи тандурустӣ бо забони русӣ пешниҳоди тамошобинон гардонида мешуданд. Одатан барномаи хабарии «Ахбор»-и Телевизиони «Тоҷикистон» аз аввал соати 20:30 ва барномаи хабарии «Новости» бо забони русӣ соати 19:00 дар эфир пахш карда мешуданд. Беҳуда ин вақт интихоб нашуда буд, зеро айнан ҳамин вақт аксарият сари дастархон нишаста, ба истеъмоли хуроки шом машғул мегаштанд. Илова бар ин тариқи Телевизиони «Тоҷикистон» соати 21:30 бо забони русӣ ҳатман барномаи хабарии «Времия»-и Телевизиони Марказии СССР «ЦТВ» пешниҳоди тамошобинон гардонида мешуд. Ҳамин барномаҳои хабарӣ дар соатҳои дигар махсусан саҳари рӯзи дигар такроран манзури тамошобинон гардонида мешуданд. Инчунин эълонҳои вобаста ба соҳаи тандурустӣ бобати эмгузаронӣ,

риояи талаботи тарзи ҳаёти солим, пешгирии бемориҳои гузаранда ва дигар масъалаҳои вобаста ба гигенаи шахсӣ ва тозагӣ маҳз тариқи ҳамин барномаҳои хабарӣ ба таваҷҷуҳи тамошобинон пешниҳод карда мешуданд. Яъне аз навигариҳо ва тамоми масъалаҳои муҳимми тандурустӣ тавассути барномаҳои хабарии Телевизиони «Тоҷикистон» тамошобинони ҷумҳурӣ сари вақт хабардор карда мешуданд.

Тавассути маҷаллаи телевизионии «Тандурустӣ», ки барномаи соҳавии соҳаи тиббии кишвар ба шумор мерафт, асосан дар шакли мусоҳиба, тафсир ва суҳбат тариқи таҳлил фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шуда буд. Мутахассисони соҳаи тиб роҳҳои пешгирӣ ва табобати бемориҳоро фаҳмонда медоданд. Бояд зикр намуд, ки дар солҳои аввали пайдоиш ва фаъолияти Телевизиони «Тоҷикистон» тамошобинон асосан ба воситаи мактуб хоҳиш менамуданд, ки бобати пешгириву табобати бемориҳои гуногун маслиҳати табибонро фаҳманд. Вобаста ба ин дар маҷаллаи телевизионии «Тандурустӣ» ҳамеша тариқи рубрикаи «Консултатсияи мо» ба саволҳои тамошобинон, ки тариқи мактуб омадаанд, мутахассисони соҳаи тиб ҷавоб мегардониданд. Маҷаллаи телевизионии «Тандурустӣ» аксар вақт иборат аз се бахш буд, ки дар бахши аввал ҳатман дар бораи наздик омадани мавсими ягон бемории гузаранда маълумот дода, бобати роҳҳои пешгирӣ ва табобати он маълумот дода мешаванд. Дар бахши дуюм бошад, аз фаъолияти ягон беморхона тариқи наворбардорӣ ва мусоҳиба намудан бо беморон ва табибон сюжети мукаммал таҳия ва манзури тамошобинон гардонида мешаванд. Чи хеле дар боло тазаккур намудем, бахши сеюм «Консултатсияи мо» унвон дошта, асосан ба ҷавоб гуфтани саволҳои тамошобинон бахшида мешавад. Аксар вақт ҳаҷми маҷаллаи телевизионии «Тандурустӣ» аз 30 то 40 дақиқаро дарбар мегирифт. Ин барнома асосан дар аввал дар шакли мустақим аз студияи телевизион пешкаши тамошобинон гардонида мешуданд, зеро дар оғози фаъолияти Телевизиони «Тоҷикистон» имкони сабти барнома набуд. Вале баъди он, ки чунин имконият пайдо гашт, барнома сабт карда шуда, баъд дар эфир пахш карда мешуд. Ин барнома асосан як маротиба такроран рӯзи дигар ба эфир монда мешуд. Бо

хоҳиши сершумори тамошобинон баъзе аз ин барномаҳои беҳтарини маҷаллаи телевизионии «Тандурустӣ» ба таври истисно бори сеюм манзури тамошобинон гардонида мешуданд.

Солҳои 80-уми асри XX телевизион дар байни воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон ташаккул ёфта, мавқеи мустаҳкам пайдо карда, барномаҳояш ҷолибу диққатҷалбкунанда гардиданд, ки бинандагон онро хуш истиқбол менамуданд. Барои исботи ин андеша, вобаста ба соҳаи таҳлилшаванда аз хотироти муҳаррири сарредаксияи пропагандаи Телевизиони «Тоҷикистон», журналисти варзидаи телевизион, айни ҳол доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи телевизион ва радиои Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Зулфиддин Муъминҷонов барномаи муаллифии ӯро зери рубрикаи «Гипноз ва тиб»[159] дида мебароем. Барномаи мазкур бо ПТС – Студияи сайёри телевизионӣ бо иштироки мардум дар бинои клуби собиқ колхози «Россия» алҳол дар ин бино Ташкилоти фарҳангии «Боргоҳи сухан» ҷой гирифта, дар маҳаллаи имрӯза «Зарафшон» ҷойгир шудааст, бо яке аз шифокорони варзида, он замон номзади илмҳои тиб, ҳоло доктори илмҳои тиб, профессор, психотерепевти варзида Анвар Исомиддинов сабт карда мешавад. Бояд таъкид намоем, ки дар он вақт сензураи давлатӣ аз болои воситаҳои ахбори омма амал мекард ва ҳаргуна мавзуъҳои навро бе иҷозат ба эфир додан мумкин набуд. Мавзуи гипноз дар ягон телевизиони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (СССР) ба эфир баромада набуд. Мебояд таъкид намуд, ки баъди 4 соли дар Телевизиони «Тоҷикистон» ба эфир баромадани барномаи «Гипноз ва тиб» (1984) соли 1988 дар Телевизиони «Украина» ва аз 9 октябри соли 1989 сар карда, силсилаи барномаҳо дар мавзуи гипноз бо иштироки доктори илмҳои психологӣ Анатолий Михайлович Кашпировский дар Телевизиони марказии СССР-ЦТВ бо номи «Сеансы здоровья врача-психотерапевта Анатолия Кашпировского» ба эфир баромадаанд. Яъне, дар ин ҷо ҷуръати муаллифи барнома ва дастгирии бевоситаи директори ҳамонвақтаи телевизиони

«Тоҷикистон» журналист, нависанда ва собиқадори телевизиони тоҷик Искандар Мирзоев буд, ки ин барнома манзури бинандаҳо гардонида шуданд. Вақте ки баъди ба эфир рафтани ин барнома рӯзи дигар намояндагони Вазорати тандурустӣ бо супориши вазири соҳа иборат аз чанд мутахассисон ба телевизион омада даъво карданд, ки «Гипнози аз тарафи духтур А. Исомиддинов нишондода ин фиребгарӣ ва онро дар телевизион бе иҷозати мо набояд нишон медодед, акнун ҷавобашро медиҳед. ... », директори телевизион Искандар Мирзоев қотеъона ба онҳо ҷавоби мувофиқ дода, ба эфир додани ин барномаро, ки дар байни бинандагони ҷумҳурӣ баҳои баланд гирифт дуруст ҳисобида, онро дастгирӣ намуд. Мебояд гуфт, ки дар ин барнома духтур А. Исомиддинов аз байни иштирокчиёни барнома чанд хоҳишмандро ба саҳна бароварда дар пеши назари ҳама онҳоро бо роҳи гипноз аз бемориҳои гуногун табобат намуд, ки ин барои ҳамагон ҳам иштирокчиён ва ҳам бинандагон аҷиб ва чун муъҷизакорӣ ба назар мерасид. Ин навгоние буд дар соҳаи тиб, ки бори нахуст аз тариқи телевизиони «Тоҷикистон» ба бинандагон пешниҳод карда шуд ва аз тарафи бинандагон ҳамовозии гарму ҷӯшон ба амал омад.

Баъди соҳибистиқлолиро ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар телевизионҳои зиёди давлативу хусусӣ таъсис ва ба фаъолият шуруъ намуданд, ки дар аксарияти онҳо дар мавзуи тиббӣ барномаҳои соҳавӣ таҳия ва пешниҳоди бинандагон гардонида шуданд. Зеро барои тамошобинон мавзуи тиббӣ яке аз мавзуъҳои муҳим ба шумор меравад, ки ҳар як шахс мехоҳад дар ин мавзуъ дониши хешро зиёд намояд, баҳри пешгирии аз бемориҳои гуногун ва саломатии худро нигоҳ доштан аз маслиҳатҳои шифокорон, ки таъриқи барномаҳои дар мавзуи тиббӣ таҳиягашта дода мешаванд истифода барад.

Барои намуна метавон барномаҳои дар мавзуи тиббӣ таҳия ва ба бинандагон пешниҳод намудаи журналистони Ширкати телевизиони ҷамъиятии «Пойтахт» (аз 6 сентябри соли 2006 ҳамчун Муассисаи давлатии телевизиони «Пойтахт» ва аз соли 2017 то ба ҳоло ҳамчун Муассисаи давлатии Телевизиони «Душанбе»), ки 8 сентябри соли 1996 ҳамчун нахустин шабакаи телевизиони ҷамъиятӣ дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе ба фаъолият

шурӯъ намуд, мисол овард. Дар ин телевизион дар қатори аввалин барномаҳои соҳавии иттилоотии «Паём», таҳлилии дар соҳаи ҳукук «Инсон ва қонун», дар соҳаи тиб «Дармон», дар соҳаи шаҳрдорӣ «Шаҳр, шаҳриён, шаҳриёрон», «Шаҳри ман-хонаи ман», дар соҳаи нақлиёт «Нақлиёт ва мусофир» ва ғайраҳо таҳия ва пешниҳоди бинандагон гардонида мешуданд. Барномаи таҳлилие, ки дар ин телевизион ба инъикоси мавзуъҳои тиббӣ бахшида шуда буданд, ин барнома «Дармон» ном дошта, моҳе як маротиба дар ҳаҷми 20 дақиқа ба бинандагон пешниҳод карда мешуд. Дар он асосан дар жанрҳои гуногун аз репортаж сар карда, то мусоҳиба, суҳбат, тафсир ва намоиши телевизионӣ (мухбирнома) барномаҳои телевизионӣ омода кардашуда, манзури бинандагон гардонида мешуданд.

Барои намуна як барномаи «Дармон»-ро ба таҳлил мекашем. Пеш аз ҳама бо ин ном бори нахуст, аввалин маротиба шоми 18 январи соли 1998 барномаи таҳлилӣ дар Телевизиони ҷамъиятии «Пойтахт» таҳия гардида, пешниҳоди тамошобинон гардонида шудааст. Ҳаҷми барномаи «Дармон» ҳамагӣ 20 дақиқа буда, аз ду саҳифа иборат буд. Саҳифаи якум ба мавзуи табобати бемории грипп бахшидашуда, дар он 2 нафар мутахассисони соҳаи тиб аз Дармонгоҳи шаҳрии № 1-и пойтахт иштирок намуда, ба саволҳои журналист бобати роҳҳои табобати ин беморӣ бо овардани мисолҳои мушаххас ҷавоб мегӯянд. Саҳифаи дуюми ин барнома «Консултатсияи мо» ном дошта, як нафар шифокор аз Беморхонаи № 3-и шаҳри Душанбе бобати аз шамолхӯрӣ эмин мондан маслиҳатҳои муфид медиҳад. Барандаи барнома дар анҷом ба тамошобинони пойтахт мурочиат намуда, хоҳиш мекунад, ки бо телефон ва мактуб онҳо метавонанд, ба барномаи «Дармон» саволҳои худро равон намоянд. Таҳиягарони ин барнома, аз рӯйи хоҳиши онҳо шифокорони ботаҷрибаро ба барнома даъват менамоянд, то ки ба саволҳои тамошобинон ҷавоб диҳанд. Инчунин дар ин мавзуъ барномаи дигаре, ки бо номи «Тиб, табобат, Тоҳирӣ» таҳия мегашт, дар он номзади илмҳои тиб, гиёҳшинос ва раиси Ассосиатсияи «Табибони халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Муллозуҳур Тоҳирӣ иштирок намуда, бобати навигариҳои соҳаи гиёҳшиносӣ, усулҳои табобатии тибби халқӣ

ба тамошобинон маслиҳатҳои тиббӣ медод. Яъне дар баробари тибби замонавӣ, донистану дуруст истифода бурдани тибби халқӣ, гиёҳшиносӣ ва ғайраҳо бо ин барнома аз тарафи тамошобинон хуш қабул мегардид.

Имрӯзҳо телевизион байни воситаҳои ахбори омма барои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаи ахбори оммаи дастрастарин ба ҳисоб меравад. Яъне бо шарофати соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва бевосита дастгириҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи телевизион ба пешрафт ноил гашта, якчанд телевизионҳои соҳавӣ таъсис ва фаъолият карда истодаанд, ки онҳо ба рушди соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоии мамлакат мусоидат хоҳанд намуд.

Дар Телевизиони «Тоҷикистон» ба инъикоси соҳаи тиб аҳаммияти махсус дода мешавад. Агар дар солҳои аввали пайдоиши телевизион дар Тоҷикистон яке аз нахустин барномаҳои телевизионии соҳавӣ дар соҳаи тиб бо номи «Тандурустӣ» дар Телевизиони «Тоҷикистон» таҳия ва пешниҳоди тамошобинон гардонида мешуда бошанд. Минбаъд шумора ва ҳаҷми ин барнома зиёд гардонида шуданд. Дар оғоз ин барнома агар асосан бо забони русӣ таҳия карда мешуд, минбаъд оҳиста-оҳиста он пурра бо забони тоҷикӣ таҳия карда мешуданд. Соҳибистиқлолӣ имкон ба вуҷуд овард, ки дар Телевизиони «Тоҷикистон» қолабшиканӣ ба миён омада, дар соҳаи тиб як барнома нею якчанд барномаҳо бо номҳои гуногун таҳия кардашуда, пешниҳоди тамошобинон гардонида шаванд. Азҷумла барномаи «Як рӯзи табиб» [171] шоми сешанбе дар ҳаҷми то 40 дақиқа моҳе 1 маротиба ба фаъолияти шифокорони варзидаи ҷумҳурӣ дар беморхона, дар донишгоҳи тиббӣ ва дар хона бо аҳли оила бахшида мешавад.

Шоми чоршанбе бошад, барномаи «Тарзи ҳаёти солим» [167] дар ҳаҷми 30 дақиқа ба мавзуи муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ - тарзи ҳаёти солим бахшида мешавад. Дар ин барнома мавзуъҳои ба варзиш машғул гардидан, ба тозагӣ риоя намудан, ба саломатии хеш аҳаммият додан ва ба корҳои номатлуб машғул нагаштан тарғиб карда шуда, аҳолиро ба тарзи ҳаёти солим раҳнамун карда мешавад. Барои намуна барномаеро, ки зери ҳамин рубрика бо мавзуи

«Ҷомеа ва ҳаёти солим» [170] манзури тамошобинон гардонида шудааст, баррасӣ мекунем. Ин барнома дар асоси видеонавор, ки аз шаҳри Кӯлоб сабт карда шудааст таҳия гардидааст. Дар барнома бобати рушди соҳаи тандурустӣ дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан рафта, муаллифи барнома аз ҷумла чунин мегӯяд: «Бо мақсади бартараф намудани мушкилиҳои мавҷуда ва дастрасии пурраи шаҳрвандон ба хизматрасониҳои босифати тиббӣ танҳо соли 2024 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи тандурустӣ 3,7 млрд. сомонӣ равона карда шудааст, ки нисбат ба соли 2023 – 12,6 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи тандурустӣ ҳамасола афзоиш ёфта, истифодаи мақсадноки он ба ҳамаҷониба рушд ёфтани ин самт заминаҳои мусоид фароҳам овардааст.

Давоми бештар аз се даҳсолаи охир шумораи муассисаҳои тиббӣ дар кишвар ба зиёда аз 6 ҳазор расонида шуд. Ҳол он, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон ҳамагӣ 2862 иншооти тиббӣ фаъолият менамуд.

Ҳоло дар ҳама шаҳру ноҳияҳои мамлакат зиёда аз 100 ҳазор кормандони соҳа бо истифода аз муосиртарин дастгоҳу технологияи тиббӣ сатҳи хуби хизматрасонӣ ба аҳолиро дар мадди аввал гузоштаанд»[170]. Муаллифи барнома сармуҳаррири идораи барномаҳои иҷтимоӣ ва тандурустии Телевизиони «Тоҷикистон» журналист Қурбон Қурбонзода факту рақамҳои болозикрро оварда, дар мисоли шаҳри Кӯлоб бевосита ин пешравиҳоро бо истифодаи наворҳо ва мусоҳиб шудан бо табибон ва сокинони шаҳри Кӯлоб боварибахш манзури тамошобинон намудааст. Аз ҷумла ӯ барномаро идома дода, чунин мегӯяд: «Ҳоло дар шаҳру деҳоти Кӯлоб 73 муассисаҳои тандурустӣ фаъолият менамоянд. Муассисаҳои тандурустии шаҳру деҳоти Кӯлоб соли 2024 ба зиёда аз 84 ҳазор нафар хизмати тиббӣ расониданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12,0 ҳазор нафар зиёд мебошад. Дар ин давра 10 ҳазору 263 нафар бистарӣ шуда, аз ҷониби табибони дорои тахассуси баланди касбӣ ташхису муолиҷаи дақиқ гирифтанд. Бунёди садҳо иншооти тиббӣ ва

ҷиҳозонидани онҳо бо муҳимтарин дастгоҳу лавозимоти соҳавӣ, тадбирҳо ҷиҳати боло бурдани малакаи касбии табибон ва ҳалли мушкили норасоии кадрҳо дар муассисаҳои тандурустии марказ ва ҷамоату деҳоти шаҳр ба рушди ин самти афзалиятнок заминаҳои мусоид фароҳам овард»[170]. Барномаи дигари ҳамин идора, ки ба инъикоси мавзуъҳои тиббӣ бахшида шудааст, бо унвонии «Мадади Сино» [162] мебошад, ки солҳои зиёдест таҳия ва манзури тамошобинон гардонида мешаванд. Ин барномаро баранда, ки худ маълумоти олии тиббӣ дорад барандагӣ мекунад. Бо сабаби он, ки баранда соҳаи тибро худ медонад, бо мутахассисони соҳаи тиб мусоҳиба, суҳбати гуворо карда, бо ин диққати тамошобинонро ба барнома ҷалб менамояд. Ин барнома дар ҳаҷми 30 дақиқа ҳар ҳафта шоми панҷшанбе пешкаши тамошобинон карда мешавад.

Барномаи «Тибби тоҷик» [168], ки ба инъикоси соҳаи тиби тоҷик бахшида шудааст, низ дар ҳаҷми 30 дақиқа шоми ҷумъа пешниҳоди тамошобинон мегардад. Мавзуъҳои инъикосшавандаи ин барнома асосан ба тибби қадимаи мардуми тоҷик аз Ибни Сино оғоз гардида, то ба имрӯзро дарбар мегирад. Барои намуна як барномаи «Тибби тоҷик» [168]-ро, ки ба фаъолияти Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Маркази тиббии «Насл» бахшида шудааст, бозбинӣ мекунем. Барнома бо стендапи журналист аз Маркази тиббии «Насл» оғоз мегардад, ки ӯ дар бораи ин маркази тиббӣ маълумот дода, бобати фаъолияти он азҷумла чунин мегӯяд: «Фаъолият дар самти муоина ва муолиљаи бемориҳои гуногуни чашм дар ҶДММ «Босира» солҳои наонқадар тӯлониро фаро мегирад, вале донишу таҷрибаи баланди касбии кормандон ва истифодаи онҳо аз муосиртарин дастгоҳу лавозимоти соҳавӣ шуҳрату эътибори онро дар дохилу хориҷи мамлакат хеле зиёд кардааст. Самараи гузоштани муоинаи дақиқ ва ба таври комил шифо ёфтани ҳар муроҷиаткунанда, талаботи афроди мушкили биноӣ доштаро дар самти дастрасӣ пайдо намудан ба хизматрасониҳои босифати тиббӣ дар Маркази микроҷарроҳии лазерии чашм «БОСИРА» ҳар рӯз бештар менамояд. Тибқи маълумоти роњбарият танњо дар соли 2023 барои гузаштан аз муоинаи тиббӣ 2193 нафар сокинон аз манотиқи дуру наздик ба табибони марказ муроҷиат кардаанд.

Амалиёти ҷарроҳӣ, ки дар 50 нафар гузаронида шудааст, натиҷаҳои дилхоҳ дода, биноии маризони бо омилҳои гуногун муроҷиаткарда пурра барқарор карда шуданд»[168]. Барои исботи фикри хеш журналист бо як бемор мусоҳиб мегардад, ки он бобати муносибати хуби шифокорони ин марказ ва барқарор шудани биноиаш бо хурсандӣ нақл менамояд. Барномаи мазкур чунин идома меёбад: «Дар Маркази микроҷарроҳии лазерии чашм «Босира» табибони маҳаллии дорои тахассуси баланди касбӣ ба кор ҷалб карда шудаанд. Бо ҳадафи бозҳам боло бардоштани донишу таҷрибаи мутахассисон дар заминаи ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд ва имзои шарнтомаҳои махсус ҳайати шифокорони «Босира» пайваста бо мутахассисони дигар кишварҳо табодули таҷриба менамоянд. Ҳоло марказ дар самти хизматрасониҳои муоина ва машварати бемориҳои чашм, ташхис, ҷарроҳии витрооретиналӣ, ҷарроҳии ҷисми шаффоф ва тӯрпардаи чашм, ҷарроҳии рефраксияи қарнияи ласик бо таҷҳизотҳои замонавӣ дар шароити дармонгоҳ фаъолият намуда, масъулин ҳадаф доранд, ки бо пуштибонӣ аз сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои хизматрасониҳои тиббиро дар марказ бештар ва сифати онро беҳтару хубтар намоянд» [168]. Чи тавре аз таҳлили ин барномаи телевизионӣ дида мешавад, гурӯҳи эҷодии телевизион кӯшиш ба харҷ додаанд, ки тариқи як барномаи телевизионӣ аз фаъолияти Маркази тиббии «Насл» ба тамошобинон маълумоти пурра бо факту далел диҳад, ки ба тамошбин хушоянд мебошад. Ҳарчанд, ки дар ин барнома чандин калимаҳои соҳаи тиббии ба тамошобин нофаҳмо истифода гардидааст. Мебоист, ки маънии онҳо тафсир карда мешуданд.

Барномаи панҷуми ба соҳаи тиб бахшидашудаи Телевизиони «Тоҷикистон» унвонии «Равондармонӣ» [165] дошта, дар ҳаҷми 40 диқиқа шоми шанбе манзури тамошобинон карда мешавад. Ин барнома пурра ба мавзуи равондармонӣ бахшидашуда, дар он ҳолатҳои гуногуни бемории равонӣ ва роҳҳои табобати он бо иштироки равоншиносони варзида ба тамошобинон фаҳмонида дода мешаванд. Дар таҳияи ин 5 барномаҳо, ки ба инъикоси масъалаҳои тиббӣ бахшида мешаванд, гурӯҳи калони журналистон дар идораи

барномаҳои тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолии Телевизиони «Тоҷикистон» машғул мебошанд.

Дар Муассисаи давлатии Телевизиони «Душанбе» бошад, алҳол ду барномаи соҳавӣ ба инъикоси мавзуъҳои тиббӣ бахшида шудаанд, ки яке «Ворисони Сино»[158] ва дигаре «Пизишки ман» [164] унвонӣ дошта, ҳарду барномаи телевизионӣ дар ҳаҷми то 30 дақиқа таҳия ва манзури тамошобинони пойтахт карда мешаванд. Барои намуна барномаи соҳавии «Ворисони Сино»»[158]-ро ба таҳлил мекашем. Барнома ба мавзуи бемории нуқси модарзодии дили кӯдак аз шуъбаи ҷарроҳии дилу рагҳои бахши кӯдаконаи Муассисаи давлатии Маҷмаи тандурустии «Истиқлол»-и шаҳри Душанбе таҳия карда шудааст. Муаллиф ва барандаи барнома журналисти идораи барномаҳои таҳлилӣ Зебунисо Рустамова машғул мебошад. Барнома дар жанри намоиши телевизионӣ таҳия гардида, аз тақдири Абубакри хурдсол, ки ба бемории нуқси модарзодии дил гирифтор асту бо талоши табибон сиҳат гардидааст, бо навори ӯ, модараш сокини пойтахт Моҳрӯ Дӯстова ва журналист Зебунисо Рустамова дар даромадгоҳи Маҷмаи тандурустии «Истиқлол»-и шаҳри Душанбе оғоз мегардад. Модари Абубакр дар даст кӯдак нақл мекунад, ки чи хел табибони ин беморхона фарзанди ӯро аз ин бемории вазнин табобат намуданд. Ҷарроҳ, номзади илмҳои тиб Фаридун Норов бо нишон додани дастгоҳҳои муосири тиббӣ ва бо воситаи он чи хел ҷарроҳӣ намудани дили кӯдакон, аз ҷумла дили Абубакр нақл мекунад, ки хеле боварибахш аст. Ё ки мудири шуъбаи ҷарроҳии дилу рагҳои бахши кӯдакони Муассисаи давлатии Маҷмаи тандурустии «Истиқлол» Каримов Эҳсон Эргашевич мегӯяд, ин шуъба аз моҳи ноябри соли 2011 ба фаъолияти худ шуруъ кардааст. Бо Қарори Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз 16-уми декабри соли 2017 бо мақсади дастгирии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ аз ҳисоби фонди захиравии Раиси шаҳри Душанбе 2 миллиону 300 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд, ки то имрӯз 118 кӯдак ройгон ҷарроҳии дил карда шуданд, ки хушбахтона сиҳатии онҳо хуб аст. Инчунин табибони дигари ин беморхона бо мисолҳо сабаби пайдоиши ин бемориро аз хонадоршавии хешу таборӣ буданашро иброз намуда, аз ин роҳ худдориро

тавсия намуданд. Дар ин барнома факти он, ки соли 2021 аз 10 ҳазор кӯдаки тавлидшуда, 1201 кӯдак норасида ва 189 кӯдак бо нуқси модарзодии дил таваллуд шуданашон маълумоти аниқ дода, тавсияи пешгирии ингуна бемориҳо пешниҳоди тамошобинон карда шудааст.

Ин барномаи соҳавии ба инъикоси мавзуъҳои тиббӣ бахшидашуда бо роҳгардии Абубакри хурдсол бо модарашу журналист ва хурсандона аз Маҷмаи тандурустии «Истиқлол»-и шаҳри Душанбе берун омадашон ба анҷом мерасад, ки хеле ҷолиб ва касбиёна таҳия гардидааст. Аммо дар бораи барномаи дигари Телевизиони «Душанбе», ки ба соҳаи тандурустӣ бахшида шудаасту «Пизишки ман»[164] ном дорад, суханони мусбии болоиро гуфтан нашояд. Зеро барнома дар студияи телевизион бо барандагии Зокир Шарифов мудири шуъбаи гастроэнтерологии Маҷмаи тандурустии «Истиқлол»-и шаҳри Душанбе таҳия гардидаасту ба мавзуи пешгирии бемории узви ҳозимаи кӯдакон бахшида шудааст. Баранда мутахассиси соҳаи тандурустӣ мебошаду соҳаи худро хуб медонад, аммо давоми 30 дақиқа якмаром дар бораи пешгири як беморӣ ҳарчанд, ки бо наворҳо ҷо-ҷо пӯшонда шудаанд, барои тамошобинон дилгиркунанда мебошанд. Мумкин буд, ки барандагиро журналист мекарду ба саволҳо мутахассис ҷавоб мегуфт, шояд барнома якранг ва дилгиркунанда намегардид. Яъне барномаи соҳавӣ ҳатман бо иштироки мутахассиси соҳа ва риояи талаботи жанрӣ бояд таҳия гардад, то ки барои тамошобинон фаҳмо ва ҷолиб бошад.

Дар ҳамин ҷо мебояд таъкид намуд, ки журналистони барномаҳои соҳаи тандурустӣ таҳиякунанда ҳарчанд мутахассиси соҳаи тиб нестанд, аммо аз сабаби он, ки солҳост ба таҳияи барномаҳои соҳаи тиб машғул ҳастанд, ин соҳаро омӯхта то андозае аз нозукиҳои ин соҳа бохабар ҳастанд. Бо вуҷуди он аз таҳлили барномаҳои соҳавии соҳаи тиббӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо дар инъикос ва пешниҳоди мавзуъҳои алоҳидаи тиббӣ душворӣ мекашанд. Истилоҳоти алоҳидаи тиббиро фаҳмида наметавонанд ва дар натиҷа инъикоси он дар барномаи телевизионӣ ноқис ва нопурра ба мушоҳида мерасад. Аз ин рӯ дар ҳалли ин мушкилӣ зарурат ба миён меояд, ки журналистони ба таҳияи

барномаҳои соҳавӣ машғул бояд курсҳои такмили ихтисосро вобаста ба соҳаи муайян гузаранд. Барандагони барномаҳои соҳавӣ аз ҳисоби мутахассисони соҳаи муайянро низ лозим аст, ки аз асосҳои журналистикаи телевизион бохабар гарданду вобаста ба жанрҳо такмили ихтисос гиранд. Зеро кур-курона якрангу якмаром барандагӣ намудани онҳо, ҳарчанд мутахассиси пуртаҷриба буданашон имкон намедиҳад, ки барномаи соҳавӣ ҷолиб ва тамошобоб гардад. Бинобарон ҳам ба журналистони барномаҳои соҳавӣ таҳиямекарда ва ҳам мутахассисони соҳаҳои муайян, ки барномаи соҳавиро барандагӣ мекунанд лозим аст, ки такмили ихтисос намуда, махсусиятҳои соҳа ва ҳам журналистикаи соҳавиро омӯзанд. То минбаъд пеши роҳи таҳияи барномаҳои якранг ва шаблонӣ гирифта шавад. Дар барномаи соҳавӣ ба гуфтори умумӣ ва обшуста, нишон додани лаҳзаҳои бемақсаду таҳлили ғайрикасбӣ роҳ дода нашавад. Маводди телевизиони соҳавӣ бо истифодаи технологияҳои пешқадами иттилоотӣ ва эҷоди касбиёнаи кормандони ҳам эҷодиву ҳам техникӣ касбина манзур гардад.

Хулоса, инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион дар замони имрӯза яке аз масъалаҳои муҳимми рӯз ба ҳисоб меравад. Зеро ҳифзи саломатии шаҳрвандон, бо роҳҳои пешгирӣ аз бемориҳои гузаранда, мавсимӣ ва хатарнок аз вазифаҳои стратегии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба шумор меравад. Вақти он расидааст, ки имрӯз вобаста ба соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоии кишвар дар шуъбаву факултетҳои журналистикаи донишгоҳҳову донишкадаҳои ҷумҳурӣ журналистони соҳавӣ тарбия карда шаванд. Аз ҷумла дар соҳаи тиб тарбияи журналистони ин соҳа ба роҳ монда шавад, то ки онҳо дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ, дар суҳбат бо мутахассисони соҳаи тиб тайёр бошанд, ин соҳаро, терминалогия ва дигар хусусиятҳои хоси онро донанд ва дар инъикос ва суҳбатҳои ихтисосӣ бо мутахассисони соҳаи тиб баробар бошанд, то ки барномаашон ба бинандагон фаҳмо ва таъсиргузор гардад.

БОБИ III
ВИЖАГИҲОИ ЖАНРӢ ВА СОХТОРИИ БАРНОМАҲОИ СОҲАВИИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ДАР МАВЗУЪҲОИ ТИББӢ

3.1. Жанрҳои иттилоотӣ инъикосгари рӯйдодҳои муҳимми соҳаи тандурустӣ

Воситаҳои ахбори омма: матбуот, радио ва телевизионро бе мафҳуми жанр тасаввур кардан ғайриимкон аст. Зеро жанр василаест, ки тавассути он маълумотеро ба мардум расонида мешавад. Расонидани маълумот ба аҳолӣ асосан тавассути матбуот, радио, телевизион ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба воситаи Интернет ба амал бароварда мешавад. Аз сабаби он, ки мавзуи пажуҳиши мо ба журналистикаи телевизион мутаалиқ аст, хусусиятҳои жанрҳои хабарии телевизион ҳамчун инъикосгари рӯйдодҳои муҳимми соҳаи тиббиро баррасӣ хоҳем кард. Аз ин рӯ аввал дар бораи журналистика ва жанр дар телевизион истода мегузарем. «Журналистика дар телевизион ба хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеӣ ҷудо мешавад. Ин се тарзи азхудкунии маводди ҳаётӣ бо се гурӯҳи жанрҳо инъикоси худро меёбанд. Аз ин рӯ журналистикаи телевизион берун аз системаи жанрӣ вуҷуд дошта наметавонад. Фаҳмиши ҷиддии жанрҳо аз касбияти журналист дарак медиҳад» [68, с. 14].

Бобати инъикоси мавзуъҳои тиббӣ тавассути телевизион аз оғози таъсиси ин намуди воситаи электронии ахбори омма то ба имрӯз истифодаи жанрҳои иттилоотӣ зиёд ба мушоҳида мерасад. Сабаби асосии нуфузи жанрҳои иттилоотӣ, дар навбати аввал ҳадафи хабаррасонии онҳо ба ҳисоб меравад. Чуноне, ки профессор Абдусаттор Нуралиев қайд намудаанд: «Дар даҳсолаи охир жанрҳои хабарӣ дар ҷойи аввал қарор гирифтаанд. Навидҳо қатъан дигар жанрҳоро танг кардаанд. Ва мушкилоте монанди фаврият, рақобатпазирӣ ва манбаъ ба ҷойи аввал баромаданд» [81, с. 37-38]. Таҳқиқи барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Душанбе», ки ба инъикоси мавзуъҳои тиббӣ бахшида шудаанд нишон медиҳанд, ки шабакаҳои

телевизионӣ дар ҳама давраҳои фаъолияти худ кӯшиш ба харҷ додаанд, ки дар инъикоси ҳар воқеаи нави соҳаи тиб ба тамошобинон таъҷилан иттилоъ диҳанд. Аз ин ҷиҳат, жанри хабар дар телевизион серистеъмол буда, чуноне ки профессор Мурод Муродӣ таъкид намудааст: «Воқиф намудани аудитория аз ҳодисаву рӯйдод, навгониву дигаргуниҳои муҳимми рӯз» [66, с. 97] ба назар гирифта мешавад, ки дар мадди аввал арзиши муҳимми хабарӣ, иҷтимоӣ ва соҳавиро ифода менамояд.

Ба гурӯҳи жанрҳои хабарии телевизионӣ хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж дохил мешаванд. Махсусияти иттилооти телевизионӣ дар он аст, ки ягон иттилои матбуотӣ ва радиоӣ ба он баробар шуда наметавонад. Чунки он на танҳо бинандаро бо навигарии рӯхдода мустақиман пайванд месозад, балки гӯё иштирокчии он менамояд. Тамоми тамошобинони хешро аз ин навигарӣ хабардор сохта, ба андеша кардан водор месозад.

Журналист метавонад, ҳама гуна навигариро барои тамошобин таъсирбахш манзур намояд. «Маълум аст, ки пешниҳоди рӯйдод, сюжет вобаста ба диди эҷодии муаллиф сурат мегирад. Дар ин ҳолат инъикоси беғаразонаи рӯйдод маънои абстрактӣ мегирад. Бо вуҷуди ин бояд кӯшиш кард, то рӯйдод ҳақиқатнигорона ва беғаразона пешниҳод гардад» [33, с.143]. Дар ин ҳолат зарур мебошад, ки рӯзноманигор кӯшиш кунад, то касбӣ корро анҷом диҳад. «Дарки 3 талаби асосии сюжет муҳим аст:

1. Мазмуни сюжет бояд таваҷҷуҳи оммаро ба худ ҷалб кунад;

2. Ҳар як калима, ҳар як пешниҳод дар сюжет бояд фаҳмо бошад;

3. Сюжет аз оғоз то анҷом бояд диққатҷалбкунанда ва мароқангез бошад.

Ба таври умум гӯйем, сюжет бояд диққатҷалбкунанда, мароқангез ва ифодакунандаи манфиати ҳама ва ҳар як шахс бошад. Ин се хусусият бояд якҷоя амал кунанд. Аз набудани яке аз инҳо сюжет ғайрикасбӣ мегардад» [108, с. 137]. Яъне сюжет чунон бояд сохта шавад, ки ҳеҷ набошад ҷумлаи якум ва охир дар хотири тамошобин боқӣ монад. Ҳар як шахс мехоҳад, ки аз дигарон пештар аз навигариҳо хабардор шавад. Тамошобини имрӯза тавассути моҳвора ва интернет имкон пайдо намудааст, ки барномаҳои телевизионҳои

мамлакатҳои гуногунро тамошо кунаду ташнагии хабарии хешро шиканад. Аммо мебояд иқрор шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз на ҳама ин хел имкониятро доро мебошанд. Мутаассифона, аксарият тамошобинони ҷумҳурӣ иттилои муҳимми хориҷиро ба воситаи шабакаҳои телевизионии «Шабакаи якум» ва «РТР»-и Федератсияи Россия тамошо мекунанд. Дар барномаҳои хабарии «Ахбор»-и Телевизиони «Тоҷикистон», «Навид»-и Телевизиони «Сафина» ва «Хабар»-и Телевизиони иттилоотии «Ҷаҳоннамо» ин видеохабарҳо тарҷума ва бо видеонаворҳои такрор пӯшонда шуда, манзури тамошобинон гардонида мешаванд. Ингуна сюжетҳо, ки аз тарафи рӯзноманигорони хориҷӣ таҳия карда шудааст, албатта бо ба ҳисоб гирифтани манфиат, мавқеъ ва идеологияи ҳамон давлати хориҷӣ таҳия шудааст ва на ҳамеша ба манфиат, мавқеъ, идеологияи давлати мо мувофиқ мебошад. Аз ин рӯ ҳамин хел видеохабарҳои хориҷиро бо тарҷума манзури тамошобинони тоҷикистонӣ намудан ба манфиати давлати мо нахоҳад буд. Саволе ба пеш меояд, ки консепсияи барномаи хабарии телевизионӣ чӣ гуна бояд бошад? Барномаҳои иттилоотии телевизионҳои ватаниро (ҷумҳуриявӣ ва маҳаллиро) таҳлил намуда, се тарзи асосии таҳияи барномаҳои иттилоотиро муайян намудан мумкин аст:

Якум услуби классикӣ. Ин консепсияи барномаҳои хабарии телевизионҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣаст. Аксаран расмӣ, таъҷилӣ ва кӯтоҳ. Асосан диққат ба навигариҳои ҳаминрӯз содиршуда нигаронида шудааст. Услуби барандаи барномаи хабарӣ, сару либоси баранда ва ороиши студия ба таври расмӣ аст.

Дуюм услуби хонагӣ. Пешниҳоди маводди хабарӣ дар ин услуб ба тарзи дигар аст. Видеохабари якум метавонад, навигарие бошад, ки на он қадар муҳим, аммо ҳама онро муҳокима мекунанд. Барандаи барнома на ба таври расмӣ, балки озодтар нишаста, озодона бештар сухан мегӯяд. Видеохабарҳо дарозтаранд. Сеюм услуби публитсистӣ. Ин тарзи махсуси пешниҳоди видеохабар мебошад. Як навигарӣ (видеохабар) асоси тамоми видеохабарҳои дигари барномаи хабарӣ мегардад. Ин монанди бо бинанда гузаронидани суҳбати як ба як мегардад. Масалан пайдоиши бемории зуком (грипп) асос

мешаваду дар атрофи он видеохабарҳои дигар аз шамолхӯрӣ то ба пурра табобат намудану минбаъд роҳҳои пешгирии ин намуди беморӣ ба шифокорон ва аҳолии маҳал бо савол мурочиат карда, ҷавобҳоро пешниҳоди тамошобинон гардонида мешавад. Бо ин аҳолии маҳаллиро ба муҳокимаи ин мавзуъ раҳнамун карда мешавад. Дар натиҷаи тамошои ингуна барномаи хабарӣ афкори умум нисбати мушкилии мавҷудаи як маҳал ба миён оварда мешавад. Вақте ки барандаи барномаи хабарӣ ба ҷои ду ҷумлаи расмӣ, бо тамошобинон оромона гуфтугу мекунад, барномаи иттилоотӣ диққатҷалбкунанда мегардад. Ин услуб барои барандаи барномаи хабарӣ имкони васеъ фароҳам меорад. Мебояд ба телевизионҳои шаҳриву ноҳиявие, ки бо услуби классикӣ барномаҳои хабарӣ таҳия менамоянд, офарин гуфт. Чаро ки дар як шаҳр ва ё ноҳия ҳамарӯза навигариҳои диққатҷалбкунанда ёфта ба тамошобинон манзур кардан кори осон нест. Барои тамошобин фарқ надорад, вай видеохабари рӯзноманигори телевизиони маҳаллиро бо видеохабари рӯзноманигори телевизиони ҷумҳуриявӣ муқоиса мекунад. Бинобарон рӯзноманигори телевизиони шаҳриву ноҳиявие, ки дар услуби классикӣ видеохабар таҳия мекунад, бояд ботаҷриба ва касбӣ бошад. Вагарна мувофиқи талаботи тамошобин видеохабар таҳия намуда наметавонад. Ҳамарӯза дар услуби публитсистӣ низ таҳия намудани барномаи хабарӣ ғайриимкон аст. Бинобарон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои телевизиони шаҳриву ноҳиявӣ беҳтар аст, ки бо услуби хонагӣ барномаи хабарӣ таҳия намоянд. Барои фарқ карда тавонистан ва фаҳмо шудан нишонаҳои ин се услубро дида мебароем.

Нишонаҳои услуби классикии барномаҳои хабарӣ иборат аст, аз инҳо:

1) Баранда бо оҳанги расмӣ сухан мегӯяд.

2) Ороиши студия бо шакли расмӣ.

3) Пешсухани кӯтоҳи мувофиқ ба видеохабар.

4) Пур аз видеохабарҳо будани барномаи хабарӣ.

5) Ҷобаҷогузории расмӣ: видеохабари якум бояд навигарии муҳимми ҳамин рӯз бошад, ки диққати аксариятро ба худ ҷалб кунад. Агар байни

навигариҳо ҳодисаҳои фоҷиавӣ, стихиявӣ, террорбошанд, ҳатман бояд видеохабари якум мешаванд.

6) Давомнокии видеохабар на бештар аз 1,5 – 2 дақиқа.

7) Навигариҳои варзиширо бояд барандаи алоҳида барад.

8) Нишондиҳии видеохабарҳо бо чунин шакл сохта мешавад: плани умумии студия, баъд бо плани калон баранда, анонси навигариҳо ва баъд худи барнома, охири видеохабар аз плани калон ба плани умумӣ, баъд заставкаи анҷом.

9) Сабки видеохабарҳо – дар тартиби хуб, бо суръати тез хондани матн дар кадр ва паси кадр.

Ҳоло шинос мешавем бо нишонаҳои услуби хонагии барномаҳои хабарӣ:

1) Бо суръати муътадил суханронии баранда.

2) Студия ва баранда бо сабки расмӣ набуда, бештар ба суҳбаткунӣ наздик мебошад. Сурати шабонаи шаҳр ва ё ноҳия метавонад дар фони барномаи хабарӣ бошад. Баранда дар тан куртаи расмӣ ва ё курта бо камзул. Костюм пӯшидан ва галстук бастани баранда ҳатмӣ нест.

3) Суханронии баранда пеш ва баъди видеохабар мумкин аст. Он табиӣ қабул карда мешавад.

4) Давомнокии видеохабар ба таври қатъӣ муайян нашудааст ва метавонад аз 1 дақиқа то ба 3 – 3,5 дақиқа расад, агар видеохабар дар бораи инсони аҷиб ва ё вазъи проблемавӣ бошад.

5) Миқдори видеохабарҳо ба вазъи хабарии рӯз вобаста аст. Он метавонад, хеле зиёд ва кӯтоҳ ва ё хеле кам, вале дароз бошад.

Нишонаҳои услуби публитсистии барномаҳои хабарӣ:

1) Нишонаи муҳим ва асосии ин услуб истифодаи пурсиши интерактивӣ аст. Аз оғози барнома тамошобин ба муҳокимаи мушкилии рӯз ҷалб карда мешавад. Бо ин таассуроте ба миён оварда мешавад, ки бе андешаи фикри тамошобин видеохабар нопурра мемонад.

2) Сабк, услуби студия ва баранда сахт ба сабки хабарӣ вобаста нест. Сабки расмӣ ва ё хонагиро интихоб намудан ба гурӯҳи эҷодӣ вобаста аст.

3) Дар ҷобаҷогузорӣ ва сохти барнома ҳамеша як мавзуи асосӣ, як видеохабар ҳамчун асос аввалнишон дода мешавад. Баъд ба овоздиҳӣ дар режими интерактивӣ гузошта мешавад.

4) Дар давоми барнома баранда мавзуи асосиро ёдрас намуда, аҳолиро барои дар овоздиҳӣ иштирок намудан даъват мекунад. Ҳамчун қоида дар атрофи мавзуи асосӣ якчанд видеохабар, мусоҳиба ва репортаж таҳия карда, нишон дода мешавад.

5) Драматургияи барномаи хабарӣ низ пурра вобаста ба мавзуи асосӣ буда, ҳамеша кулминатсия, ҷойи муҳимми ин гуна барномаҳо, ахиран, бо ҷамъбаст намудани муҳокимаи интерактивӣ, шарҳи экспертҳо ва ё баранда анҷом меёбад. Интихоби жанр ва мавзуъ барои муваффақона пешниҳод намудани видеохабар хизмат карда, ба тамошобин ҷолиб мешавад.

Маводди кутоҳи лаҳзаҳои асосии рӯйдоди муҳим бо пешниҳоди пайдарҳамии онро журналистони телевизион хабар мегӯянд. Хабари видеоӣ ва саҳифаи кутоҳи барномаи калони телевизионӣ сюжет ва ё видеосюжет номида мешавад. Олимони соҳаи журналистика Эверетт Деннис ва Ҷон Мэрилл чунин таърифро пешниҳод мекунанд: «Навигарӣ маълумотест, ки дар он назари нави замонавӣ ва воқеият, раванди он доир ба масъалаи мушаххас ифшо мегардад» [28, с. 205]. Дар ҳақиқат навигарӣ ин рӯйдодест, ки тамошобин фаҳмидан мехоҳад, ки ин амалро воситаҳои тахбори омма, азҷумла телевизион ба иҷро мерасонад. Дар ҳақиқат навигарӣ дар як ҷумла хабар медиҳад, ки дар куҷо, кай, кӣ, чӣ, чӣ кор кард. Хабар ба саволҳои барои чӣ? ва чӣ хел? ҷавоб намедиҳад. Агар хабар лоиқи шарҳ додан бошад, он таҳлил, шарҳ ва баҳо дода мешавад, ки барои ин жанрҳои таҳлилӣ истифода бурда мешаванд. Хабар (навигарӣ) бояд тамошобинро ба андеша намудан водор созад. Тафсири ин навигариро бояд тавассути жанрҳои таҳлилӣ ба тамошобин шарҳу эзоҳ дод. Иттилои бо навор ва бо тасвир таҳияшударо дар шабакаи телевизионӣ сюжет ва ё видеосюжет меноманд. Видеосюжет як шакли иттилооти телевизионӣ буда, ба ду хел мешавад. Аввал сюжети расмӣ - анъанавӣ, ки аз маросимҳои расмӣ: иҷлосияҳо, конфронсҳои матбуотӣ ва монанд ба инҳо таҳия карда мешаванд. Дар ин вазъ

наворбардори ботаҷриба бе таъкиди рӯзноманигор ҳам наворбардорӣ мекунанд. Медонад, ки планҳои адресӣ, баромадкунандагон ва иштирокчиёнро бо плани умумӣ, миёна ва калон гирад. Дар вақти танзим вобаста ба ҷараёни рӯйдоди муҳим ва матн он мантиқан ҷобаҷо карда мешавад. Дуюм хели видеосюжетро сюжети муаллифӣ мегӯянд. Дар он рӯноманигор мавзуи иттилоотро фаҳмида, пешакӣ усули наворбардориро бо навиштани нақшаи сенария барои наворбардор ва режиссёр муайян мекунаду аз рӯйи он наворбардориву танзим карда мешавад. Вазифаи рӯзноманигор дар жанрҳои иттилоотӣ баёни навигарии руйдода аст, ки бо тезӣ манзури тамошобинони телевизион гардонида мешавад.

Фаъолияти рӯзноманигорӣ дар тайёр намудани видеохабар аз қисматҳои зерин: муайян намудани мавзуъ, омӯзиши ҷойи наворбардорӣ ва таҳияи нақшаи сенариявӣ, иштирок дар наворбардорӣ, тамошо намудани видеонавори сабтшуда, таҳияи матну ҷобаҷокунии видеонавор дар сенария ва аз рӯйи он танзим кардани видеохабар (сюжет) иборат мебошад. «Хабари кӯтоҳи бо навор - видеосюжет барои телевизион хос ва барои бинанда диққатҷалбкунанда аст. Навор аз ҷойи рӯйдод дар ин ҳолат аҳаммияти аввалиндараҷаро мебозад, матн бошад наворро пурра мекунад.

Дар ҳар ҳолат матн бояд мухтасар ва ба саволҳои бинанда ҷавобгӯй бошад. Ҳеҷ раво нест, ки матн наворро такрор намояд. Дар вақти навиштани матн фарқияти сухани шифоҳиро аз сухани китобӣ ба ҳисоб гирифтан лозим аст. Забони телевизион аз забони ихтисосӣ, расмӣ ва забони илмӣ фарқ мекунад. Забони телевизион забони оммафаҳм бояд бошад» [74, с. 68]. Яъне дар таҳияи барномаҳо забоне бояд истифода бурда шавад, ки ба ҳама фаҳмо аз шахси оддӣ то олим бе душворӣ онро фаҳмида тавонад.

«Бештари олимон муайянкунандаи асосии иттилоотро хабар, яъне пешниҳоди маълумот, маънидод мекунанд» [81, с. 11]. Маълумот бобати ягон рӯйдоди муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ мебошад. Ба тамошобин аз хабарҳои ҷаҳонӣ дида, хабарҳои ватанӣ бештар диққатҷалбкунанда мебошанд. Зеро ӯ мехоҳад, ки бештар аз ҳодисаву воқеаҳои баамаломадаи ватани худ сари вақт бохабар

гардад, тартиби кори худро ба он мувофиқ намуда, пешомадҳои фаъолияти ҳаёти шахсии хешро ба нақша гирад.

Омӯзишу таҳлили гурӯҳи жанрҳои хабарӣ дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои иттилоотии «Ахбор»-и Телевизиони «Тоҷикистон»[156] ва «Вақт»-и Телевизиони «Душанбе» [157] нишон дод, ки навигариҳои соҳаи тиббӣ асосан тавассути жанрҳои хабар ва ҳисобот (дар телевизион гузориш меноманд) ва гоҳ-гоҳе жарни мусоҳиба истифода бурда шудаанд. Барои тасдиқи фикр як намунаи хабарро, ки мисли шаблон ҳамешагӣ дар ҳарду телевизионҳои таҳқиқшаванда истифода мегарданд, оварда мешавад. «11 июли соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Синои пойтахт бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ Беморхонаи ноҳиявиро ифтитоҳ намуданд. Иттилоъ дода шуд, ки беморхонаи минтақавӣ бо ҳадафи амалисозии сиёсати иҷтимоии Роҳбари давлат барои беҳсозии сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ бо тарҳи муосир сохта шудааст ва имкон дорад, ки ба аҳолии ноҳияи Сино, шаҳри Душанбе ва гирду атрофи пойтахт низ хизмат расонад.

Сохтмони иншоот бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе 3 сол қабл оғоз гардида, дар ҷараёни корҳои бунёди ин иншоот 200 сокини пойтахт ба кор ҷалб шуда буданд. Бино аз 3 ошёна ва таҳхона иборат буда, шуъбаҳои бемориҳои амрозӣ дарунӣ, ҷарроҳӣ, асабшиносӣ, таваллудхона, касалиҳои кӯдакона, озмоишгоҳ ва дигар ҳуҷраҳои ташхисию табобатии он бо 100 кати хоб ва дастгоҳу таҷҳизоти ҳозиразамон таъмин мебошад. Зимни шиносоӣ бо имконоти мавҷудаи бинои навсохт Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои иҷрошуда баҳои баланд дода, масъулонро доир ба таъмини босифати сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ва тарбияи ҷавонони соҳибихтисосу ботаҷриба вазифадор намуданд. Бунёди дегхона ва пайваст намудани бино бо системаи гармидиҳӣ имкон фароҳам месозад, ки хизматрасонӣ дар давраи тирамоҳу зимистон ба беморон бемушкилӣ сурат гирад.

Аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шуъбаи ёрии таъҷилии ин беморхона ду мошини хизматӣ тақдим гардид» [156]. Дар ҳамин тарз пешниҳоди рӯйдоди соҳаи тиббӣ аз рӯйи талаботи жанрӣ ғалат нест ва ба талабот пурра ҷавогӯ мебошад. Аммо аз ҳамин рӯйдоди муҳимми соҳаи тиббӣ журналист метавонист репортаж таҳия намояд. Агар ин репортаж мустақим мебуд нуран алонур мегашт Дар ҳолати имкони мустақиман пахш намудан набудан ақалан репортажи сабтшуда омода карда баъдан онро манзури тамошобинон гардонида мешуд, ин як навгонӣ ва даст кашидан аз тарзи шаблонии иттилорасонӣ мегашт.

Аз таҳқиқи хабарҳои барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Душанбе», ки ба инъикоси мавзуъҳои тиббӣ бахшида шудаанд ба натиҷа омадан мумкин аст, ки сабаби асосии гуногунжанриву таъсиргузории иттилооти пешниҳоди бинандагон карда мешуда вобастагӣ дорад, аз касбияти журналистони телевизион. Иттилоотҳое, ки дар телевизион пахш шудаанд, аз ҷиҳати шакл ва сохтори мундариҷавӣ комил мебошанд. Инчунин, дар ин гуна иттилоот рӯйдод (факт) унсури асосӣ буда, ҳақиқат, ҷараёни рӯйдод ва натиҷаи мушоҳидаи журналистро ифода мекунад.

Натиҷаи омӯзишу баррасиӣ муайян намуд, ки дар кулли даврaҳои фаъолият дар сохтори жанриву мундариҷавии телевизион навгониҳои нишонрас ба назар мерасанд. Дар давоми солҳо сохтори мундариҷавӣ ва жанрии расона ба амал омадааст. Истифодаи касбиёнаи жанрҳои гуногуни иттилоотӣ таъсири телевизионро боло бурдааст. Истифодаи жанрҳои гуногуни иттилоотӣ яке аз вазифаҳои муҳимми эҷодии журналистони телевизион қарор гирифтааст. Дар байни гурӯҳи жанрҳои хабарии телевизион ҳисобот аз ҳама зиёдтар истифода бурда мешавад. Зеро рӯзноманигор ҳамчун иштирокчии бевоситаи ягон навигарӣ дар ин бобат хабар медиҳад. Дар байни жанрҳои хабарӣ ҳисобот бо махсусиятҳои хоси худ фарқ мекунад. Дар он раванди рӯйдоди чорабинӣ ба тарзи кутоҳ ва ё пурра ба бинанда манзур карда мешавад. Бо ин сабаб як гурӯҳи олимони журналистикаи тоҷик онро ҷараёнот номгузорӣ кардаанд.

«Ҳисобот аз рӯйи шакл ду намуд мешавад. Шакли аввал ҳисоботи кӯтоҳ дар ҳачми 0,5 - 1,5 дақиқа дар телевизионҳои ҷумҳуриявӣ, 1- 3 дақиқа дар телевизионҳои шаҳриву ноҳиявӣ. Дар ҳисоботи кӯтоҳ аз рӯйдоди нав мувофиқ ба рафти ҷараёни рӯйдод мухтасар хабар дода мешавад. Шарти муҳимми ин жанр ва ё фарқи асосии он аз дигар жанрҳои хабарӣ дар он аст, ки тартиби ҷараёни рӯйдод чи хеле, ки ба вуқӯъ омадааст бояд бо навор пешниҳод гардад. Матни паси кадрии журналист танҳо ифодакунандаи лаҳзаи бо навор нишон доданашаванда ва ё гуфтори ихтисор кардашудаи иштирокчиёни ин рӯйдод бояд бошад» [71, с. 68]. Яъне дар замони пурталотуми ҷаҳонишавӣ аксарияти фурсати баҳузур тамошо намудани рӯйдодҳоро надоранд, бинобарон истифодаи ҳисоботи кутоҳ аз рӯйдодҳои бузург хеле қулай ва мувофиқ ба талаботи тамошобинон аст.

Дар намуди ҳисоботи васеъ раванди рӯйдод аз аввал то охир ба пуррагӣ тариқи навор, баъзан мустақиман манзури тамошобинон карда мешавад, ки дар ин сурат матни пасикадрии рӯзноманигор лозим намешавад. Вақте ки матни пасикадрӣ истифода гардад, ба тамошобин халал расонида мешавад. Зеро ба воситаи шабакаи телевизионӣ ҷараёни рӯйдод мустақиман манзур карда шавад, ин барои тамошобин аз маводди беҳтарини иттилоотӣ ба шумор меравад. Ин амал танҳо ба воситаи шабакаи телевизионӣ бе матни пасикадрии рӯзноманигор имконпазир аст. Тамошобини телевизион имкони ин рӯйдодро дида, бе дахолати касе аз рӯйдоди нав хабардор шуда, ба андеша рафтанро пайдо менамояд. Ин ҳолатест, ки танҳо ба воситаи телевизион имконияпазир мебошад. Дар матбуот ва радио бошад, бе матни рӯзноманигор тасвири ҷараёни рӯйдод ғайриимкон мебошад. Чунки хонандаи матбуот ва шунавандаи радио имкони бевосита бе кӯмаки журналист чун дар телевизион дидани рафти рӯйдоди навро надорад. Бинобарон имрӯз шахси пешқадами ҷомеа мехоҳад, ки ҳар як рӯйдоди муҳимми рӯзро худаш дида, бе матни пасикадрии журналист ба хулосаи шахсӣ ояд. Дар ин амал жанри иттилоотии ҳисоботи васеи мустақими телевизионӣ бартарии калонро соҳиб аст. Аз ин рӯ тавақҷуҳи аксар

тамошобинони закии имрӯза зиёдтар ба чунин барномаҳои шабакаҳои телевизионӣ аст.

Жанри ҳисобот ба монанди жанрҳои дигари иттилоотӣ ба саволҳои кай?, чӣ? ва кӣ? ҷавоб медиҳад. Дар шабакаи телевизионӣ видеонавор нисбат ба матн муҳимтар шуморида мешавад. Вале матни пасикадрӣ дар ҷойи худ низ зарур мебошад. Инчунин ҳисобот бидуни матни пасикадрии журналист ҳам ба эфир пахш карда мешавад. Бештар ин ҳолат дар инъикоси чорабиниҳои муҳимми давлатӣ ба мушоҳида мерасанд. «Ҳисобот жанри ахборӣ аст, ки вазифааш ба хонандагон пешниҳод кардани тасаввуроти пурра дар бораи воқеаи мушаххас, ҷараёну инкишофи он мебошад» [81, с. 47]. Ин гуфтаҳо ба ҳисоботи матбуотӣ қобили қабул аст. Дар китоби «Телевизионная журналистика» бобати жанри ҳисобот маълумоти кутоҳ дода, онро инъикосгари чорабинаҳои расмии давлатӣ ҳисобида шудааст. Ин бо он асоснок дониста шудааст, ки ингуна чорабиниҳо ба таври васеъ бо тамоми ҷузъиёташ пешниҳоди тамошобинон гардонида мешаванд. Дар китоби «Асосҳои журналистикаи телевизион» бошад махсусиятҳои ин жанр то дараҷае фаҳмонда дода шудааст. «Яке аз жанрҳои хабарие, ки аз унсурҳои ҳамаи гунаҳои иттилоот истифода бурда, ба саволҳои чӣ?, дар куҷо? ва кай? Ҷавоб меҷӯяд, ҳисобот аст. Вай аз ҳар гуна рӯйдод ҳаддалимкон маълумоти пурра ва аниқ медиҳад» [101, с. 20]. Яъне жанри ҳисоботи телевизионӣ инъикоскунандаи чорабиниҳои муҳимми иҷтимоӣ буда, дар бораи онҳо маълумоти пурра медиҳад.

Пажуҳиши жанри ҳисобот ба чунин натиҷа овард, ки ҳисоботи телевизионӣ нишондиҳандаи пурра ва аниқи чорабиниву рӯйдоду навигариҳои муҳимми аҳаммияти ҷамъиятидошта аст. Махсусиятҳо ва фарқияташ аз жанрҳои дигар, махсусан хабари васеъ ва репортаж акз он иборат мебошад, ки ҷараёни бавуқуоии чорабинии муҳим ба бинанда ба тарзе ки рӯх медиҳад, пешниҳод мегардад. Журналист дар он ҳамчун шахси шоҳиди чорабинии муҳим бе иваз намудани рафти рӯйдод, бе илова кардани нуқтаи назари худ ва бе кутоҳ намудани пайдарҳамии лаҳзаҳои рӯйдод онро ба тамошобин манзур

менамояд. Бо ин сабаб жанри ҳисоботро ҷараёнот низ мегӯянд, ба он маъно, ки ҷараёни рӯйдоди муҳим бе каму кост манзури тамошобин гардонида мешавад.

Ҳисоботи телевизионӣ ду навъ мешавад: ҳисоботи сабтшуда ва мустақиман пахшшаванда. Ҳисоботи сабтшуда дар шакли ихтисор намудашуда ва ё бе ихтисорнамоии рафти чорабинӣ манзуртамошобинон карда мешавад. Ҳисоботи сабтгардида бо ихтисорнамоӣ ва ё бе ихтисорнамоии ҷараёни чорабинӣ пешниҳоди тамошобинон гардонида мешавад.

Ҳисоботи мустақиман пешниҳодшаванда ин пешниҳоди бевоситаи чорабинӣ аз ҷойи рӯйдод аст, ки ба бинанда шароит муҳайё месозад, ки он рӯйдодро дида, бохабар шаваду бе дахолати касе худсарона ба хулосаи зарурӣ биёяд.

Дар ҳисоботи кутоҳи телевизионӣ матни пасикадрӣ ҷойи ихтисоршударо бо матн мнгардонад. Баъзе аз ин чорабиниҳоро дурудароз дар вақти зиёд ба воситаи телевизион пахш намудан лозим нест. Зеро бинандаи муосир вақти онро пурра тамошо намуданро надорад, аммо аз рафти он хабардор шудан мехоҳад. Барномаи иттилоотӣ вазифадор аст, ки ин талаботро қонеъ гардонад. Бинобарон аз жанри ҳисоботи кӯтоҳ истифода бурдан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Аз таҳқиқи ин жанри хабарӣ ба натиҷае омада гуфтан мумкин аст, ки ҳисобот дар телевизион дорои махсусиятҳои хосе аст, ки онро дар дигар воситаҳои ахбори омма: матбуот ва радио дида наметавонем. Дар ҳисоботи мустақим одатан матни кутоҳи пасикадрии журналист зарур мешавад. Ҳангоми нишондиҳии рӯйдод аз матни пасикадрии журналист дида, наворе ки ин ҷараёнро нишон медиҳад, ба бинанда ҷолиб ва фаҳмотар аст. Дар пешниҳоди мустақими ҷашнҳову маъракаҳои муҳим ва консерту спектаклҳо умуман матни пасикадрии журналист лозим набуда, баракс ба тамошобин халал мерасонад. Аз ин рӯ ҳадди зарурияти матни пасикадриро рӯзноманигор дар алоҳидагӣ барои ҳар як ҳолат дида баромада, бояд ба хулосаи даркорӣ омада тавонад. Чунки табиатан телевизион сухани бисёрро намепазирад. Тамошобин дар телевизион мехоҳад, ки зиёдтар тамошо ва камтар суханро шунавад. Барои пурра намудани

видеонавор ва фаҳмонидани он ҳолатҳое, ки ба воситаи навор инъикос кардан ғайриимкон аст, матни кутоҳ бояд истифода гардад. Бахусус ин амал дар истифодаи жанри ҳисоботи телевизионӣ муҳим аст.

Истифодаи жанрҳои гуногуни иттилоотӣ аз вазифаҳои асосии эҷодии рӯзноманигорони шабакаҳои телевизионӣ ба ҳисоб меравад. Ба ҷуз жанрҳои хабар ва ҳисобот жанри мусоҳиба аз жанрҳои дигари иттилоотӣ аст, ки рӯзноманигорони телевизион аз он самаранок истифода мебаранд. Бартарии мусоҳибаҳои барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Душанбе», ки ба инъикоси мавзуъҳои тиббӣ бахшида шудаанд аввало дар инъикоси ҳақиқии рӯйдодҳоест, ки дарки амиқи мавзуъҳои тиббиро фаро мегиранд. Аз мусоҳибаҳое, ки дар шабакаи телевизионҳои зикршуда пахш шудаанд, маъмултаринашон масоҳиба-муколама ба ҳисоб мераванд. Аксари ин мусоҳибаҳо рӯ ба рӯ ифодакунандаи хусусиятҳои ин жанри хабарӣ аст. Дар асоси баррасии мусоҳиба – муколамаҳое, ки дар телевизион пахш шудаанд, метавон ба хулоса омад, ки ҳарчанд мусоҳиба-диалогҳо як намуди алоқаи гуфтугӯианд, вале он дар асоси алоқаи рӯ ба рӯ ба амал омадаанд.

Жанри мусоҳиба дар телевизион яке аз жанрҳои асосӣ ва муҳим ба ҳисоб рафта, барномаҳои хабариро бе истифода бурдани он тасаввур намудан ғайриимкон аст. Рӯзноманигор хабари заруриро бо иштирок дар навигариҳои муҳим, бо шинос шудан бо ҳуҷҷату дигар сарчашмаҳо ва муҳимтар аз ҳама бо мусоҳиб шудан бо паҳнкунандагони асосии ахбор одамон ба даст мебиёрад. Одатан суҳбати байни одамон тариқи диалог яъне саволу ҷавоб ба амал меояд. Сухани инсонӣ ба воситаи диалог барои телевизион аҳаммияти муҳимро доро мебошад.

Мебояд таъкид кард, ки ҳолати бе восита бо жанри мусоҳиба ахбори муҳимро ба тамошобинон манзур намудан дар барномаҳои хабарии шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон кам ба мушоҳида мерасад. Жанри мусоҳиба барои рӯзноманигор тарзи хабар гирифтан аз шахси ин маълумотро доробуда ва дар шакли диалог мебошад, ки вазифааш бо саволҳои хеш ба шахси мусоҳиб ёрӣ расонида, маълумот, иттилооти навро гирифта ба тамошобин манзур кардан

аст. Бинобарон мусоҳиба ин эҷоди ҳамҷояи рӯзноманигор ва шахси мусоҳиб мебошад. Мусоҳибаи хуби телевизионӣ бештар ба журналист вобастагӣ дорад. Зеро рӯзноманигор суолҳоеро бояд диҳад, ки талаботи тамошобинонро қонеъ гардонда тавонад. Жанри мусоҳибаи телевизионӣ эҷоди ҳамҷояи рӯзноманигору шахси мусоҳиб ба ҳисоб меравад

«Мусоҳиба (аз калимаи англисии interview- воҳӯрӣ, суҳбат)- жанри публитсистие мебошад, ки журналист бо шахсиятҳои барҷаста оид ба масъалаҳои доғи рӯз гуфтугӯ мегузаронад» [108, с.183]. Мусоҳиба мубодилаи ивазкунии андеша ва иттилоъ мебошад. Барои рӯзноманигор, жанри мусоҳиба як тарзи ба даст овардани хабари нав тавассути муошират бо шахси шоҳиди воқеа, рӯйдоди нав ва маълумотдошта мебошад, ки ба тарзи диалог ба амал бароварда мешавад. Ба воситаи саволу ҷавоб журналист аз мусоҳибаш бобати мавзуи рӯйдоди муҳим маълумот ба даст меорад. Аз ин рӯ журналистро зарур аст, ки дар интихоби мусоҳиб ба хатоӣ роҳ надиҳад. Зеро на ҳар шахс мусоҳиби хуб шуда меиавонад.

Жанри мусоҳибаи телевизионӣ дар байни дигар жанрҳои журналистикаи телевизион мавқеи муҳимро доро мебошад. Барномаи иттилоотиро бе истифодаи жанри мусоҳиба тасаввур намудан ғайриимкон аст. Инчунин жанри мусоҳиба ҷузъи муҳимми барномаҳои таҳлиливу публитсистикаи бадеӣ буда, барои таҳияи онҳо васеъ истифода бурда мешавад. Дар вақти гирифтани мусоҳиба рӯзноманигор бояд суолро чунон пешниҳод намояд, ки савол мушаххас буда сермаъно набошад, фаҳмо ва кутоҳ бошад. То мусоҳиб ба маънии саволро бо тезӣ дарк намуда, ба он ҷавоби дуруст дода тавонад.

Жанри мусоҳибаи телевизионӣ чанд хел мешавад: Мусоҳибаи хабарӣ бо мақсади гирифтани маълумоти муайян, ҷавоби мусоҳиб бо тарзи оддӣ, наздик ба гуфтугӯ аст, ки аз тарафи тамошобинон осон қабул мегардад. Мусоҳибаи симоӣ бо мақсади пурра кушодани ҷаҳони ботинии мусоҳиб ҳамчун қисмати очерки телевизионӣ истифода мегардад. Мусоҳибаи проблемавӣ бо мақсади муайян намудани нуқтаи назари гуногун ва ё роҳҳои ҳали масъалаҳои иҷтимоии ҳаётан муҳим истифода бурда мешавад. Дар мусоҳибаи проблемавӣ

рӯзноманигор барои ҳалли проблема, дарёфти ҳақиқат бо мусоҳибон якҷоя кӯшиш мекунад. Бо ин ба ҳалли проблема нуқта мегузорад ва дар ин бобат афкори умумро ба миён меорад. Мусоҳибаи анкетавӣ барои муайян намудани андешаи мусоҳибони гуногун бобати як масъалаи муайян гузаронида мешавад. Дар ин намуди мусоҳиба ба ҳамаи мусоҳибон як савол дода мешавад. Мусоҳибаи анкетавӣ одатан берун аз студия гузаронида мешавад.

Мусоҳибаи протоколӣ барои гирифтани маълумоти расмӣ бобати сиёсати дохилӣ ва берунии давлат аз шахсони мансабдори расмӣ гирифта мешавад. Мусоҳибаи протоколӣ ба назар сода намояд ҳам, вале махсусияти хоси жанрӣ дорад. Рӯзноманигор дар мусоҳибаи протоколӣ танҳо саволҳои пешакӣ маслиҳатшударо медиҳад ва саволи иловагӣ додан мумкин нест. Мусоҳиб бошад ба саволҳо асосан посухи расмӣ медиҳад.

Аз барномаҳои хабарии телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе», ки ба инъикоси мавзуъҳои тиббӣ бахшида шудааст маълум мегардад, ки ҳангоми мусоҳиба иртиботи хабарӣ сурат мегирад, ки дар он ҳам рӯзноманигор ва ҳам мусоҳиб дар ин кор манфиатдор мебошанд. Мусоҳиба аз оғозу анҷом иборат буда, ба ибораи дигар, дорои бахши аслӣ ва интиҳоист. Дар мусоҳибаҳо илова ба он ки рӯзноманигор мусоҳибашро мавриди арзёбӣ қарор медиҳад, боз худ низ баъзан аз ҷониби мусоҳиб арзёбӣ мегардад. Аз ҷараёни мусоҳиба бармеояд, ки асоси арзёбии мутақобила мусоҳибро ба вокуниш водор намуда, бо ин усул ҷавобҳои табии боварибахш ба даст оварда мешавад. Дар асоси ин намуд мавод таъсири рӯноманигорро дар барқароркунӣ ва таносуби мазмуну мундариҷавӣ ва жанривӣ дар жанри мусоҳиба асос бояд донист. Омилҳои дар боло қайд кардашуда имкон додаанд, ки мусоҳибаҳои дар солҳои бисёр пахшшуда мавзуъҳои муҳимми соҳаи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, дар айни замон, сохтори жанриву мундариҷавии матнҳои хабарии се жанри ба таҳлил кашидашуда самаранок истифода бурда шудаанд.

Ҳарчанд истифодаи жанри репортаж дар барномаҳои хабарии инъикоскунандаи мавзуъҳои тиббӣ ба мушоҳида намерасад, вале зарур дониста мешавад, ки дар бораи ин жанр ва истифодаи он маълумот дода шавад. Зеро

журналистикаи телевизион бе жанри репортаж рангорангу ҷолиб буда наметавонад. Танҳо дар жанри репортаж аз ҷойи рӯйдоди муҳим тавассути иштироки бевоситаи журналист иттилооти касбиву боварибахш додан мумкин аст. Агар ин репортаж дар шакли мустақим манзури тамошобинон гардонида шавад, нураналонур мегардад Чунки тамошобин бо чамони худ мебинад, ки журналист дар ҷойи воқеа ҳузур дораду вобаста ба рӯйдоди муҳим бо факту рақами ҳақиқӣ ва нишон додани ҷойи рӯйдод сухан мегӯяд. Тамошобин гӯё ки худро дар ҷойи воқеа, иштирокчии рӯйдоди муҳим тасаввур менамояд. Нисбати иттилоъ ва рӯйдоди муҳим бетараф нагардида, дар зеҳни хеш андешаи худро мебарорад. Бинобарон дар инъикоси рӯйдоду навигариҳои соҳаи тиббӣ истифодаи жанри репортаж ҳам дар шакли мустақим ва ҳам дар шакли сабт ба манфиати кор хоҳад шуд.

Гурӯҳи жанрҳои ахбории шабакаи телевизион бо махсусиятҳои хеш аз жанрҳои ахбории матбуот ва радио фарқ мекунанд. Телевизион талаб мекунад, ки ахбор асосан ба воситаи видеонавор ба тамошобин манзур карда шавад. Матн ҳамчун пуркунандаи видеонавор ба воситаи баёни кутоҳ истифода мегардад. Вазифаи рӯзноманигор дар телевизион бобати таҳияи барномаҳои иттилоотӣ тариқи жанрҳои иттилоотӣ ба тамошобинон таъҷилан расонидани хабари нав аз навигариву рӯйдодҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ аст. Бинандаи шабакаи телевизионӣ бояд баъди дидани барномаҳои иттилоотӣ ба андеша равад. На бояд, ки рӯзноманигор дар баробари пешниҳоди хабар онро таҳлил намуда, андешаи худро ба бинанда бор намояд. Дар хабар бояд иттилоъ бе таҳлил ва шарҳу эзоҳ мазури бинанда гардонида шавад. Мутаасифона имрӯзҳо дар барномаҳои иттилоотии телевизионҳои Тоҷикистон ахбор бо таҳлилу шарҳу эҳзоҳ манзур мегардад, ки он ба бинанда имкони андеша карданро намедиҳад. Ин ҳолат завқи бинандаро паст мекунад. Истифодаи касбиёнаи гурӯҳи жанрҳои ахборӣ: хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж дар барномаҳои хабарӣ бо риояи талаботи жанрӣ боиси касбӣ таҳия гаштану мақбули бинандагон гардидани он мешавад.

Аз таҳқиқи хабарҳои барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» «Ахбор» ва «Душанбе» «Вақт», ки ба инъикоси мавзуъҳои тиббӣ бахшида шудаанд ба натиҷа омадан мумкин аст, ки сабаби таъсиргузории иттилооти ба тамошобинон пешниҳод карда мешуда аз касбияти журналистон вобаста аст. Иттилоотҳое, ки дар телевизион пахш шудаанд, аз ҷиҳати шакл ва сохтори мундариҷавӣ комил мебошанд. Инчунин, дар ин гуна иттилоот рӯйдод (факт) унсури асосӣ буда, ҳақиқат, ҷараёни рӯйдод ва натиҷаи мушоҳидаи журналистро ифода мекунад. Ҳарчанд ки аз жанри иттилоотии репортаж, ки яке аз жанрҳои асосии гурӯҳи жанрҳои хабарӣ мебошад, истифодаи ангуштшумор ба мушоҳида мерасад.

Аммо омӯзишу баррасии муқоисавӣ маълум намуд, ки дар сохтори мундариҷавӣ ва жанрии телевизион дар давоми тамоми марҳилаҳои фаъолият тағиротҳои чашмрас ба мушоҳида мерасанд. Дар давоми солҳо сохтори мундариҷавӣ ва жанрии расона ба амал омада, ташаккули он ба мушоҳида мерасад. Дар натиҷаи истифодаи касбиёнаи жанрҳои гуногуни иттилоотӣ: хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж таъсири телевизионро боло бурдааст.

Хулоса, дар корбурди жанрҳои иттилоотӣ: хабар, ҳисобот ва мусоҳиба дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Душанбе», ки ба инъикоси мавзуъҳои тиббӣ бахшида шудаанд асосан мақсади хабаррасонӣ дошта, ба ин восита имкон пайдо шудааст, ки тамошобин аз рӯйдодҳои муҳимми соҳаи тиббии ватаниву хориҷӣ бохабар гардонида шаванд. Мутаасифона журналистони ин шабакаҳои телевизионӣ дар истифодаи жанри муҳимми иттилоотӣ – репортаж дасткутоҳӣ кардаанд, ки ин натиҷаи имкониятҳои ин жанрро надонистан ва камҷуръативу бетаҷрибагии онҳоро нишон медиҳад. Ҳол он, ки тавассути жанри репортаж аз ҷойи рӯйдоди мавзуъҳои ба соҳаи тиббӣ таалуқдошта маводҳои таъҷиливу нишонрасро таҳия намуда пешниҳоди тамошобинон намудан имконпазир аст. Истифодаи жанри репортаж дар инъикоси ҳама гуна мавзуъҳои ҳаёти иҷтимоӣ бо иштироки бевоситаи рӯзноманигор аз ҷойи рӯйдоди муҳим ҳамеша барои бинандагон ҷолиб ва нишонрас аст. Дар ҳамин ҷо зарур шуморида мешавад, таъкид намоем,

ки дар барномаҳои иттилоотӣ ҳангоми инъикоси масъалаҳои тиббӣ тариқи жанрҳои хабарии ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж истифодаи шакли пешниҳоди мустақим беҳтарин амал ба ҳисоб меравад. Зеро шакли пешниҳоди мустақим барномаи иттилоотиро зинда мегардонад. Барнома ҷолиб, нишонрас ва табии гардида, барои бинандагон боварибахшу боэътимод мешавад.

3.2. Жанрҳои таҳлилӣ таҳлилгари мавзуъҳои тиббӣ

Тавассути гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ дар телевизион шарҳу эзоҳ, таҳлилу муҳокима ва ба ҳал расондани масъалаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ, фаҳмондадиҳиҳои корҳои созандагӣ, тарбияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, меҳнатдӯстӣ ва фарҳангии аҳолии кишвар нақш ва мавқеи муҳим мебозанд. Ба гурӯҳи жанрҳои таҳлилии телевизион суҳбат, мубоҳиса, таҳқиқоти журналистӣ, тафсир, нигориш, ток-шоу, конфронси матбуотӣ ва намоиши телевизионӣ мансубанд. «Агар жанрҳои хабарӣ ба саволҳои кай? дар куҷо? кӣ? ва ё чӣ? ҷавобгӯ бошанд, жанрҳои таҳлилӣ ба саволҳои: чи хел? барои чӣ? бо кадом мақсад? ва бо кадом сабаб? ҷавоб медиҳанд. Дар жанри хабарӣ факт, ҳодиса на танҳо мавзуъ балки мақсад буда, дар жанри таҳлилӣ фактҳо воситаи асосноккунии мавқеи журналист, санадбиёрӣ барои исботи фикр мегарданд. Асоси ҷудокунии факт аз нуқтаи назар аст, ки иттилоот (факт) – сурати объективии ҳаёт буда ҳар шахс дар бораи он ҳодисот андешаи инфиродии худро мебарорад» [69, с. 10]. Тамошобин баъди дидани навигарие тариқи телевизион дар ӯ хоҳише пайдо мешавад, ки шарҳи ин навгониро фаҳмад. Бобати ин амал аз жанри таҳлилии тафсир истифода карда мешавад. Тафсир дар телевизион аз серистеъмолтарин жанр ба шумор меравад.

Жанре, ки дар шарҳу эзоҳи рӯйдодҳову мавзуъҳои соҳаи тиб тавассути барномаҳои таҳлилӣ дар шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Душанбе» васеъ истифода карда шудаанд, ин жанри тафсир ба шумор меравад. Зеро маҳз ин жанри таҳлилии телевизионӣ имкон ба миён меовард, ки бо ба барнома даъват намудани мутахассиси соҳа рӯйдоду мавзуъҳои муҳимми соҳаи муайян

бо тамоми нозукиҳояш шарҳу эзоҳ додашуда, ба тамошобинон фаҳмонида шаванд. Вобаста ба ин дар оғоз бобати мафҳумҳои гурӯҳи жанрҳои таҳлилии телевизионӣ, вижагиҳои онҳо ва махсусан жанри тафсири телевизионӣ дар пажуҳиши мавзуи мазкур ба наъфи кор хоҳад шуд.

Мафҳуми тафсир калимаи арабӣ буда, маънои шарҳ додан, маънидод намуданро дорад. Олимони соҳаи телевизиони Русия ин жанрро чунин маънидод намудаанд: «Комментарий - аз калимаи лотинии «commentaries» - толкование – шарҳдиҳӣ, маънидодкунӣ ё тафсиркунӣ, эзоҳдиҳӣ, таъбиркунӣ гирифта шудааст. Тафсир яке аз намудҳои таъҷилии таҳлили мавод, фаҳмондадиҳии воқеаи муҳимми ҷамъиятӣ – сиёсӣ ва ҳуҷҷати қабулшуда мебошад»[108, с.195]. Тафсир ба гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ дохил шуда, махсусиятҳои ба хеш хосро дорад. «Тафсир ба публисистикаи таҳлилӣ дохил мешавад, чунки дар он пеш аз ҳама сабаби воқеа ва оқибати он баён карда мешавад. Тафсири телевизионӣ ин пеш аз ҳама намуди баромад дар кадр аст»[101, с. 33]. Дар таҳияи барномаҳои телевизионӣ бештар тафсири пасикадрӣ, бо видеонаворҳои махсус интихобшуда истифода бурда мешавад. Одатан тафсири пасикадрӣ баъди як рӯзи пахши хабари навигарӣ дода мешавад. Ин намуди шарҳу эзоҳи навигарӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад, ки онро бинандагон хуш қабул мекунанд. Асоси жанри тафсирро баҳои озодона ва шарҳу эзоҳи мутахассис ва ё шореҳи соҳа ташкил мекунад. Дар нишастҳои матбуотӣ аксаран чунин саволдиҳӣ «Шумо воқеаи рӯйдодаро чи гуна шарҳ медиҳед?» ба мушоҳида мерасад. Ин хел савол ба масъулони ҳукуматӣ, сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва мутахассисони соҳаҳои гуногун шуданаш мумкин аст. Ҷавоби ин хел саволҳо чун шарҳу эзоҳ ва ё чун баромади шарҳдодашуда буда метавонад, ки вобаста ба муҳокима ва хулосаи пурраву амиқ ва ҳақиқатнигорӣ дар вобастагӣ ба аҳаммияти ҷамъиятиву сиёсии рӯйдод ва факту рақам сурат мегирад.

«Табсира (шарҳия)-ро барои он ба публитсистикаи таҳлилӣ шомил месозанд, ки шореҳ воқеаро дар фазою вақти фаррох ба таҳлил кашида, ҳамзамон бо мақсади ҳамаҷониба тафсир кардани он робитаҳои мақсаду

натиҷа, омилҳои арзи ҳастӣ кардани мавзуъро ҷустуҷу мекунад, воқеаҳоро таҳлил ва бо ҳам муқоиса намуда, аз натиҷаҳои эҳтимолии баъдӣ иттилоъ медиҳад. Асоси табсираро ҳамчун жанр арзишдиҳии ошкорои муаллифӣ ва таҳлил ташкил медиҳад» [101, с. 33].

Пажуҳиш нишон медиҳад, яке аз сабабҳое, ки жанри тафсирро дар телевизион маъмул сохтааст, суръат ва сифати таъҷилии шарҳу эзоҳ ва фаҳмондадиҳии рӯйдоду навигариҳои муҳимми соҳаи тиббии ватаниву хориҷӣ ба шумор меравад. Навигариҳое, ки дар соҳаи тиб рух дода, диққати мардумро ба худ ҷалб намудааст равона гардидааст.

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки жанри тафсир дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ тариқи шабакаҳои телевизионӣ ҷойгоҳи махсус дошта, бо гуногунрангӣ ва тавозуни шаклу мазмун серистеъмолии хешро таъмин намуда, ҷолибият пайдо намудааст.

Хулоса, жанри тафсир дар шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Душанбе» барои инъикоси мавзуъҳои тиббӣ нақши хос дошта, бо талаботи шарҳи оҷилии рӯйдодҳои муҳим, фаҳмондадиҳии рӯйдод ва ошкор намудани паҳлуҳои гуногуни он ва шарҳи табии ва таъсиргузори мавзуъ бо мақсади ҷалби зиёдтари тамошобинон роҳандозӣ гардидааст. Таҳлилу муқоиса нишон дод, ки дар шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Душанбе» дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ аз нахустин барномаҳояш оғоз карда, то ба ҳол аз жанри тафсир васеъ истифода шудааст.

Жанри таҳлилие, ки аз ҳама бештар дар мавзуҳои тандурустӣ ба воситаи телевизион истифода мешавад, ин жанри суҳбат мебошад. Бо сабаби нафаҳмидани вижагиҳои хоси ин жанр аз он аксаран рӯзноманигорони навкор истифода бурда, ба комёбӣ ноил намегарданд. Зеро таҳияи барномаи телевизионӣ дар жанри суҳбат на ба ҳама рӯзноманигорони телевизион муяссар мегардад. «Жанри суҳбати телевизионӣ ба назар бисёр осон намояд ҳам, вале дар асл жанри бисёр мураккаб, нозук ва душвор аст. Журналисте дар ин жанр барнома таҳия карда метавонад, ки соҳибистеъдод, ботаҷриба ва донишманд бошад. Вагарна суҳбаташ табиӣ, боварибахш ва дилкаш намебарояд» [69, с.23].

Яъне жанри суҳбат ба худ хос махсусиятҳо дорад. «Суҳбат жанри махсуси публисистикаи таҳлилии телевизионӣ буда, шакли иттилоотии диалогиро дорад. Ин жанр дар телевизион васеъ истифода мешавад. Мавзуъҳои ба ҷомеа муҳим: сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, илмӣ ва ғайраҳо таҳлил карда мешаванд» [108, с. 197]. Дар ин ҷо маҳорати рӯзноманигор, ки барои муҳайё намудани ин муҳити гуворо кӯшидааст, бараъло дида мешавад. Зеро ҳарчанд суҳбат дар назар жанри осон намояд ҳам, дар асл ба суҳбат даровардани шахси дигар кори саҳл нест. Махсусан дар пеши видеокамераву чароғҳои фурӯзони телевизионӣ. «Суҳбат ҳарчанд аз рӯйи намуд якранг намояд ҳам, вале ботинан динамикаи баландро дорост» [108, с. 197]. Вижагии хоси жанри суҳбати телевизионӣ дар он аст, ки рӯзноманигор боварии ҳамсуҳбати хешро ба даст меорад. Рӯзноманигор аз мавзуйи таҳлилшаванда ва хислати ҳамсуҳбати хеш бохабар буда, таҷрибаи касбӣ дар барандагӣ дошта бошад. Вагарна суҳбати диққатҷалбкунандаро интизор гаштан ғайриимкон аст. Барои намуна суҳбати рӯзноманигори навкорро бо ҳуқуқшинос тасаввур мекунем. Рӯзноманигоре, ки соҳаи ҳуқуқро ба хубӣ намедонад, пешакӣ суолҳоро омода карда, онро азёд менамояд. Дар вақти суҳбат ба ҷавобҳои ҳамсуҳбаташ гӯш накарда, барои суоли навбатиро фаромӯш накардан онро ба ёд меорад. Бо тасодуфе ҳамин лаҳза ҳуқуқшинос пешакӣ ба саволи надодаи рӯзноманигор ҷавоб мегӯяд. Аммо рӯзноманигор аз ин бехабар суоли навбатии хешро медиҳад. Ҳуқуқшинос бо тааҷҷуб ба баранда нигоҳ карда, «ба ин савол ҳозир ҷавоб гуфтам» мегӯяд. Дар ин ҳолат якбора чанд сир ошкор мешавад:

- аввал, ҳуқуқшинос мефаҳмад, ки баранда ба ҷавобҳои ӯ аҳаммият надодааст ва ё намефаҳмад;
- дуюм, баранда дар назди ҳамсуҳбаташ ба ҳолати ногувор меафтад ва худашро гум мекунад;
- сеюм, аз ҳама асосӣ, бинанда ин ҳолатро дида, тавақҷуҳаш коста шуда, дигар суханони ин хел барандаро гӯш намудан намехоҳад ва ба тамошои шабакаи дигари телевизионӣ мегузарад. Рӯзноманигори ботаҷриба агар соҳаи ҳуқуқро надонад ҳеҷ гоҳ бо ҳуқуқшинос суҳбат намекунад. Бинобарон, дар

аксар шабакаҳои телевизионӣ махсус рӯзноманигороне тарбия мегарданд, ки дар баробари маълумоти олии журналистӣ, боз маълумоти дуюми олии соҳаи дӯстдоштаи хешро доранд. Рӯзноманигоре ки маълумоти ҳуқуқшиносӣ дорад, ҳеҷ вақт ба ин гуна ҳолати ногувор намеафтад. Суоли якумро омода карда, ба ҳамсуҳбаташ медиҳаду саволҳои минбаъдааш аз ҷавоби саволи якум ба миён меоянд. Ҳангоми суҳбат баранда бояд бо тамоми ҳастӣ ҷавоби ҳамсуҳбати хешро гӯш намояд. Ин ҳолатро бояд наворбардорон бо плани калон нишон диҳанд. Ҳамчунин ҳангоми суол додани баранда низ чи хел гӯш кардани ҳамсуҳбаташ бо плани калон нишон дода шавад. Ин ба назар ҷузъиёти лаҳзагӣ ва нодаркор менамояд, вале дар асл таваҷҷуҳи тамошобинро маҳз ҳамин лаҳзаҳо ба худ мекашанд. Ин ҳолат водор менамояд ба хулосае бояд омад, ки телевизион дар баробари воситаи ахбори омма будан, санъат низ мебошад. Рӯзноманигоре, ки аз санъати суҳбаторӣ бехабар аст ҳуқуқи барандаи барномаи телевизионӣ буданро надорад.

«Журналист ба ҳамсуҳбати худ пешакӣ танҳо мавзуйи суҳбатро гуфта, дар давоми он вобаста ба ин мавзуъ савол медиҳад, дар ҷойи зарурӣ андешаи хешро баён мекунад. Саволҳо дар суҳбат мантиқан давоми ҳамдигар буда, дар вақти суҳбат пайдо мешаванд. Ба рафти суҳбат журналист бо рафтор ва гуфтори худ нақши ҳалкунанда мебозад. Чунки журналист натанҳо савол медиҳад, чун дар жанри мусоҳиба, балки андешаи худро дар мавзуйи муҳокимашаванда баробар бо ҳамсуҳбаташ мегӯяд, ки ин боз як хусусияти хоси жанри суҳбат мебошад. Яъне агар дар жанри мусоҳиба журналист танҳо ҳуқуқи саволи иттилоотӣ доданро доро бошад. Дар жанри суҳбат журналист - барандаи барнома дар баробари саволи иттилоотию таҳлилӣ додан боз ҳуқуқи андешаи худро дар мавзуъи муҳокимашаванда гуфтанро дорад. Ин хусусияти муҳимми фарқкунандаи жанри суҳбат аз мусоҳиба аст» [74, с. 97-98]. Бинобарон журналисте, ки жанри суҳбатро барандагӣ мекунад, бояд дар мавзуи суҳбат маълумоти пурра дошта бошад, то ки андешаи хешро баён карда тавонад. Ягон барандаи суҳбати телевизионӣ пешакӣ ҷараёни суҳбатро муайян намуда наметавонад, Зеро суҳбати телевизиониро пешаки ба қолаби муайян даровардан

боиси сохта, сунъӣ ва дилгиркунанда баромадани суҳбат мегардад. Яъне рафти суҳбатро пешакӣ пурра муайян намудан ғайриимкон буда, он монанд ба бозии футбол аст, ки пешакӣ натиҷаи онро баён намудан ғайриимкон аст. Яъне дар ҳолати дар як мавзуъ бо як шахс ду маротиба суҳбат намудан, табии баромадани он ғайриимкон мебошад, зеро мусоҳиб пешакӣ саволҳоро медонад ва ҷавобҳояш низ пешакӣ тайёр асту бепарво ба саволҳо ҷавоб мегӯяд. Истифодаи забони гуфтугӯйии лаҳчагиву кӯчагӣ дар суҳбати телевизионӣ мумкин нест. Зеро барнома барои тамошобин нофаҳмо мегардад. Аммо истифодаи забони гуфтугӯйии адабӣ суҳбати телевизиониро барои тамошобинон аз шахси одӣ то олимон фаҳмову диққатҷалбкунанда мегардонад. Истифодаи забони илмӣ ва ҳатто соҳавӣ дар суҳбати телевизионӣ қабул нест, чунки як калимаи нофаҳмо бинандаро аз идома додани тамошои барнома дур месозад. Аммо ҳолатҳое мешаванд, ки дар суҳбат калимаҳои соҳавӣ ва душворфаҳм истифода мегарданд. Дар ин ҳолат барандаро лозим аст, ки аз ҳамсуҳбати худ маънои ин калимаҳои нофаҳморо пурсад, то ки ба тамошобин фаҳмо шавад. Дар адабиёт истилоҳи суҳбатро ҳар хел маънидод мекунанд. Дар ҳолати ҳозира сухан дар бораи барнома, ки дар он якчанд нафар бо навбат андешаҳои худро ба ҳамдигар гуфта, фикри якдигарро пурра мекунанд меравад. Рӯзноманигор дар ин хел суҳбат иштирокунанда мусоҳибагиранда набуда, балки баранда мебошад. Вай иштирокчии суханронӣ ва ташкилотчии суҳбат мебошад, ки ба ҳар яки онҳо имкон медиҳад, ки андешаи худро баён созанд. Дар суҳбати телевизионӣ гоҳҳо задухӯрди нуқтаи назарҳои гуногун, инкишофи фикр ба амал меояд, ки дар натиҷа нофаҳмӣ ва мушкилот, муҳиммияти мавзуи баррасишаванда ба тамошобинон фаҳмову таъсиргузор мегардад. Зеро тамошобин ҳамеша интизори чунин суҳбатҳост ва аз он хушаш меояд. Аз намудҳои сериствъмоли жанри суҳбат ин суҳбати мизи мудаввар мебошад. Дар ин намуди суҳбати телевизионӣ ҳамсуҳбатон пешакӣ аз мавзуи суҳбат огоҳ карда, аммо ҳамдигар то лаҳзаи сабти барнома огаҳ карда намешаванд. Ҳангоми саршавии барнома ба як суол ҷавобҳои гуногун баён карда мешаванд, ки ба паҳлуҳои мухталифи мавзуи таҳлилшаванда рӯшанӣ меандозанд. Дар

жанри суҳбат метавон аз воситаҳои ёридиҳанда ба монанди видеонаворҳо, суратҳо ва ҳуҷҷатҳо васеъ истифода кард. Кори рӯзноманигори ин хел барномаҳо аз интихоби мавзуъ, иштирокчиёни барнома, ҳалли композисионӣ иборат аст. Аз ҳад зиёд мушаххас кардани нақшаи сенарии ин хел суҳбатҳо сабаби ғайритабиӣ, сохта гардидани барномаи телевизионӣ мешавад. Жанри дигари инъикосгари мавзуъҳои тиббӣ дар телевизион тариқи барномаҳои соҳавӣ ин жанри конфронси матбуотии телевизионӣ мебошад. «Ҳама гуна нишасти матбуотӣ метавонад барномаи телевизионӣ шавад, дар ҳолате ки агар мавзуйи он таваҷҷуҳи умумро бедор кунад» [108, с. 199]. Баъзан худи кормандони телевизион созмондиҳандаи нишасти матбуотӣмешаванд. Ба студия сиёсатмадори номӣ, ходими ҷамъиятӣ, олим, нависанда, рассомро даъват карда, барои саволдиҳӣ натанҳо журналистони телевизион балки журналистони дигар воситаҳои ахбори оммаро низ даъват мекунанд. Бештари журналистоне, ки дар ин мавзуъ байни мардум шӯҳрат доранд. Ин гуна нишасти матбуотии телевизионӣ ба мубоҳисаи тезу тунд мубаддал шуда, барои аудиторияи телевизионӣ шавқовар ва роҳи коллективии ба мақсад (ҳалли мушкилот) расидан мегардад. Баргузории конфронси матбуотӣ барои рӯзноманигорон рӯйдоди муҳим буда, муҳиммияти онро мавзуи он муайян месозад. Аз ин рӯ мавзуъ аҳаммияти иҷтимоӣ дошта, ба рӯзгори мардум дахл намояд метавон аз чунин конфронси матбуотӣ барномаи телевизионии хубе таҳия кард. Журналистони телевизион метавонанд ин гуна конфронси матбуотиро ташкил намуда, ҷузъиёти ҷараёни онро таҳия карда, конфронси матбуотиро баргузор намоянд, ки он ҳамчун як намуди жанри таҳлилӣ барои тамошобин таъсиргузор ва ҷолиб хоҳад шуд. Зеро дар жанри конфронси матбуотии телевизионӣ асосан журналистони воситаҳои ахбори омма иштирок карда, вобаста ба як соҳаи муайян метавонанд суолҳои худро пешниҳод карда ба он ҷавоб гиранд. Аммо таҳлил нишон дод, ки ин имконияти жанри мазкур аз тарафи журналистон истифода бурда нашудааст.

«Жанри нишасти матбуотӣ имкониятҳои зиёди эҷодӣ дорад. Мешавад, ки ҷузъиёти жанри мубоҳиса, яъне аз саволу ҷавоб нохост ба баҳсу мунозира

гузарад. Ин табиист ва боиси аз баҳс ба ҳақиқати ҳол расидан мегардад. Маҳз ҳамин ҳолат кулминатсияи барнома, ба худ ҷалб намудани тамошобин мешавад. Чунки саволдиҳанда ноаён аз саволҳои расмӣ ва қолабии пешакӣ тайёр намудааш баромада, рӯирост, бе сохтакорӣ савол медиҳад, ҷавобдиҳанда низ маҷбур мешавад, ки ҳақиқӣ ҷавоб гӯяд. Дар натиҷа ақидаҳои гуногуни ҳақиқӣ баён шуда, роҳҳои гуногуни ҳалли проблемаҳо матраҳ мегарданд ва ба бинанда кӯмаки амалӣ расонида мешавад» [74, с.80]. Пас ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки конфронси матбуотии телевизионӣ дар мавзуъҳои доғи рӯз боиси гуфтугузори кушоди саволдиҳанда ва ҷавобдиҳанда мегардад. Тамошобин ҳамеша интизори ҳамин гуна лаҳзаҳо мебошад. Маҳз ба воситаи жанри конфронси матбуотӣ ингуна мавзуъҳои доғи рӯз ҳаматарафа муҳокима гардида, сабаби ба вуҷуд омадани афкори умум мегардад. Инчунин бо ин васила таваҷҷуҳи шахсони масъул ба ҳалли мушкилот равона карда мешавад.

Конфронси матбуотии телевизионӣ низ дар қатори барномаҳои студиявӣ ба танзими режиссёрӣ ниёз дорад, вале кӯтоҳ карда нашуда ва ё мустақиман ба эфир меравад. Ин хусусияти хоси жанри конфронси матбуотӣ ба жанри ҳисобот хеле монанд аст. Чунки рафти ин чорабинӣ пурра нишон дода мешавад. Ба бинанда ин ҷиҳати барнома диққатҷалбкунанда мегардад.

Конфронси матбуотӣ қоидаҳои хоси худро дорад, ки риояи он аз тарафи иштирокчиён ҳатмист. Баранда иштирокчиёни онро муаррифӣ намуда, барои изҳорот мухтасар ба онҳо сухан медиҳад. Баъзан шахси ба конфронси матбуотӣ даъват шуда, аз баромади (сухани) муқаддимавӣ (агар мавзӯйи вохӯрӣ ба ҳама нағз маълум бошад) даст кашида, пешниҳоди додани саволҳоро мекунад. Саволро танҳо баъди иҷозати баранда додан мумкин аст. Агар дар зал микрофон бошад, ҳатман бо микрофон савол додан лозим. Пеш аз саволдодан ҳатман ному фамилия ва воситаи ахбороро, ки дар он кор мекунед гуфтан зарур мебошад. Баъд саволро бояд кутоҳ ва мантиқан фаҳмо дод. Якбора якчанд савол додан чандон дуруст набуда, бо ҷавобдиҳанда беасос ба баҳс даромадан аз рӯйи одоб нест. Агар зал калон бошад, беҳтараш аз ҷой хеста савол додан аз рӯйи одоб аст. Ҳамчунин, дар ин сурат ҷавобдиҳанда ва наворбардорон дарҳол

шуморо меёбанд. Фаромӯш накунед, ки ҳангоми ҷавоб гуфтан, шуморо ҳатман бо плани калон нишон медиҳанд. Бинобарон аз рӯйи одоб мебуд, ки шумо ба ҷавоб диққат диҳед.

Нишасти матбуотӣ аксаран ба мавзуъҳои доғи рӯз бахшида шуда, таваҷҷуҳи аудиторияи васеъро ба худ мекашад. Дар жанри нишасти матбуотӣ имконияти ҳаматарафа ва чуқур инъикос намудани масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва илмӣ мавҷуд аст. Иштирок ва саволдиҳии рӯзноманигор дар конфронси матбуотии телевизионӣ дар намуд кори одӣ менамояд: иштирок кардан, савол додан ва гӯш кардан. Вале дар телевизион жанри сабук нест. Зеро чунон нишастан лозим аст, ки наворбардор бо видеокамера тавонад шуморо бо плани калон нишон диҳад. Бодиққат гӯш кардан лозим аст, ки тамоми саволу ҷавоб фаҳмо бошад. Аз ҳама муҳим саволи оммафаҳм ва лозимиро дода тавонистан аст. Ин санъати баланди саволдиҳӣ на ба ҳама муяссар мегардад.

Хулоса, жанри конфронси матбуотӣ мусоҳибаи мусоҳибагирандагони зиёд аз як ва ё зиёд шахсони масъули соҳа ва ё дар соҳае маълумотдошта мебошад, ки ба воситаи саволу ҷавоб сурат мегирад. Ҳарчанд ин жанри таҳлилӣ ин хел имкониятҳои зиёд дошта бошад ҳам, дар шабакаҳои телевизионии мавриди омӯзиш истифода бурда нашудааст. Шояд сабаб он ки саволу ҷавоби кушоду равшанро барои ба эфир додан роҳбарияти шабакаҳои телевизионӣ ҷуръат намекунад. Дигар ин ки барои гузаронидани чунин нишасти матбуотӣ журналисти ботаҷриба ва боҷуръат лозим аст. На ҳар як журналист қудрату ҷуръати гузаронидани чунин конфронси матбуотӣ-вохӯриро дорад.

Хулосаи дигар ин аст, ки дар конфронси матбуотӣ на танҳо журналистон, инчунин дигар шахсони корафтода метавонанд аз журналистон дида беҳтару хубтар саволи доғи рӯзро дода, аз шахсони масъули соҳа ва дар ин соҳа маълумотдошта ҷавоби хуб гиранд. Ин ҷо конфронси матбуотии бо ташаббуси журналисти телевизион ташкил шуда, ки дар он журналист ҳамчун баранда нақши муҳимеро иҷро мекунад дар назар аст.

Дар телевизион жанри таҳлилии дигаре, ки дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавӣ истифода мегардад ин жанри намоиши телевизионӣ

мебошад. Мафҳуми калимаи намоиш дар телевизион чун мафҳумҳои мақола дар матбуот ва гуфтор дар радио маънои васеъро низ доро гаштааст. Намоиши телевизионӣ монанд ба мухбирномаи рӯзнома фактҳоро, фактҳои санҷидашуда ва муҳокимагаштаро ба таҳлил мекашад. Ин жанри таҳлилӣ масъалаи рӯзмарраро дар маводди мушаххас ва масштаби маҳдуд пешниҳоди тамошобин менамояд. Мавзуъҳои мухбирнома қариб бемаҳдуд: хоҷагии халқ, санъат, ҳуқуқ, тиҷорат, ихтирокорӣ, воқеа, ҳаёти байналхалқӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Асоси намоиши телевизионӣ ин варианти экрании мухбирномаи матбуотӣ ва мақолаи проблемавӣ мебошад. «Мухбирномаи телевизионӣ хусусиятҳои жанрии худро ҳатто дар ҳолати муаллиф паси кадр монданаш низ гум намекунад, чунки одатан муаллифи мухбирнома матнро мехонад» [108, с. 201]. Зеро аз паси кадр хондани матни барнома аз тарафи журналисте, ки барномаро худаш таҳия намудааст, хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Чунки ӯ натарсида, бо боварӣ матни пасикадриро мехонад, ки маҳз ҳамин ҳолат диққати тамошобинро ба худ ҷалб менамояд.

«Намоиши телевизионӣ хусусиятҳои хоси худро ҳамеша нигоҳ медорад. Ҳатмӣ аст, ки матни намоиши телевизиониро худи муаллиф хонад. Чунки дар ҳолати аз тарафи дигар кас хондани ин матн ҳассосият ва боварибахшии он гум мешавад. Ин маънои онро надорад, ки матн агарчи бештар аз паси кадр хонда мешавад, журналист-муаллифи мухбирнома ҳуқуқи дар кадр баромад карданро надорад» [54, с. 94]. Журналист дар таҳияи барнома аз ҷузъи жанрҳои иттилоотӣ ва ҳам таҳлилӣ истифода барда метавонад. Дар кадр дар ҷойи зарурӣ пайдо шуда сухан кардани журналист барномаро боз ҳам ҷолибтар мегардонад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло ба таҳлил мекашем як барномаи соҳавие, ки ба инъикоси мавзуи тиббӣ дар Телевизиони «Тоҷикистон» зери рубрикаи «Тибби тоҷик» [168] ба эфир рафтааст: «Рушди соҳаи тандурустӣ чун дигар бахшу соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолу озодӣ зери таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ҳар як баромаду суханронӣ масъулини

ниҳоду сохторҳои марбутаро дар иҷрои вазифаҳои марбут ба рушди соҳа ва ба ин васила таъмини шароити мусоид дар самти дастрасии пурраи шаҳрвандон ба хизматрасониҳои мусоиди тиббӣ муваззаф менамоянд.

Агар ҳадафи мо бунёди ҷомеаи солим ва соҳибмаърифат бошад, пас таваҷҷуҳамонро ба ҳифзи саломатии ҳар як инсон равона намоем. Дар хотир дорем, ки танҳо насли аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ солим метавонад бунёдгузори ҷомеаи нав бошад» [168].

Таваҷҷуҳ, талош ва дар маҷмӯъ рӯи даст гирифтани тадбирҳои муҳиму саривақтӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи сиҳатии миллат вазъи соҳаи тиб дар мамлакатро сол аз сол рӯ ба беҳбудӣ овард. Дар ҳамин замина метавон аз садоқати воқеӣ ва пуштибонии шахсони ватандӯст аз сиёсати роҳбарияти олии давлату ҳукумат ёдовар шуд, ки дар бунёди иншооти тиббӣ ва ба ин васила дар ҳифзи сиҳатии шаҳрвандон саҳми шоиста мегузоранд. «Бунёд ва ба фаъолият оғоз намудани Маркази тиббии Хатлон, воқеъ дар кӯчаи Садриддин Айнии шаҳри Бохтарро метавон далел аз ин гуфтаҳо донист. Маркази тиббии Хатлон, ки баъди азнавсозӣ соли 2021 бо иштироки роҳбарияти олии Ҳукумати мамлакат ифтитоҳ гардид то имрӯз дар самти муоина ва муолиҷаи дақиқ барои ҳар муроҷиаткунанда шароити мусоид фароҳам овардааст. Дар марказ табибони дорои тахассуси баланди касбӣ фаъолият намуда, ба сокинони шаҳру ноҳияҳои ҳудуди вилоят хизматрасониҳои тиббии баландсифат пешниҳод менамоянд» [168]. Муаллифи барнома журналист Қурбон Қурбонзода баъди гуфтаҳои болоӣ синхрони ду нафар яке шифокору дигаре бемори табобатёфтаро ҳамчун далели имконияти васеи ин Марказ ва хизматрасонии хуби шифокорони он дар барнома ҷой намудаст.

«Сифати хуби хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ дар баробари мавҷудияти кадрҳои дорои донишу таҷрибаи баланди касбӣ ҳамчунин аз дастрасии онҳо ба дастгоҳу таҷҳизоти муосири соҳавӣ вобастагии амиқ дорад. Бо ба инобат гирифтани ҳамин вазъ масъулини Маркази тиббии Хатлон љињати бозњам боло бурдани сифати хизмартрасониҳои тиббӣ ҳама шуъбаҳоро аз ҷумла,

шуъбаҳои дармонгоҳӣ, шуъбаи ҷарроҳӣ, табобатӣ ва эҳёгариро бо номгӯи зиёди дастгоҳҳои тиббии истеҳсоли бонуфузтарин ширкатҳои тавлидотӣ муҷаҳҳаз намуданд.

Илова бар ин дар Маркази тиббии Хатлон ҳуҷраҳои ташхиси ултрасадоии қалб, ҳуҷраи қалб, гиёҳдармонӣ, озмоишгоҳи клиникиву биохимиявӣ, осебшинос, ҳуҷраи хатна ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон фаъолият намуда, дорои шароити мусоиди корӣ мебошанд. Ҷиҳати бозҳам ташаккул додани донишу маҳорати кормандон дар Маркази тиббии Хатлон китобхона бо номгӯи зиёди адабиёти тиббӣ таъсис дода шудааст. Ҳамчунин барои шунавандагони шуъбаи Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии вилояти Хатлон, Коллеҷҳои тиббӣ ва донишҷӯёни факултети биохимияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав толору ҳуҷраҳои махсус фаъолият менамояд, ки яке аз дастовардҳои навини марказ дониста мешавад» [168]. Чи хеле дида мешавад, барномаи мазкур дар жанри таҳлилии намоиши телевизионӣ таҳия гардидааст. Дар дохили барнома барои пурқувват намудани таҳлили мавзуъ дар баробари унсунҳои хоси жанрҳои таҳлилӣ инчунин ҷузъҳои жанрҳои иттилоотӣ низ васеъ истифода гардидааст. Аз ин талаботи жанрии жанрҳои таҳлилӣ вайрон нагашта баракс пурқувват шудааст. Албатта барои таҳлил овардани иттилои таҳлилмешуда муҳим ва асос мебошад, ки дар мисоли болоӣ мо инро мушоҳида карда метавонем.

«Номаи хабарнигор ба телевизион бедареғ хизмат мекунад, даъвои мақоми хоса пайдо каданро ҳам надорад. Чун дар матбуот аз ҳаёти ҷомеа силсилаи ё гурӯҳи далелу воқеотро ба ҳам оварда, аз тарзу тариқи зиндагии одамон ва кору фаъолияташон ихчам, ба мавқеъ нақл мекунад, бинандаро ба таҳлили инфиродӣ ва натиҷабардорӣ водор месозад. Бо чунин ҷиҳатҳо вай ба жанри таҳлилие табдил ёфтааст, ки дар заминаи мавзуъ ин ё он масъала ё проблемаеро дар миқёси ҳатталимкон маҳдуд баррасӣ менамояд» [101, с. 45]. Дар намоиши телевизионӣ одатан рӯзноманигор ва наворбардор баробар иштирок мекунанд, ки ин басо муҳим аст. Аммо ин талабот на ҳама вақт риоя мешавад.

Одатан жанри мусоҳиба ҳамчун қисми асосӣ дар мухбирнома истифода мешавад, ки он сохтори жанрро вайрон накарда, баракс пурқувват менамояд. Аз ин ба хулоса омадан мумкин, ки жанри мухбирнома бо намоиши фаъолияти инсон пурқувват гардида, ҷолиб мегардад. Бо талаботи замон намоиши телевизионӣ ҳаҷман кӯтоҳу сермаъно гашта, боиси таваҷҷуҳи доираи васеи тамошобинон гардидааст. Зеро тамошобини имрӯза барномаҳои ҳаҷман калону суханронии дурударозро намеписандад. Минбаъд дар ҷадвали барномаҳои телевизионӣ барномаҳои ҳаҷман калон, аз 30 дақиқа бештар хеле кам гардидааст. Дар шароити муосир муаллифи барномаҳо бо тасвири рӯшан, нишонрас, тарзи муъҷаз ва аниқ муайянбудаи маълумот касбияти худро нишон медиҳанд.

Аксаран барномаҳои телевизионии соҳавӣ дар шакли сохтории журнали телевизионӣ таҳия гардида, дар ду ва зиёда рубрикаҳои ҷудогона таҳия ва пешниҳоди тамошобинон гардонида мешуданд. Журнал аз калимаи франсузии «journal» гирифта шуда маънии рӯзнома, маҷалларо дорад. Нашри матбуотии маводди публитсистӣ, бадеӣ ва ё асарҳои илмӣ. Журнали телевизионӣ ба як соҳа бахшида шуда, дар он мавод тариқи тамоми жанрҳои журналистикаи телевизионӣ ба бинанда пешниҳод мегардад. Журнали телевизионӣ бо як ном, ҳафтае ва ё моҳе як маротиба ба эфир дода мешавад. Тавассути журнали телевизионӣ дар Телевизиони «Тоҷикистон» ба тамошобинон барномаҳои телевизионӣ пешниҳод карда мешуданд. Журналҳои телевизионии «Тандурустӣ», «Илм ва ҳаёт», «Ҳаёти деҳот», журнали телевизионӣ-танқидии «Ранда», «Негатив» (бо забони русӣ) ва ғайраҳо ба ин мисол шуда метавонанд.

«Телевизион ҳамчун санъат касбиятро мепарастад. Чунки як кадри бечо, як имову ишораи бемавқеъ, як сухани ноҷо ва ҳатто нишасти бемавқеъ ва интихоби мавзуи номувофиқ боиси ранҷиши бинанда гашта, аз баҳри тамошои он гузаштан ва ё баръакс, қабул накардани идеяи пешниҳодшуда мегардад» [74, с. 94]. Аз ин рӯ дар телевизион набояд ғайрикасбиҳо фаъолият намоянд. Кори телевизион коллективӣ буда, ҳар як шахс дар ҷойи худ муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати як нафари гурӯҳи эҷодӣ амали худро касбиёна ба иҷро нарасонидан

ба кори умумии коллективонаи гурӯҳи эҷодӣ халал расонида, натиҷааш ғайрикасбӣ таҳия шудани барномаи телевизионӣ мегардад.

Хулоса, аз соли 1991, баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти мардум дигаргуниҳои бузург ба амал омаданд. Дигаргуниҳои таърихӣ дар ҳаёти рӯзноманигорони телевизион он буд, ки сензураи давлатӣ барҳам хӯрда, дар баробари телевизионҳои давлатӣ фаъолият намудани шабакаҳои телевизионҳои ғайридавлатӣ: ҷамъиятӣ, хусусӣ имконпазир гашт. Инъикоси мавзуъҳои доғи рӯз имконпазир гардида, ба маънои пурраш рӯзноманигорони телевизион озодии сухан ва фаъолияти эҷодӣ ба даст оварданд. Дар барномаҳои телевизионӣ таҳлилу барррасии озод ва пешниҳоди гуногунандешона ба ҳукми анъана даромад. Роҳи васеъ ба инъикоси ҳаммагуна мавзуъҳои доғи рӯз аз ҷумла мавзуъҳои соҳаи тиббӣ кушода дода шуданд. «Бе сензура таҳия гардидани барномаҳои телевизионӣ имконият ба вуҷуд овард, ки бисёр масъалаҳои доғи рӯз барои муҳокима ва таҳлил бардошта шаванд, дар муҳокимаи он шаҳрвандон иштирок намоянд, ҷойи барномаҳои иттилоотии монологиро барномаҳои таҳлилии диалогӣ гиранд. Талаботи замон, талаботи бинанда имрӯз тақозо мекунад, ки дар телевизион ба ҷойи барномаҳои ҳаҷман дуру дароз барномаҳои кутоҳҳаҷм пешниҳод гардад. Зеро вақт барои бинанда дар такопӯи зиндагӣ қимат гаштааст» [69, с.59]. Аз таҳқиқи барномаҳои таҳлилии ба инъикоси мавзуъҳои соҳаи тиббӣ бахшидашудаи телевизионҳои мавриди таҳқиқ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

Якум, дар инъикоси мавзуъҳои соҳаи тиб асосан жанрҳои таҳлилии тафсир, суҳбат, конфронси матбуотӣ ва намоиши телевизионӣ истифода бурда шудааст;

Дуюм, жанрҳои иттилоотии репортаж ва мусоҳиба дар алоҳидагӣ кам истифода шуда бошанд, дар дохили жанрҳои таҳлилӣ ҳамчун ҷузъиёт ба таври зиёд ба кор бурда шудаанд;

Сеюм, жанрҳои таҳлилӣ бобати ба муҳокима гузоштан, таҳлил ва баррасӣ намудани мавзуъҳои соҳаи тандурустӣ ба таври васеъ истифода бурда шудаанд.

Инчунин муҳиммияташ дар он аст, ки дар муҳокимаи ин мавзуъҳо сокинони кишвар иштирок карда, пешниҳод ва андешаҳои худро озодона баён мекунанд. Барои ба вуҷуд овардани афкори умум ин амал дорои аҳаммияти муҳим мебошад;

Чаҳорум, бо маврид ва дар ҷойи зарурӣ бо риояи талаботи жанрӣ истифода бурда тавонистани жанрҳои таҳлилии тафсир, суҳбат, конфронси матбуотӣ ва намоиши телевизионӣ бинандаро ба тамошои барнома ҷалб намудааст. Яъне гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ аз гурӯҳи жанрҳои иттилоотӣ ба куллӣ бо махсусиятҳои хоси худ фарқ мекунанд. Агар вазифаи жанрҳои иттилоотӣ сари вақт аз рӯйдодҳои муҳимми ҷомеа бохабар намудани аҳолӣ бошад. Вазифаи жанрҳои таҳлилӣ пеш аз ҳама шарҳу эзоҳ ва таҳлилу баррасии ин рӯйдодҳои муҳим ба шумор меравад. Зеро дар натиҷаи таҳлил, баррасӣ, шарҳу эзоҳ ва баҳсу мунозира мо ба умқи масъала, мавзуъ ва роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда мерасем. Бо жанрҳои иттилоотӣ бохабар мешавему бо жанрҳои таҳлилӣ ба дарки мавзуи баррасишаванда мерасем. Андешаҳои гуногуни иштирокчиёни барномаҳои таҳлилиро шунида, ба хулосаи дуруст меойем. Дар натиҷа дар байни аҳолӣ афкори умум ба вуҷуд омада, он дар ҳалли мушкилоти мавҷуда нақши муайянеро мебозад. Яъне гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ дар баррасӣ, муҳокима, омӯзиш ва нишон додани роҳҳои ҳалли масъалаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ нақши муҳим мебозанд. Дар ҳамин маврид ҷойи таъкид аст, ки дар баробарои жанрҳои дар боло ба таҳқиққашидаи инъикоскунандаи соҳаи тиббӣ лозим дониста мешавад, ки бобати дигар жанрҳои ин гурӯҳ, ки дар инъикоси масъалаҳои тиббӣ истифода бурда нашудаанд, андешаронӣ карда шавад. Зеро дар ҳама соҳаҳо масъала ва мавзуъҳое ҳастанд, ки бе баҳсу мунозира ва бурдани таҳқиқоти журналистӣ ҳалли онҳо ғайриимкон мебошанд. Дар инъикоси мавзуъ ва масъалаҳои тиббӣ низ ингуна масъалаҳо вомехӯранд, ки барои ҳалли онҳо ҳатман истифодаи жанрҳои мубоҳиса, таҳқиқоти журналистӣ ва ток-шоу муҳим ба шумор меравад. Масалан, мавзуи пешгирии никоҳи хешу таборӣ бобати тавлид нашудани фарзандони носолимро дар жанри мубоҳиса бо баҳсу мунозира ба хулосаи солим омадан имконпазир мегардад. Ё ки мавзуи ба

фурӯш баровардани доруҳои қалбакиро бо истифодаи жанри таҳқиқоти журналистӣ ҳаллу фасл намудан, манфиатдорони ин амалро ба рӯйи об баровардан ва бо ин роҳ ҳамин гуна кирдорҳои ғайриинсониро фош намудан ба манфиати ҳамагон хоҳад буд. Бо истифодаи жанри ток-шоу бисёр мавзуъҳои доғи рӯзро вобаста ба масъалаҳои соҳаи тиб бо истифодаи саҳначаҳои ҳақиқии воқеӣ ва шунидани андешаҳои шахсони номвари (ситораҳои) ҷумҳурӣ аз ҳама соҳаҳо, ба муҳокима бароварда, дар байни аҳолии кишвар афкори умум ба вуҷуд овардан имконпазир мебошад. Аз ин рӯ истифодаи жанрҳои мубоҳиса, таҳқиқоти журналистӣ ва ток-шоу низ дари инъикоси масъалаву мавзуъҳои соҳаи тиб ба манфиати барномаҳои соҳавии тиббӣ хоҳанд шуд.

Хулоса, агар тавассути гурӯҳи жанрҳои иттилоотӣ рӯйдоду навигариҳои муҳимми ватаниву хориҷии соҳаи тиб таъҷилан ба тамошобинон аз ҷойи воқеа намоиш дода шаванд. Бо истифодаи гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ ҳамин навигариҳову рӯйдодҳои муҳим шарҳу эзоҳ, тафсир ва таҳлилу муҳокима гардида, ба тамошобинон сабабҳои рӯйдод ва оқибати он фаҳмонда дода шудаанд, ки ин талаби асосии тамошобинонро қонеъ гардонидааст. Яъне ба воситаи таҳлил ҳамагуна мавзуъҳои пешниҳодгардидаро ба бинандагон тавассути ҳамсуҳбат шудан бо мутахассисони соҳа, ё баҳсу мунозира фаҳмонда дода мешавад, ки ин махсусияти асосии гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ мебошад.

3.3. Инъикоси корномаҳои шифокорон тавассути жанрҳои лавҳаву очерк ва эссе

Жанрҳои лавҳаву очерку эссе гуё махсус барои инъикоси корномаҳои инсон офарида шуда бошанд. Зеро талаботи жанрии ин жанрҳо инъикоси лаҳзаҳои хотирмони ҳаёти инсон бо баъдеият мебошад. Аз ин рӯ ин се жанр ба гурӯҳи жанрҳои публитсистикаи бадеии телевизион мансуб мебошанд. Мавзуи мо, ки инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион мебошаду онро бидуни корномаҳои шифокорон тасаввур намудан ғайриимкон аст, кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки инъикоси корномаҳои шифокоронро тавассути

ин жанрҳо ба пажуҳиш кашем. Барои ин дар оғоз махсусиятҳои мафҳуми жанрҳои публитсистикаи бадеии телевизионро ба таҳлил мекашем. «Жанрҳои публитсистикаи бадеии телевизион гурӯҳи сеюми жанрҳои журналистикаи телевизионро ташкил медиҳанд. Агар жанрҳои иттилоотӣ (хабарӣ) вазифаашон аз рӯйдоду воқеаҳо хабар расонидан бошад, дар жанрҳои таҳлилӣ ҳамин рӯйдоду воқеаҳо шарҳу тафсир ва таҳлил карда мешаванд. Вазифаи жанрҳои публитсистикаи бадеӣ бошад, воқеа, ҳодиса, рӯйдод, характеру хислати инсониро бо факту рақам ва нишонии ҳақиқӣ ба таври бадеӣ инъикос намудан мебошад» [54, с. 17]. Дар ҳақиқат донистану риояи талаботи жанрии тамоми жанрҳо, бахусус жанрҳои публитсистикаи бадеии телевизион, ки инъикосгари корномаҳои инсон бо бадеият мебошанд, касбияти баланди журналисти телевизионро нишон медиҳад.

Дар фаҳмиши мафҳуми гурӯҳи жанрҳои публитсистикаи бадеӣ ғалатфаҳмӣ ба мушоҳида мерасад. Жанрҳои лавҳа, очерк, эссе ва дигар жанрҳои ин гурӯҳи журналистикаро ба жанрҳои адабиёт мансуб дониста мешавад. Бе қаҳрамони ҳақиқиву суроғаи аниқ инъикос кардани қаҳрамон ба гурӯҳи жанрҳои адабиёту санъат мансуб мебошад. Баракс дар гурӯҳи жанрҳои журналистика рӯйдод, воқеа ва қаҳрамонҳо бояд ҳақиқӣ ва бо нишонии аниқ тасвир карда мешаванд. Чунки дар гурӯҳи жанрҳои публитсистикаи бадеӣ инъикос ба таври бадеӣ, аммо дар асоси факту рақам ва нишонии ҳақиқӣ ба амал бароварда мешавад. «Агар забони жанрҳои хабарии телевизион бештар расмиву бидуни бадеият бошанд, дар жанрҳои таҳлилӣ то андозае забони муколамавии озод истифода мегардад. Дар жанрҳои публитсистикаи бадеии телевизион бештар бадеият, ки пуркунандаи ҳақиқат ва инъикосгари реалият мебошад истифода мегардад. Бадеият ба публитсистика обу ранги зебо дода, боиси диққатҷалбкунанда ва мафтункунанда баромадани маводди гурӯҳи жанрҳои публитсистикаи бадеии телевизион мегардад» [70, с. 17-18]. Яъне асарҳои соҳаи адабиёту санъат дар асоси тахаюлоти муаллифи асар офарида мешаванд. Ҳарчанд ки асоси воқеӣ дошта бошанд ҳам, номи қаҳрамон ва макони он иваз карда мешаванд. Публитсистикаи бадеӣ дар журналистикаи телевизион ин воқеияти бо тарзи

зебо ба бинанда пешниҳодшавандаест, ки сарчашмаи воқеӣ дорад. Лаҳзае, ки инъикос карда мешавад, лаҳзаи ҳақиқии ҳаётӣ асту бо бадеият манзур мегардад. Қаҳрамоне, ки тасвир карда мешавад, инсони ҳақиқӣ бо макони аниқ ва ному насаби асосӣ ва танҳо бо иловаи бадеият, ки боиси ҷолибу зебо манзур намудани мавод мегардад мебошад.

Ҳоло жанри лавҳаи телевизиониро ба таҳлил кашида, махсусиятҳои онро аниқ менамоем, ки то чи андоза ин жанр дар инъикоси корномаҳои шифокорон мувофиқ аст. «Лавҳа жанрест, ки дар он як лаҳзаи ҳаёт бо бадеият тасвир мегардад. Дар лавҳаи телевизионӣ сабаби мушаххаси рӯйдод нест, аммо дараҷаи баланди бадеияти кори наворбардорӣ бо композитсияи муайяни ҳар як кадр, интихоби махсуси ракурс, бо истифода аз тасирбахшии мувофиқати рангҳо талаб мегардад» [74, с. 121]. Бобати ин жанр профессор Иброҳим Усмонов чунин андеша дорад: «Лавҳанавис «исбот намекунад», балки нишон медиҳад. Нишон додан бо мафҳумҳои умумӣ намешавад. Барои дарки ин ҳикмати Саъдии бузургро ба ёд доштан лозим аст. Ӯ гуфтааст: «Мушк он бошад, ки худ бибӯяд, на он ки аттор бигӯяд» [116, с. 90]. Ин гуфтаҳо гӯё махсус ба лавҳаҳои телевизионӣ гуфта шуда бошанд. Зеро дар лавҳаи телевизионӣ баракси лавҳаҳои матбуотиву радиоӣ видеонавор бояд мақсади асосии муаллифи лавҳаро кушояд, на ин ки бо матн он гуфта шавад. Барои исботи андешаҳои зикргардида, ҳоло лавҳаеро зери рубрикаи «Шифокор»[171], ки тавассути Телевизиони «Тоҷикистон» дар эфир пахш шудааст, баррасӣ мекашем. Ин лавҳа ба фаъолияти шифокорони Беморхонаи «Ёрии таъҷилии шаҳри Душанбе» бахшида шудааст. Лавҳа аз он сар мешавад, ки дар шуъбаи навбатдории беморхона занги телефон баланд садо медиҳаду бобати ёрии таъҷилии тиббӣ дархост карда мешавад. Навбатдор гурӯҳи шифокоронро бо баёни нишонии аниқ барои ба роҳ баромадан хоҳиш мекунад. Нақлиёти тамғаи «Ёрии таъҷилӣ-03» бо баланд намудани сигнали хеш бо шифокорон ба роҳ медарояд. Лаҳзаҳои бо суръати тез аз байни анбуҳи нақлиётҳои дигар дар роҳҳои шаҳри Душанбе ҳаракат намудани ин нақлиёт ва ба назди бемор даромада, ба он ёрии аввали тиббӣ расонидану беморро баргашта ба

беморхонаи «Ёрии таъҷилии шаҳри Душанбе» овардан ва лаҳзаҳои дигар бо мусиқии мувофиқ ба мавзуъ нишон дода мешавад. Дар ин лавҳаи телевизионӣ матни муаллиф, қариб, ки дида намешавад. Вале занги телефон, сигнали нақлиёти тиббӣ, овози равуои нақлиётҳои дигар, аҳволпурсии шифокор ва ҷавобҳои бемор ва ғайраҳо дар ҷойи лозимӣ табиӣ истифода бурда шудааст. Ба наворбардор муяссар гардидааст, ки ин лаҳзаҳоро табиӣ наворбардорӣ намояд. Овоз ва интершумҳои истифодашуда ҳама дар ҷояш ва сохтакорӣ ба назар намерасад. Яъне лавҳа хеле табиӣ ва ҷолиб баромада, муаллифони лавҳа касбиёна кори хешро ба анҷом расонидаанд. Ҳамингуна лавҳаҳо дар Телевизиони «Душанбе» низ ба мушоҳида мерасанд, ки корномаҳои шифокорони пойтахтро пешкаш намуда, бо ингуна лавҳаҳо ба фаъолияти шифокорон эҳтиром гузоштанро тақозо карда мешавад. Дар ин лавҳа ягон матни зиёдатӣ ва ё синхронҳои дурудароз дида намешаванд, ки ин бозёфти эҷодӣ ба ҳисоб меравад. «Аксаран дар лавҳаи телевизионӣ баракси лавҳаи матбуотӣ ва радиоӣ матни пасикадрии муаллиф зарурат надорад. Табиати телевизион бештар нишон додану камтар сухан гуфтанро меписандад» [70, с.19]. Дар назар таҳияи барнома дар жанри лавҳаи телевизионӣ осону сабук менамояд. Аммо дар асл бошад, таҳияи лавҳаи телевизионӣ бо машаққати зиёди муаллиф, режиссёр, наворбардор, коргардони овоз ва танзимгар ба даст оварда мешавад. Лавҳаи телевизионӣ аз лаҳзаҳои табии зиндагӣ: лаҳзаҳоии табии зиндагии инсон ва ё табиат зиндагии инсон гирифта мешавад. Онро чунон бояд таҳия намуд, ки ҳар як ҷузъи кадрӣ табиӣ ва зебо бе сохтакорӣ ба навор гирифта шуда, мантиқан якдигарро пурра кунад. «Лавҳа – жанрест, ки дар он бадеият аз иттилоот бартарӣ дорад» [116, с. 204]. Мақсади лавҳа иттилоъ расонидан набуда, лаҳзаҳои нотакрори ҳаёти воқеиро аз рӯйдодҳои табиӣ ва ҳаёти инсонӣ бо бадеият, зебо ва таъсирбахшона пешниҳод намудан аст. Дар жанри лавҳа ҷузъи жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ эҳсос шавад ҳам, аммо он барои ҷозибтар баромадани лаҳзаи тасвиршаванда истифода бурда мешавад. Яъне дар лавҳа бадеият дар асоси ҳақиқат болотар аз иттилоъ ва таҳлил мавқеи асосиро мегирад.

Дар лавҳа лаҳзаи воқеаи ҳақиқӣ асос шуда, барои ҷолибу диданбоб кардани он истифодаи бадеият ҳамчун ҷузҳои пуркунанда лозим мебошад. «Вай (лавҳа) ба воқеаи мушаххас сару кор гирифта, тахайюл дар он танҳо дар ҷузҳои иловагӣ барои пурра ва равшан кадани воқеаҳои конкретӣ меояд» [116, с.288]. Яъне, дар ин маврид дар жанри лавҳа тахаюлоте истифода мегардад, ки лаҳзаи табиии истифодашавандаро хеле зебову ҷолиб ва таъсирбахш мегардонад.

«Дар журналистика тасвири як лаҳзаи рӯзгори қаҳрамон ё як рӯйдоди мушаххасро лавҳа меноманд» [38, с.5]. Наздикшавӣ ба образи бадеӣ ҳаргиз маънои онро надорад, ки лавҳа образи бадеӣ бошад. Зеро образи бадеӣ ин тахайюлоти эҷодкор аст. Бадеият дар журналистика то андозае истифода гардиданаш мумкин аст, ки ҳақиқатро насӯзонад. Балки лавҳаро нишонрас ва пурра кунад. Ин ҷиҳати бадеият дар лавҳаи телевизионӣ хеле муҳим ва асос ба шумор меравад. Барои он ки дар телевизион тамошобин бо чашмони хеш лавҳаи манзуршавандаро дида, бадеияти ғайримантиқӣ ва сохтакориро қабул намекунад. Видеонавор, матн, мусиқиву интершум ҳақиқӣ набошаду ҳамдигарро пурра нанамояд, лавҳа ба худ тамошобинро ҷалб карда наметавонад. Яъне талабот ба лавҳаи телевизионӣ боз ҳам мушкилтар аст. Видеонавори лаҳзаи тасвиршавандаи лавҳа зоҳири лаҳза мебошад. Ин намуд лаҳзаҳоро доимо мушоҳида мекунему валек ба он аҳаммият намедиҳем. Ҳол он, ки ҳамин хел як лаҳзаи оддиро метавон ба воситаи лавҳа чунон зебову ғайриоддӣ ва диданбоб пешниҳод кард, ки ҳар як тамошобинро ба андеша фурӯ рафтан маҷбур намояд.

Монанд ба ин гуфтаҳо лавҳа дар бораи ягон лаҳзаи табиат ё ҳаёти ҳамарӯза бошад, онро бе матн таҳия намудан мумкин аст. Азҷумла лавҳа дар бораи барфи аввал, оғози баҳор, субҳи диёр, бозиву шодии кӯдакон ва ин намуд лавҳаҳоро бидуни матн бо номи лавҳаро дар поёни видеонавор навиштан манзури бинандагон гардонидан мувофиқи мақсад хоҳад буд. Зеро дар ин намуд лавҳаҳо истифода бурдани матн лавҳаро дилбазан мегардонад. Бо тамошои як лаҳзаи нотакрори зиндагӣ инсон ба андеша мераваду ба худ савол

медиҳад, ки чаро ба ин хел лаҳзаҳои зебои ҳаёт аҳаммият надодааст. Ин бори дигар исбот месозад, ки дар байни воситаҳои ахбори омма танҳо телевизион дорои чунин қудрати таъсиррасонии бузург аст. Зеро лаҳзаи манзуршаванда ҳама ҳақиқӣ ва ҳаётӣ мебошаду ягон ҷойи онро сохтакорона наметавон ҳамроҳ кард. Ин ҳолат дар матбуоту радио асосан ба тасвири муаллиф вобаста мебошад. Муаллиф то чи андоза ҳаққонӣ тасвир мекунад, гуфтани чизе душвор мебошад. Дар телевизион ҳар як бинанда бо чашмони хеш лаҳзаи пешниҳодшавандаро тамошо намуда, бо фаҳмиши худ ба андеша меравад.Матни мувофиқ набудаи муаллиф ӯро ба андешаи дигар водор намуда наметавонад. Нуктаи мазкур муҳим буда, бобати ба миён овардани афкори дуруст аҳаммияти ҳалкунанда мебозад.

Лавҳаи телевизионӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешавад: лавҳаи портретӣ (симоӣ), лавҳаи проблемавӣ ва лавҳаи лирикӣ. Ин се намуди лавҳа ҳам ба лавҳаҳои матбуотӣ ва ҳам ба лавҳаҳои радиоӣ мансубанд.

Лавҳаҳои портретӣ асосан дар бораи шахси алоҳида таҳия мешаванд. Мақсад як лаҳзаи ибратомӯзи ҳаёти шахси соҳибэҳтиромро нишон дода, бо ин роҳ ҳидояти тамошобин ба созандагӣ ва зебопарастӣ мебошад. Портрет ин симо ва чеҳра аст. Дар лавҳаи портретии телевизионӣ мо чеҳраи зоҳирии қаҳрамонро баракси лавҳаҳои матбуотӣ ва радиоӣ дида метавонем. Вале дар баробари чеҳраи зоҳирии қаҳрамон тамошобин тавонад, ки чеҳраи ботинии ӯро низ бинад, ки ин ба касбияти муаллифи лавҳа вобаста мебошад. Бо номбар кардани унвону мукофотҳои қаҳрамони лавҳа ва ё гуфтани он ки «ин шахси хоксору меҳнатдӯст аст» симои ботинии қаҳрамони лавҳа кушода дода намешавад.

Дар ҳақиқат ҳам лавҳаи симоии телевизионӣ инъикоскунандаи як лаҳзаи ҳаёти воқеии шахс буда, тамошобинонро ба шинохти шахсе мебарад, ки ӯ макони аниқ ва ному насаби ҳақиқӣ дорад. Дар лавҳаҳои проблемавии телевизионӣ бошад, мушкилоти рӯзгор мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Вобаста ба он оиди иштироккунандаи ҳамон лаҳза нақл карда мешавад. Ин намуд лавҳаҳо ба ягон лаҳзаи муҳимми ҳаёт тариқи маслиҳат бо роҳи нишон додани ташаббус ва ё масъулияти ибратомӯзи шахсе ҳал намудани мушкилоти

мавҷуда равона гашта, мавзуи манзуршаванда на ба тариқи муҳокима, баҳс, танқид, балки ба тариқи маслиҳат пешниҳод мегардад.

Лавҳаҳои лирикӣ тариқи ҳиссиёти муаллиф нисбати инсон ва табиат ифода мегардад. Суханони бо муҳаббат ва самимии муаллиф иброз намуда мазмуни ин намуд лавҳаҳоро ифода мекунад.

Мақсади асосии лавҳаи телевизионӣ инъикоси як лаҳзаи ибратбахши инсон ва ё табиат мебошад. Дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ вобаста ба корномаҳои шифокорон истифодаи жанри лавҳаи телевизионӣ мувофиқ буда, аз ин жанр гоҳ-гоҳе истифода бурда шудааст.

Жанри очерк дар инъикоси корномаҳои шифокорон хеле мувофиқ буда, аз он дар телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе» ба таври васеъ истифода бурда шудааст. Пеш аз он ки ин масъаларо ба таҳлил кашем, бобати худи мафҳуми жанри очерк ва махсусиятҳои он истода мегузарем. «Очерк дар телевизион ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Агар дар жанри лавҳа як лаҳзаи ҳаёти инсон ва ё табиат инъикос гардад, дар очерк барои кушодани симои қаҳрамон лаҳзаҳои зиёди хотирмони ҳаёти инсон бо тарзи табиӣ ва бо бадеият нишон дода мешаванд» [70, с. 25]. Олимони соҳаи журналистика ва адабиёт то ба имрӯз байни худ баҳси жанри очерк мекунанд. Адабиётшиносон бо боварӣ исбот карданӣ мешаванд, ки очерк жанри адабиёт аст. Аммо дар асл жанри очерк ҳарчанд ба жанри ҳикоя наздикӣ дорад, вале жанри адабиёт шуда наметавонад. Ҳарчанд нависандагон аз ин жанр ва услуби таҳияи очерк васеъ истифода мекунанд. Фарқияти байни жанрҳои публитсистика ва адабиётро бо чунин махсусиятҳо муайян кардан мумкин аст. Очерк инъикоскунандаи бадеии воқеа ва факту рақами ҳаётӣ бо ҷои аниқ, вақти муайяни содиршавӣ, шахси ҳақиқӣ бо номи ҳуҷҷатӣ мебошад. Дар очерки адабиёт мешавад, ки воқеа ва факту рақам ҳақиқӣ ва ҳаётӣ бошад, вале ҷой, вақт ва номи қаҳрамон аз ҷониби муаллиф иваз карда шуда, мувофиқ ба тахайюли нависанда лаҳзаҳои дигари нав илова карда мешаванд. Тахайюлу бофтаҳоимуаллиф барои барҷаста баромадани очерк ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Қаҳрамонони асарҳои адабиёт образи бадеӣ буда, ба воситаи тахайюлоти нависанда офарида

мешаванд. Дар ҳолати прототипе дошта бошад ҳам, вай аксаран бо ному насаби худ ном бурда намешавад. Баракс қаҳрамонон ва воқеаҳои дар жанрҳои публитсистикаи бадеӣ инъикосшаванда инсонҳоии ҳақиқӣ ва воқеаҳои ҳаққонӣ мебошанд. Истифодаи бадеият танҳо ҳамчун ҷузъи пуркунанда барои зебо, нишонрас ва диққатҷалбкунанда баромадани барнома хизмат мекунад. Ҳамаи тахайюлоти рӯномонигор такя ба факту рақами ҳақиқӣ ва рӯйдодҳои мушаххаси ҳаётӣ сохта мешаванд ва набояд ягон сохтакорӣ истифода бурда шавад. Вагарна талаботи жанрӣ вайрон гардида, боиси ғайритабии таҳия гаштани барномаи телевизионӣ мегардад. Нависанда дар эҷоди асари бадеӣ пурра озод бошад, рӯзномонигор баракс дар истифодаи бадеият басо маҳдуд мебошад. Жанрҳои очерк ба лавҳа ба ҳам монанд мебошанд, онҳо инъкоскунандаи ҳаёти инсон мебошанд. Аммо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар лавҳаи телевизионӣ ба воситаи як ё ду лаҳзаи ҳаётӣ хислату характери қаҳрамон кушода дода шавад, дар очерки телевизионӣ лаҳзаҳои зиёди ҳаёти қаҳрамон истифода мегардад. Аз замони кӯдакӣ то имрӯзи қаҳрамон бо лаҳзаҳои хотирмон таърихи ташаккули характери қаҳрамон сурат мегирад. Дар очерк воқеа ва лаҳзаҳои истифода бурдашуда бояд ба касби асосии қаҳрамон вобаста бошанд. Аммо дар лавҳа лаҳза ва ё воқеае, китасвир мегардад, ҳатмӣ нест, ки ба касби асосии қаҳрамон вобастагӣ дошта бошад. Жанри очеркро берун аз истифодаи проблема тасаввур намудан мушкил аст. Вале дар жанри лавҳа ин шарт муҳим набуда, бе истифодаи проблема низ таҳияи лавҳа имконпазир аст. Мебояд таъкид кард, ки асоси очеркро факти ҳаётӣ ташкил медиҳад. Бо иловаи бадеияти ҳаётӣ ба он муаллиф обу ранг ва зебоӣ мебахшад. Барои таҳияи очерки телевизионӣ маҳорати баланди эҷодӣ ва касбияти журналистӣ зарур мебошад.

«Агар репортаж асоси публитсистикаи иттилоотиро ташкил диҳад, очерк асоси публитсистикаи бадеиро» [74, с. 129]. Дар очерк на натиҷаи фаъолияти инсон, балки ҷараёни фаъолият ва инсон ҳамчун субъекти фаъолият хеле муҳим мебошад. Ҳатто дар ҳолати ягон воқеа асоси очерк будан ҳам, тасвир ва пешниҳоди навор аз тарафи муаллиф бо мақсади дар фони ин воқеа кушодани

хислату характери инсон меравад. «Агар репортаж ин таърихи воқеа бошад, пас очерк таърихи характер аст» [108, с.202]. Махсусияти муҳимми жанри очерк дар он ҳувайдо мегардад, ки он бобати инсонҳои ҳақиқӣ, бо нишонии аниқ ва факту рақамҳои мушаххас ба воситаи воқеоти ҳақиқӣ ва бо лаҳзаҳои ҳаётӣ ба услуби бадеӣ на нақл балки тасвир карда, ҷаҳони ботинии қаҳрамон кушода дода мешавад. Тасвири бадеӣ, ки бо обу ранг ва зебо манзур мегардад, диққати хонандаи матбуот, шунавандаи радио ва тамошобини телевизионро ба худ ҷалб мекунад. Дар ҳақиқат инсон ҳамеша аз сухани хушку холӣ ва расмӣ дида, ба сухани бо обуранг, сухани зебо, сухани лутфомез таваҷҷуҳ мекунад. Матни бо бадеият иншо шуда дар матбуот, сухани бобадеият қироат шуда аз радио ва тасвири бо мусиқӣ ва матни бадеии мувофиқ дар телевизион ҳамеша хонанда, шунаванда ва бинандаи худро дармеёбад. Дар очерк публитсистика бо бадеият омехта шуда, рангу буи зебо мегирад. Диққати аксариятро ба худ мекашад. Муаллифи ҳаёти ҳақиқиро чунон бо бадеият даромезад, ки аз ҳади тавозунӣ нагузарад. Ҳақиқат ба тахайюли муаллиф мубаддал нагардад. Яъне дар очерки телевизионӣ раванди шаклгирии хислату характери шахс инъикос мегардад. Муаллифи очеркро лозим мебошад, ки қаҳрамони хешро ба воситаи лаҳзаҳои ҳаётӣ бо факту рақам, шаклгирии хислату характераш нишон диҳад, на ин, ки баён кунад. Бадеият дар очерки телевизионӣ бояд ҷойи муайян дошта бошад. Истифодаи бемавриди он сифати очерки телевизиониро паст мекунад. Бо маврид истифодаи монолог, муколама, интершум, матни бадеӣ, лаҳзаҳои навории табиӣ, мусиқии мантиқан ба матн ва лаҳзаҳо мувофиқ, вижагиҳои фарқкунандаи хос ба очерки телевизионӣ аз дигар жанрҳои журналистикаи телевизион ба ҳисоб мераванд. Дар очеркҳо ба калимаҳои «ман» ва ё «мо» дучор омадан мумкин аст, ки ин унсури пуркунандаи очерк мебошад. Ин иштироки муаллифро дар воқеаҳо таъкид намуда, таъсирнокӣ ва ҳаққонияти фактро исбот менамояд.

Очерк ба се намуд ҷудо мешавад: очерки портретӣ (симоӣ), очерки проблемавӣ ва очерки сафарӣ. Агар дар очерки портретӣ ба ҷои аввал симои шахс барояд, дар очерки проблемавӣ проблема ва ё мушкилии рӯзмарра

меистад. Дар очерки сафарӣ бошад, хулосаи муаллиф ба ҷои асосӣ мебарояд. Вижагии асосии очерки сафарии телевизионӣ ин мавзуи он мебошад. Рӯзноманигор он чиро, ки дидааст, вобаста ба ягон мавзуъ ва ё ягон мушкилӣ асосиашро ҷудо намуда, бо мақсади муайян онро истифода мебарад. Бо ҳамин махсусият очерки сафарии телевизионӣ аз сафарнома фарқ мекунад. Дар сафарнома бошад рӯзноманигор ҳар он чизеро, ки дар сафар мебинад ва ё мешунавад, бо хурдтарин ҷузъиёташ баён менамояд. Дар телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе» бобати корномаҳои шифокорони тоҷик асосан аз жанри очерк намуди очеркҳои портретӣ васеъ истифода бурда шудааст. Барои исботи ин андеша нигоҳ мекунем ба намунаи очеркҳои портретии дар ин шабакаҳои телевизионӣ ба эфир рафта. Очерки телевизионӣ дар Телевизиони «Тоҷикистон» бо номи «Ворисони Сино» [158] дар бораи доктори илмҳои тиб, профессор, Арбоби хизматнишондодаи илми Тоҷикистон, директори Маркази онкологии вилояти Суғд Ахмедов Бахтиёр Почомирович, ки дар ин очерк лаҳзаҳои хотирмони роҳи ҳаёти қаҳрамон бо истифода аз сурату наворҳои бойгонӣ ва мусоҳибаҳо бо ҳамкорону шогирдон ва махсусан беморони табобатёфта хеле ҷолибу таъсирбахш ва ибратомӯз баромадааст. Бахусус хоксорона ба саволҳои журналист ҷавоб додану дар бораи корномаҳои ҳамкорону шогирдон гуфтани қаҳрамон ҷаҳони ботинии ӯро барои тамошобинон кушодааст. Монанд ба ҳамин дар Телевизиони «Душанбе» очерки портретии «Маънии зиндагӣ» [163], ки ба эфир рафтааст ба таҳлил мекашем. Ин очерк ба яке аз шифокорони варзидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои тиб, ҷарроҳ Умар Тоиров бахшида шудааст. Очерк аз он оғоз мешавад, ки дар утоқи ҷарроҳӣ қаҳрамони очерк дар тан либоси сафед, дар сар кулоҳи сафед ва даҳону биниаш низ бо латтаи сафед баста, танҳо чашмонаш намудор бо ду шогирдонаш машғули ҷарроҳӣ мебошад. Ӯ бо имову ишора аз шогирдонаш хоҳиши асбобҳоро дастрас намуда, ба ҷарроҳӣ машғул мебошад. Ин лаҳзаҳо чунон аз тарафи наворбардор наворбардорӣ карда шудааст, ки қаҳрамони очерк ва шогирдони он пайхас накардаанд. Аз ин сабаб ин лаҳза хеле табиӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ин лаҳза мусиқии мувофиқе онро

пурҷувват намуда, гоҳ-гоҳе овози (интершуми) мондани асбоби ҷарроҳӣ ба гуш мерасанд, ки хеле табиӣ ва тамошобоб баромадааст. Қаҳрамони очерк ҷарроҳиро ба анҷом расонида, латтаҳои ба даҳону биниаш бастаро мекушояду бинанда симои қаҳрамони очеркро мебинад. Баранда аз паси кард қаҳрамони очеркро шинос менамояд. Ҳамин тарз дар очерки мазкур бобати фаъолияти зиёда аз 35 солаи қаҳрамони очерк, фидокорӣ ва талошҳои касбиёнаи ҷарроҳи номӣ Умар Тоиров бо як бадеияти хос манзури тамошобинон гардонида мешаванд. Дар ин очерк ягон матни зиёдатӣ ва ё синхронҳои дурудароз дар бораи қаҳрамони очерк дида намешаванд. Суханронии худи қаҳрамони очерк низ хеле кутоҳ ва пурмазмун асту ӯ дар бораи худ не дар бораи устодону шогирдонаш ва касбият дар ҳар як кор ҳарф мезанад, ки самимӣ ва боварибахш мебошад. Бо ин услуб муаллифи очерк ҷаҳони ботинии қаҳрамони хешро кушодааст, ки ин бозёфти эҷодӣ ба ҳисоб меравад.

Хулоса, мақсади асосии жанри очерки телевизионӣ инъикоси лаҳзаҳои ибратбахши ҳаёти шахс мебошад. Дар инъикоси корномаҳои табибон вобаста ба инъикоси мавзуъҳои тиббӣ истифодаи васеи жанри очерки телевизионӣ хеле мувофиқ буда, аз ин жанр дар телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе» истифода бурда шудааст. Дар инъикоси корномаҳои шифокорон вобаста ба инъикоси масъалаҳои тиббӣ дар баробари жанрҳои лавҳа ва очерк аз гурӯҳи жанрҳои публитсистикаи бадеии телевизион жанри эссе низ гоҳ-гоҳе мавриди истифода қарор гирифтааст. Эссе калимаи франсузӣ буда, маънояш таҷриба аст. Ин жанри публитсистикаи фалсафӣ, адабӣ- танқидӣ буда, аз рӯи мавқеи шахсии муаллиф такя ба таҷрибаи доштааш бо забони гуфтугӯӣ иброз карда мешавад. «Асосгузори жанри эссе философ - гуманисти асри XVI-и франсуз Мишел Монтен мебошад. Ӯ дар китоби машҳури худ «Опыты» андешаҳояшро дар жанри эссе баён намудааст. Дар адабиёти рус ин анъанаро нависанда Ф. М. Достоевский бо асари худ «Дневнике писателя» идома додаст» [108, с. 205]. Дар журналистика пионери жанри эссе журнали «Зритель» -и асри XVIII-и рус ба ҳисоб меравад. Дар ин журнал хабари шахсӣ ва ҳатто маҳрамии муаллиф аз сар гузаронида дар бораи рӯйдоде чоп мегардид. Дар оғоз жанри эссе бе

маҳдудият дар ҳама мавзуъҳо истифода бурда мешуд. Аммо дар оғози асри XX жанри эссе ба инъикосгари танҳо мавзуъҳои адабиёт ва санъат мубаддал гашт. Инчунин жанри эссе вазифаи тақризкунандаи асарҳои адабиёт ва санъатро ба худ гирифт, вале бо таъсис ва ба фаъолият оғоз кардани телевизион жанри эссе бо табиати телевизион мувофиқ омада, дар он истифода гардида, айни ҳол яке аз серистеъмолтарин жанр гардидааст. Зеро дар таҳияи эссеи телевизионӣ, ки асосан муаллиф-барандааш шахси шинохта мебошаду аз хотироти хеш нақл менамояд, барои тамошобин хушоянд ва ҷолиб мегардад. Барои намуна дар шабакаи Телевизиони Марказии СССР (ЦТВ СССР) эссеҳои актёр, нависанда ва олим И. Андроников «Воспоминания о Большом зале», «Невский проспект», Г. Щергова «Легенда и быль о Дашковой» ва «Ужель та самая Татьяна?», А. Габрилович «Футбол нашего детства», «Цирк нашего детства», «Кино нашего детства» ба фонди тиллоии телевизион дохил шудаанд.

Баъди омӯзиш, таҳлилу таҳқиқ ба хулоса омадан мумкин аст, ки эссе ба журналист дар таҳияи барномаи телевизионӣ имконият медиҳад, ки дар интихоби шаклу формат, мавзуву мундариҷае, ки мувофиқ ба табиати телевизион аст, истифода барад. Тавассути кор бо кадру тарзи баёни баранда метавон эссеи телевизиониро ҷолибу нишонрас пешниҳоди тамошобин кард.

«Эссе асари публитсистию бадеист, ки таассуроти нигорандаро доир ба воқеаҳои таърихӣ, зиндагиномаи ашхоси алоҳида, дунёи ботинии қаҳрамон дар бар мегирад. Таассуроти тахайюломез дар бораи мавзуи муайян, ки дар асоси дидаву шунида ва мутоила ба вуҷуд меояд» [66, с.139]. Мебояд, ки барандаи эссеи телевизионӣ шахсияти дар ҳақиқат аҷиб, бо маънои томаш касбӣ, дар байни бинандагон маҳбуб ва соҳибэҳтиром бояд бошад. Зеро ин боиси он мегардад, ки бинандаи ингуна барномаҳои телевизионӣ зиёд гардад. Ҳар як мавзуи чунин барномаҳо боиси таваҷҷуҳ, баҳсу мунозираҳо дар байни бинандагон ва ба вуҷуд омадани афкори умум мегардад. Ҳатман барандаи эссеи телевизионӣ бояд шахсе бошад, ки дар байни мардум маҳбуб аст.

Барои таҳияи барнома дар жанри эссеи телевизионӣ на сенария балки нақшаи сенарӣ навишта мешавад. Журналист мавзуи барномаи

телевизиониро гуфта, дар раванди он хотираҳояшро варақгардон мекунад. Мисолҳои воқеӣ, лаҳзаҳои хотирмонро пеши назар оварда, хусусиятҳои хоси он замонро як-як хотиррасон мекунад. Дар ин ҳолат нуран алонур мегардад, агар ҳамсуҳбате, ки шоҳиди ин хотираҳои баранда бошаду гуфтаҳои ӯро тасдиқ намояд. Инчунин иловатан лаҳзаҳои нагуфта ва ё фаромӯш намудаи барандаро хотирнишон намояд. Ҳамин ба ёдбиёрӣ ва таҳлили мавзуи эссеи телевизионӣ дар ҳамҷоягӣ беҳтару нишонрастар аст, нисбат ба дар танҳои бурдани барнома. Иловатан ба баҳри исботи суханони баранда ва иштирокчиёни барнома ашёҳо, аксҳо ва видеонаворҳои таърихии он замонҳо мантиқан ба мавзуи суҳбат истифода бурда шаванд, эссеи телевизионӣ боз ҳам ҷолибу нишонрас хоҳад шуд. Барои намуна барномаеро, ки дар жанри эссе дар Телевизиони «Тоҷикистон» бо номи «Шифокорони пойтахт» [172] бо шоир, журналист ва устоди донишкада Чориёр Иброҳим ба эфир пахш гардидааст, баррасӣ мекунем.

Баранда суҳбатро оғоз мекунаду суханро ба Чориёр Иброҳим медиҳад, ки суҳбат ранги дигар мегирад. Зеро ҳамсуҳбат солҳо дар телевизион ҳамчун муҳаррири идораи барномаҳои адабӣ фаъолият карда, дорои таҷрибаи калони барандагӣ дорад. Лаҷоми суҳбатро ба даст гирифта, аз корномаҳои шифокорони машҳури пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон докторони илмҳои тиб, профессорон Фотеҳхон Исҳоқӣ, Минҳоҷ Ғуломов, Бахтиёр Ахмедов ва дигарон бо овардани мисолҳо як-як ба хотир оварда баён мекунад. Чунки барандаи ин суҳбатҳо худи Чориёр Иброҳим будааст. Дар баробари ин аз эҷоди хеш низ нисбати шифокорони шаҳри Душанбе шеърҳои худро қироат мекунад. Дар пеши назари тамошобинон симои бузургони шифокорони миллати тоҷик ҳувайдо мегарданд. Вақте ки ҳамсуҳбат хотираҳояшро бо ҷузъиёти майдатаринаш бо маҳорат нақл менамояд, хоҳ нохоҳ ба ин нақл тамошобин тавақҷуҳ менамояду аз он ба худ маълумоти муҳимеро дармеёбад. Ҳамин вижагии жанри эссе барои тамошобин таъсиргузор мегардад, ки ӯ барномаро бо шавқ то ба охир тамошо карда, аз он баҳравар гардад. Монанд ба ҳамин гуна барнома дар Телевизиони «Душанбе» низ дар жанри эссе барномаҳо таҳия

мегардиданд, ки махсусан барои тамошобинони калонсол мақбул ва ҷолиб буд. Ё ки мисоли дигар «Ҳар гоҳ, ки забоншиноси маъруфи тоҷик, доктори илмҳои филология, профессор Баҳриддин Камолиддинов дар бораи забони тоҷикӣ, истифодаи дурусти калимаҳо, имлои ин забон тариқи барномаи «Ҳусни баён» дар Муассисаи давлатии Телевизиони «Баҳористон» сухан мегӯяду аз хотираҳои худ забоншиносони гузаштаро ба ёд меорад, андешаи онҳоро дар бораи тозагии забони модарӣ мегӯяд, бинанда мафтуни гуфтаҳои ин устоди забардаст мегардад. Гуфтаҳои ӯ дергоҳ дар хотираш мемонад. Бобати тозагии забони модарӣ, риояи имлои забони тоҷикӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад» [70, с.33-34]. Дар ҳақиқат ҷалби шахсиятҳои номвари кишвар аз соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва бо ин ба хотир овардани лаҳзаҳои хотирмони бузургони миллат боиси аз таҷрибаи онҳо истифода бурдан ва мисли онҳо барои пешрафти соҳаи алоҳида ташаббускор шудани тамошобинонро далолат мекунад. Далолат ба он мекунад, ки инсон созанда, ободкор ва некбин бошад.

Хулоса, бо ба ёд овардани хотираҳо дар бораи шахсони бузурги миллат ва корномаҳои онҳо дар соҳаи тиб боиси инъикоси боз ҳам беҳтари масъалаҳои тиббӣ мегардад. Дар ин кор жанри эссеи телевизионӣ мададрасони барномаҳои соҳавии шабакаҳои телевизионӣ хоҳанд шуд.

Монанд ба жанрҳои лавҳа, очерк ва эссе жанри филми ҳуҷҷатӣ низ дар инъикоси корномаҳои шифокорон хеле мувофиқ аст. Аммо омӯзиши мавзуи таҳқиқшаванда дар шабакаҳои телевизионии ба таҳқиққашидашуда ба мушоҳида нарасиданд. Бо вуҷуди он истифодаи жанри филми ҳуҷҷатиро дар инъикоси мавзуъҳои соҳаи тиб муҳим шуморида, бобати махсусиятҳои ин жанр истода мегузарем, то дар оянда истифодаи он ба назар гирифта шавад. «Филме, ки барои телевизион таҳия мегардад барои тамошои чандинкарата офарида мешавад. Агар барои таҳияи намоиши телевизионӣ кинолента (пленка) дар лимити 1:3 ҷудо мешуд, барои таҳияи филми ҳуҷҷатӣ 1:5, 1:6 ва ҳатто 1:10 буд. Чунки қабул ва талабот ба сифату мундариҷаи филми ҳуҷҷатӣ хеле баланд аст» [74, с. 151]. Ҳангоме, ки калимаи филмро ба забон мегирем, аз ҳама пеш дар назари мо филми бадеӣ ҷилвагар мегардад. Аслан филми бадеӣ жанри санъат

буда, вижагиҳои ба худ хосро доро мебошад. Филми бадеиро бисёриҳо дӯст медоранд. Он аз рӯи асари бадеӣ бо тахайюлоти режиссёр офарида мешавад. Агар он дар асоси воқеаи таърихӣ, ҳақиқӣ гирифта шавад ҳам, вале номи қаҳрамон ва макони он иваз ва лаҳзаҳои пуркунандаи тахайюлоти коргардонӣ илова мегардад. Яъне аз публитсистика ба асари санъат мубаддал мешавад.

Вақте, ки телевизион пайдо шуд, имкони таҳияи филми ҳуҷҷатии телевизионӣ ба вуҷуд омад. Дар бораи шахс, воқеаҳо ва рӯйдодҳои муҳимми замон на намоиши телевизионӣ, ки барои як маротиба нишон додан, таҳия мегардид, балки барои даҳҳо маротиба пешниҳоди тамошобин гардонидани он филми ҳуҷҷатӣ ба навор гирифта мешуд. Бо риояи талаботи жанрҳои публитсистика, номи аслӣ, макони ҳақиқӣ ва танҳо бо иловаи бадеият. «Филми ҳуҷҷатӣ ба гурӯҳи жанрҳои публитсиситикаи бадеӣ дохил шуда, дорои хусусиятҳои хос мебошад. Он ба жанрҳои лавҳа ва очерк монанд буда, вале ба куллӣ аз онҳо фарқ мекунад. Дар филми ҳуҷҷатӣ қаҳрамонро актёр бозӣ намекунад мисли филми бадеӣ. Вале таҳиягарони филми ҳуҷҷатиро мебояд, ки чунон онро ба навор гиранд, ки сохта набошаду табиӣ барояд» [70, с. 52]. Аз рӯйи талаботи жанри филми ҳуҷҷатӣ ҳар як кадр мувофиқ ба сенария аз рӯи мантиқ ҷо ба ҷо карда мешавад. То бинанда бо ҳавас тамошо кунаду орзуи тамошои даъфаи дуюм намояд. Барои намуна, омадани аввалин поезд ба пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, ин лаҳзаи таърихиро наворбардор Василий Василевич Кузин соли 1929 ба навор гирифта, аввалин филми ҳуҷҷатии «Тоҷикфилм»-ро таҳия намуд. Ин лаҳзаи таърихӣ бе ягон сохтакорӣ наворбардорӣ гардидааст, ки барои ҳар як бинандаи тоҷик хурсандӣ мебахшад. Бо гузашти солҳо аҳаммият ва нотакрории ин лаҳзаи таърихӣ барои ояндагони миллати тоҷик ҳамчун лаҳзаи фараҳбахш боқӣ мемонад.

«Телевизион ба кино хеле шабоҳат дорад. Чунки дар кино асос навор (кадр) асту матн пуркунандаи он. Ин хусусиятро мо дар телевизион низ бараъло мебинем. Вале ҷанбаи публитсистии телевизион аз кино ба куллӣ фарқ мекунад. Дар кино, ки асари санъат аст мисли асарҳои адабиёт бофтаи муаллиф, коргардон (режиссёр) дида мешавад. Ҳарчанд, ки дар асоси воқеоти

реалӣ, қаҳрамони ҳақиқӣ офарида шуда бошад ҳам» [74, с. 153]. Дар филми бадеӣ агар нақши қаҳрамонро актёр бозӣ кунад, қаҳрамони филми ҳуҷҷатиро худи шахси ҳаётӣ дар ҷойи кору зиндагиаш аз тарафи наворбардор ба навор гирифта мешавад. Қаҳрамони филми ҳуҷҷатӣ вазифадор нест, ки нақши образеро бозӣ кунад. Баракс коргардону наворбардори филми ҳуҷҷатӣ вазифадоранд, ки бо ҳар роҳу восита ба тарзи табиӣ фаъолияти қаҳрамони филми ҳуҷҷатиро ба навор гиранд.

Масалан дар ҳолате, ки қаҳрамони филми ҳуҷҷатӣ мӯйи сараш сафед шудаасту режиссёр маҷбур мекунад, ки онро ранг карда сиёҳ намояд, қаҳрамони филми ҳуҷҷатӣ бо ин сохтакорӣ худро ноҳинҷор ҳис карда, табии будани худро аз даст медиҳад. Ин ба зарари филми ҳуҷҷатӣ хоҳад шуд. Зеро бо ин сохтакории ночаспон симои қаҳрамон ҷолиб нею баракс ғайритабиӣ инъикос гардида, боиси аз тарафи тамошобинон хуш қабул нагардидани филми ҳуҷҷатӣ мешавад. Чунки зарурат ба ин хел сохтакориҳо дар филми ҳуҷҷатӣ нест. Қаҳрамони филми ҳуҷҷатӣ образи бадеӣ набуда, шахси ҳаётӣ аст ва ҳоҷати аз ӯ актёр сохтан нест. Бинандаи филми ҳуҷҷатӣ тавассути қаҳрамони филм ҷойи рӯйдоди воқеа, лаҳзаҳои характерноки замони инъикосшавандаро дидан мехоҳад. Ҳамаи он ба таври табиӣ бе ягон сохтакорӣ бояд инъикос гардад. Вагарна лаҳзаи сохтакорӣ шуда, дарҳол маълум гашта ҳамчун дарбеҳи ночаспон ба мушоҳида мерасад.

Хулоса, жанри филми ҳуҷҷатӣ ҳамчун жанри публитсистикаи бадеии телевизион асоси публитсистӣ дошта, бадеият барои ҷолиб ва таъсирбахш баромадани мавод дар ҳадди муайян истифода мегардад. Чунки телевизион дар баробари воситаи ахбори омма будан ҷанбаи санъатро низ дораду аз махсусиятҳои жанри филми ҳуҷҷатӣ дар инъикоси корномаҳои шифокорон истифода бурдан дар ташаккулу пешрафти соҳаи тиб мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Бояд таъкид намуд, ки дар ҳама соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоии кишвар дар баробари ташаккулу пешравӣ камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд. Барои ислоҳи ин камбудиҳо жанрҳои алоҳидаи ҳаҷвии гурӯҳи жанрҳои

публитсистикаи бадеӣ: фелетон, памфлет ва пародия истифода бурда мешаванд. Вале дар мавзуи таҳқиқшаванда инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион (дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе») истифодаи жанрҳои болозикр ба мушоҳида намерасанд. Ҳол он ки тавассути истифодаи ин жанрҳо бисёр масъалаҳои ҳалталаби ин мавзуъро ба муҳокима кашида, роҳи ҳаллашро муайян карда, ба пешравиҳо ноил гардидан мумкин будмешуд. Бинобарон зарур шуморида мешавад, ки махсусиятҳои хоси ин жанрҳоро шаҳр дода, истифодаи онҳоро дар инъикоси мавзуъҳои тиббии барномаҳои соҳавӣ муҳим шуморида мешавад..

«Жанри фелетон ба гурӯҳи жанрҳои публитсистикаи бадеӣ дохил гардида, дар он зуҳуроти манфии ҳаёт, рафтори нодурусти инсон мазаммат ва маҳкум карда мешавад. Танқид дар аксарият жанрҳои публитсистӣ истифода бурда мешавад. Вале танқиди фелетон ба ҳаҷв такя мекунад ва аз дигар танқидҳо фарқ дорад. Рӯйдоди манфӣ тариқи ҳаҷв маҳкум карда мешавад, ки он ҳам ба эҳсос ва ҳам ба фикр таъсири амиқ мерасонад» [74, с.136]. Ин ифодакунандаи моҳияти бадеият ва публитсистии жанри фелетон ба ҳисоб меравад. Фелетон калимаи франсузии «feuilleton» буда, маънояш варақ мебошад. «Фелетон ин жанри асосии публитсистикаи ҳаҷвӣ ба ҳисоб меравад. Вай дар худ хусусиятҳои хоси тамоми гурӯҳи жанрҳои ҳаҷвиро дорост. Монанд ба очерк, дар фелетон озодии бештари тахайюли эҷодӣ дар таҳияи сохти композитсионии асар, инчунин интихоби усули тасвиру баён дида мешавад. Сабки баёни образӣ дар фелетон ба тарзи васеъ истифода мегардад» [108, с.207]. Махсусияти асосии фелетон дар он ифода меёбад, ки дар бораи инсони аниқу воқеаву рӯйдоди ҳақиқӣ таҳия гардида, рафтору кирдори манфии шахси муайян ошкор ва маҳкум карда мешавад. Мақсади асосии фелетон тавассути ҳаҷв маҳкум кардани кирдори манфии инсон мебошад. Вижагии дигари ин жанр дар он зоҳир меёбад, ки он дар асоси рӯйдоди нав, ки боиси омӯзиш ва санҷишу тафтиш нашудааст, таҳия мегардад. Маводди жанри фелетон ошкоркунандаи рӯйдод, воқеаи ошкорнашуда буда, аксаран барои санҷишу тафтиши мақомоти масъул сарчашма мешавад. Таҳиягари жанри фелетон чизҳои дидаву

омӯхтаашро тасвир мекунад, ки дар он таҳқиқ дида мешавад. Аз ин рӯ жанри фелетон ба жанри таҳқиқоти журналистӣ монанд аст. Вале фарқ дорад, чунки фелетон асосан ба ҳаҷв такя мекунад. Дар жанри фелетон танқиди ҳаҷвии як шахс ва ё якчанд нафар ба амал бароварда мешавад. Бинобарон хулосаи муаллиф бояд аз рӯи факт ва беғаразона бошад. Намунаи фелетони телевизионӣ дар солҳои 80-уми асри XX дар Телевизиони «Тоҷикистон» барномаи ҳаҷвӣ - танқидии «Ранда» ба шумор мерафт. Муҳаррир ва барандаи ин барнома журналисти варзида Карорматулло Аҳмадов буд, ки бо ҳаҷву танқидҳои тези худ мухлисони зиёди барномаи худро пайдо карда буд. Бо забони русӣ дар ҳамон солҳо барномаи журналисти касбӣ Сергей Ситковский бо номи «Негатив» ба эфир мебаромад, ки мақбули бинандагон мегашт. Дар ин барномаҳои ҳаҷвӣ гоҳ-гоҳе камбудиҳои соҳаи тиббии кишвар низ инъикос мегардид.

Дар жанри памфлет мақсад танқид намудани зуҳуроти манфие набуда, балки маҳкум намудани он аст. Маънии калимаи памфлет ҳама чизро месӯзонам мебошад. Мақсади муаллифи панфлет тарбия ва ҳимоя кардан набуда, балки шармсор ва маҳкум кардан мебошад. Дар ин бора профессор И. Усмонов хеле хуб гуфтааст: «Ба шеваи оддӣ танқид карда ин «чиз бад” гуфтан, памфлет намешавад. Памфлет танқид не, балки маҳкум кардан аст ва ин бо сабке анҷом дода мешавад, ки он муассир бошад, бовар кунонад. Аз ин сабаб бисёр вақт дар памфлет киноя ва тамасхӯр истифода бурда мешавад, яъне усули ҳаҷв (сатира) усули навиштани памфлет аст» [116, с.121]. Памфлет ҳангоме таҳия карда мешавад, ки муаллиф воқеа ва ё ҳодисаи номатлубро мебинад ва барои нест кардани он кушиш мекунад. Мавзуҳои памфлет бадахлоқӣ, иғвогарӣ, нашъамандӣ, ҷанг ва ғайраҳо буда метавонад.

Дар жанри памфлет унсурҳои публитсистиву бадеӣ истифода мешаванд. Воқеаи инъикосшаванда дар памфлет ҳақиқӣ буда, сохта буда наметавонад. Мавзуъҳои нашъамандӣ, фоҳишагариро, ки оқибати хеле бад нисбати саломатии инсон доранд, метавон тариқи жанри памфлет инъикос ва маҳкум намуд. Мутассифона дар шабакаҳои телевизионии таҳқиқшаванда дар ин жанр маводе ба таҳия нарасидааст.

Жанри пародия ҳадафаш бо тамасхӯр ошкор ва маҳкум намудани камбудиҳо аст. Жанри пародияро бо тақлид ва нақиза ҳаммаъно фаҳмидан ғалат мебошад. Дар пародия пайравӣ танҳо дар шакл набуда, нуктадонӣ ва нуктасанҷӣ ва хеле нозукона тамасхур карда тавонистан муҳим аст. Пародия жанрест, ки на худи воқеаро, балки тарзи инъикоси воқеаро тамасхур мекунад. Нодуруст инъикос шудани воқеа дар мавод бо тарзи дар аввал айнан овардани ҳамон ҷои мавод ба тарзи иқтибос ва дар ҳамон қолаб тамасхур намудан, ба амал бароварда мешавад. Пародия хислати маҳкумкунӣ ва масхара намудан дорад.

Махсусияти публитсистии пародия тамасхури камбудӣ мебошад, ки бо тарзи муболиға, иғроқ, ришханд амалӣ карда мешавад. Пародия жанри ҳаҷвӣ асту ба гурӯҳи жанрҳои публитсистикаи бадеӣ дохил мешавад. Дар пародия шахси аниқ, ки камбудӣ дорад, тамасхур карда мешавад. «Пародия танқид нест, хандаи ҳамкасб аст» [116, с. 126]. Ин тамасхурест, ки онро танҳо журналистони касбӣ метавонанд, эҷод намоянд. Пародия хусусияти публитсистӣ ва бадеӣ дорад. Арзиши публитсистӣ воқеӣ будан, тамасхури камбудӣ мебошад. Боиси таасуф аст, ки баррасии мавзуи таҳқиқшаванда дар шабакаҳои телевизионии ба таҳқиққашидашуда, истифодаи ин жанрро ба мушоҳида нарасиданд. Ҳол он ки бо истифодаи жанри пародия дар соҳаи тиб низ нисбати бартараф намудани камбудиҳои шифокорони алоҳида ба натиҷаҳои хуб расидан мумкин буд.

Хулоса, тавассути истифодаи гурӯҳи жанрҳои публитсистикаи бадеии телевизион: лавҳа, очерк ва эссе инъикоси корномаҳои шифокорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ ба назар мерасад. Аммо аз жанрҳои дигари ин гурӯҳ: фелетон, памфлет ва пародия бобати ба ҳаҷв кашидани камбудиҳои соҳа истифода нашудааст. Ҳол он ки бо истифодаи ин жанрҳо хеле камбудиҳои соҳа ҳалли худро меёфтанд. Бо вуҷуди ин вижагиҳои жанрии ин гурӯҳ дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ ба хубӣ эҳсос мегардад.

Вобаста ба истифодаи жанрҳои иттилооотӣ, таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеӣ дар инъикоси масъалаҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавӣ зарур шуморида мешавад, ки бобати тарзи пешниҳоди онҳо низ, ки хеле муҳим мебошад

мухтасаран ибрози андеша карда шавад. «Дар телевизион тарзи пешниҳоди мавод аз муҳимтарин ҷузъиёти корӣ ба ҳисоб рафта, дар ҷалби бинанда ва ба ҳадаф расидани мақсади офарандагони барномаи телевизионӣ нақши муҳимро мебозад. Дар ин ҷо ба маврид аст, таъкид бояд кард, ки телевизион аз рӯи табиати хеш бештар аз матн дида ба навор ниёзмандтар аст. Агар дар матбуот асос матн ва сурат пуркунандаи он бошад, дар радио асос садое, ки аз рӯи матн омода мешаваду мусиқӣ ва интершум пуркунандаи он мегардад. Дар телевизион бошад, матн садо ба ҷои дуюм фаромада, видеонавор (кадр) ба ҷои аввал мебарояд. Матн ҳамчун пуркунандаи видеонавор ба кор меравад. Аз ин рӯ ҳангоми эҷоди барнома ин хусусиятҳои хоси телевизионро ба ҳисоб гирифта, вобаста ба он эҷод бояд кард» [74, с. 157]. Матн бештар тариқи баромад низ дар барномаҳои соҳавӣ истифода мегардад. Аз ин рӯ дар ҳама жанрҳои телевизион баромад истифода мешавад. Баромад дар шакли монолог ҷузъи муҳимми барномаҳои телевизионӣ буда, он васеъ истифода мегардад. Баромад дар жанрҳои хабар, ҳисобот, репортаж, тафсир, нигориш ва намоиш (мухбирнома) васеъ истифода гардида, дар жанрҳои боқимонда аҳён-аҳён дучор меояд. Ҳамагуна муроҷиати инсон ба оммаи мардум аз тариқи экрани телевизион, вақте ки ин одам объекти асосии пешниҳод аст, баромад дар кадр аст. «Баромад ин жанр набуда, балки шакл, тарзи ба бинанда пешниҳод намудани хабар аст» [54, с. 179]. Аз иттилои хабари кӯтоҳ (хабари таъҷилии журналист аз ҷойи воқеа) то филми мустанад, ки дар он баромади инсон истифода мегардад, ин ҳама баромад дар кадр аст. Баромад агар берун аз студия бошад, метавонад бо кадрҳои видеоӣ, суратҳо, маводи графикӣ, ҳуҷҷатҳо пӯшонда шавад. Мумкин аст, ки муҳити иҳоташаванда низ нишон дода шавад. Аммо мундариҷаи асосии баромадро монологи инсон ташкил медиҳад, ки он на танҳо хабари мушаххас балки муносибати ин шахсро ба ин хабар низ ифода мекунад. Баромад ҳамчун яке аз намудҳои санъати наттоқӣ аз замонҳои қадим маълум буда, то ба имрӯз ҳамчун воситаи пурқуввати таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ истифода мешавад. Чун дар театр, кино ва радио баромади инсон муҳимтарин ҷузъи асари пешниҳодшаванда ба ҳисоб рафта, бе он тасаввури

онҳо ғайриимкон мебошад. Маҳз аз замонҳои қадим ширинкорон бо баромади хеш дар назди мардум диққати умумро ба худ мекашиданд. Ё ки шеърхониву сурудсароӣ низ маҳз бо баромад дар назди мардум мақбули ҳамагон мегашт. Ҳатто дар радио ҳарчанд, ки мо шахси баромадкунадаро дида наметавонем, аммо аз баромади он дарк мекунем, ки ӯ хонда истодааст ва ё аз худ мегӯяд. Баромади касбӣ санъатест, ки на ҳар кас онро доро мебошад. Аз ин рӯ шахсони хушсуханро дар байни мардум эҳтиром намуда, ҳамчун суҳбаторо садри ҷамъомад интихоб мекунанд, то ки ҷамъомаду ҷашну маракаҳо хуш гузаранд. Вақте ки шабакаи телевизионӣ таъсис ёфта, ба фаъолият шуруъ кард, баромади шахс ҳамчун хабардиҳандаи иттилои нав, таҳлилгари рӯйдоду воқеа ва навигариҳо ва инъикосгари бадеъият ҷойи махсусро соҳиб гардид. Ба истиснои чанд жанрҳо боқӣ тамоми журналистикаи телевизионро баромади шахс ҷузъи муҳимтарини барнома гардида, бе он тасаввури маводди телевизионӣ ғайриимкон аст. Баромади озод, табиӣ ва мантиқии шахс дар барномаи телевизионӣ чӣ хабар бошаду, чӣ таҳлил ва ё чӣ бадеият дарҳол диққати бинандаро ба худ ҷалб мекунад. Дар телевизион се тарзи баромад дар кадр вуҷуд дорад:

– баромади матнӣ, ки онро худи баромадкунанда навишта асту муҳаррири телевизион онро таҳрир кардааст;

– баромади тезисӣ, монанд ба нақшаи сенариявӣ, ки мундариҷаи баромад ва хусусияти намоишдиҳӣ ба тарзи мухтасар навишта шудааст;

– баромаде, ки дар он пешакӣ фақат мавзуъ ва вақту муҳлати баромад муайян карда шудааст. Бе истифодаи ин намудҳои баромад журналистикаи телевизионро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар баробари ин бемаврид истифодаи баромад боиси дилгиркунанда ва мақбули тамошобинон нагардидани барномаҳои телевизионӣ мегардад.

Дар телевизион ду тарзи пешниҳоди мавод истифода мегардад. Якум намоиши пурра сабт карда шуда, дуюм намоиши мустақим пешниҳодшаванда. Дар байни воситаҳои ахбори омма шакли пешниҳоди мустақими барнома бештар ба телевизион хос аст. Табиати телевизион, ки навори табииро

меписандад, бо ин диққати тамошобинро намоиши мустақим дарҳол ба хеш ҷалб мекунад. Махсусиятҳои хоси барномаи мустақими телевизионӣ пеш аз ҳама дар масъулияти баланди баранда ва иштирокчиён эҳсос мегардад. Бинанда дарк мекунад, ки барнома худи ҳамин ҳозир ба эфир пахш шуда истодааст.Зеро ҳар як калима аз даҳони баранда ва иштирокчиёни барнома бо масъулият, бо андеша, табиӣ баён мегарданд. Дар ҳолати ба ҳаяҷон омадан ва ғалат кардан ҳам, қимати барнома кам нагашта баракс боварии бинандаро боло мебардорад. Чунки ин ҳолат дар пеши назари тамошобин рух медиҳад ва он таваҷҷуҳи бинандаро ба барнома зиёдтар мегардонад. Дар фаҳмиши барномаи мустақими телевизионӣ ғалатфаҳмӣ ба мушоҳида мерасад. Бе асос барномаи мустақимро жанри алоҳидаи телевизионӣ маънидод намудан ба назар мерасад. Ҳол он ки дар телевизион барномаи мустақим шакл, тарз ва ё намуди пешниҳоди мавод ба ҳисоб меравад.

Шакли мустақими пешниҳоди маводди телевизионӣ дар ҳар сеи гурӯҳи жанрҳо: иттилоотӣ, таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеӣ истифода мегардад. Дар таҷрибаи телевизионӣ аз ҳама бештар тарзи пешниҳоди мустақим барои барномаҳои иттилоотӣ истифода мегардад. Мисоли ин барномаҳои хабарии «Новости» ва «Время»- и «Первый канал»-и Россиян, «Вести» – и РТР, «Ахбор»-и ТВ «Тоҷикистон», «Навид»-и ТВ «Сафина», «Хабар» -и ТВ «Ҷаҳоннамо» шуда метавонанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки вақте ҷараёни рӯйдоди муҳим ба тарзи мустақим пешниҳод мешавад, бинандаи зиёд дорад.

Истифодаи шакли мустақими барнома дар жанрҳои таҳлилӣ барои ба саволҳои бо тариқи телефон, почтаи электронӣ ва SMS дар давоми барнома дохил шудаи бинандагон ҷавоб гуфтан, васеъ истифода бурда мешавад. Намунаи ин барномаҳои телевизионӣ бо унвонҳои «Гуфтугӯи мустақими телевизионӣ» ва «Тамос» аз ТВ «Тоҷикистон», «Рӯ ба рӯ» ва «Инсон ва қонун» аз ТВ «Пойтахт» (ҳоло ТВ «Душанбе») шуда метавонанд. Дар ин гуна барномаҳои мустақими таҳлилӣ бештар ба саволҳои ба барнома дохил шуда ҷавоб ва шарҳ додан ба назар мерасанд.

Истифодаи тарзи мустақими барномаи телевизионӣ дар жанрҳои публитсистикаи бадеӣ вақтҳои охир васеъ ба кор бурда мешаванд. Вобаста ба ҷашнҳову санаҳои таърихӣ ва маъракаҳои сиёсӣ ба барнома шахсони шинохтаи ҷумҳурӣ, шоирону нависандагон, олимон, актёрону ҳофизони машҳур даъват мешаванд. Онҳо андешаҳои худро вобаста ба мавзуъ баён намуда, инчунин ба саволҳои бинандагон ҷавоб мегӯянд. Барои ҷолиб ва шавқовар гардидани барнома агар ҳунарманд бошанд, ҳунарнамоӣ низ мекунанд. Дар ин гуна барномаи мустақим ҷузъҳои жанрҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ низ истифода мегарданд, ки ин омехташавии жанрҳо набуда, баракс боиси ҷолиб баромадани барнома ва бештар характери бадеӣ гирифтани он мегардад. Ин гуна намоишҳо ба жанри шоубарнома тааллуқ доранд.

Тамошобин барои ба саволи худ ҷавоб гирифтан суол медиҳад. Мутахассис, шахси масъули соҳа ва ё ҳуқуқшинос ба он ҷавоб мегӯяд. Барандаи барномаи мустақим (журналист) паҳлуҳои ноаёни саволи додашударо бо саволи иловагӣ пурсон мешаваду андешаи хешро низ илова мекунад. Бо ҷавоби мутахассис баррасӣ, таҳлил ва муҳокимаи масъала ба амал меояд. Бо ин восита натанҳо як тамошобин ба суоли хеш ҷавоб мегирад, балки чандин тамошобинони дигар низ аз он бохабар гардида, маълумоти иловагӣ мегиранд. Ин хел барномаҳои мустақим ҳамеша тамошобинони хешро доранд. Як ҷиҳати хоси ин гуна барномаҳои мустақим дар он зоҳир мегардад, ки шахсони дар барнома иштирок мекарда, пешакӣ танҳо мавзуи барномаро медонанду халос. Саволҳо дар давоми барнома аз тарафи тамошобинон дода мешаванд, ки онро пешакӣ касе намедонад. Ана ҳамин то андозае, боиси бо масъулияти ҷиддӣ омодагӣ дидан ва санҷиши дониш ва то чӣ андоза соҳаро донистани шахсони масъулро нишон медиҳад. Аз ҳама муҳим барнома барои бинанда шавқовар, диданбоб мегардад. Барои боз ҳам беҳтар баромадани барнома таҳиягарон метавонанд, пешакӣ вобаста ба мавзуи барнома видеосавол ва ё видеоандешаи бинандагонро омода сохта, онро дар давоми барнома дар ҷои лозимӣ истифода баранд. Истифодаи тарзи мустақими барномаи телевизионӣ дар жанрҳои публитсистикаи бадеӣ вақтҳои охир васеъ ба кор бурда мешаванд. Вобаста ба

ҷашнҳову санаҳои таърихӣ ва маъракаҳои сиёсӣ ба барнома шахсони шинохтаи ҷумҳурӣ, шоирону нависандагон, олимон, актёрону ҳофизони машҳур даъват мешаванд. Онҳо андешаҳои худро вобаста ба мавзуъ баён намуда, инчунин ба саволҳои бинандагон ҷавоб мегӯянд. Барои ҷолиб ва шавқовар гардидани барнома агар ҳунарманд бошанд ҳунарнамоӣ низ мекунанд. Дар ин гуна барномаи мустақим ҷузъҳои жанрҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ низ истифода мегарданд, ки ин омехташавии жанрҳо набуда, баракс боиси ҷолиб баромадани барнома ва бештар характери бадеӣ гирифтани он мегардад. Ин гуна намоишҳо ба жанри шоубарнома тааллуқ доранд. Барандаи барномаи мустақими телевизионӣ шахсе бояд бошад, ки ботаҷриба ва касбӣ. Дар ҳолати аз кор баромадани таҷҳизоти техникӣ худро гум накарда, вобаста ба ҳолати рух дода сухане гуфта, барномаро давом диҳад. Ва ё дар ҳолати суханро гум кардани иштирокчиёни барнома ба онҳо кӯмаки хешро расонида, онҳоро аз ҳолати ногувор бароварда тавонад.

Хулоса, мустақиман ба эфир додани намоиш ва ё барномаи телевизионӣ ин жанри алоҳида набуда, балки шакл, тарз ва намуди пешниҳоди маводди телевизионӣ мебошад. Жанрҳои алоҳидаи иттилоотӣ, таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеӣ, ки мустақиман ба тамошобинон намоиш дода мешаванд, бештар ҷолиб, тамошобоб ва диққатҷалбкунанда мебароянд. Чунки табиати телевизион маводи табиӣ, ҳозиррӯйдиҳанда, зинда ва ҳақиқиро, ки бо тарзи мустақим пешниҳод мегардад мепарастад. Имконияти мустақиман пахш намудани мавод дар байни ВАО танҳо ба телевизион ва радио хос мебошад. Радио, ки танҳо имкони пешниҳоди овозро дораду халос, дар ин ҷода имкониятҳои телевизион васеъ мебошанд. Ҳам овоз ва ҳам сурат дар лаҳзаи ҳақиқӣ манзури тамошобин мегардад.

ХУЛОСА

Омузиш ва пажуҳиши мавзуи инъикоси масъалаҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизиони тоҷик ба мо маълум кард, ки барномаҳои соҳавии тиббӣ дар баробари шаклан бо дигар барномаҳо умумият доштан, боз махсусиятҳои хоси худро доранд. Модели журналистикаи соҳавии тиббӣ махсус доир ба ин соҳаи муҳимми иҷтимоӣ дахл дошта, аз дигар барномаҳои телевизионӣ фарқ мекунад. Дар ин намуд барномаҳои соҳавӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба соҳаи тандурустӣ нигаронидашуда, мутахассисони соҳа ҳамчун барандаи барнома интихоб гардида, инчунин мутахассисони варзидаи соҳаи тиб ба барнома даъват карда шудаанд, ки дар пешниҳод ва фаҳмондадиҳии мавзуи барнома диққатҷалбкунандагӣ, нишонрас гардидан ва ба бинандагон фаҳмо шудан нақши муҳим бозидааст.

Таҳқиқ инчунин нишон дод, ки инъикоси масъалаҳои тандурустӣ дар Телевизиони тоҷик тариқи барномаи алоҳидаи соҳавӣ аз моҳи ноябри соли 1964 зери унвонии «Тандурустӣ» манзури тамошобинон гардидааст. Ин барномаи соҳавӣ аввал бо забони русӣ ва баъд бо забони тоҷикӣ пешниҳоди бинандаҳо шудааст. Ин барнома дар шакли журнали телевизионӣ аз чанд саҳифаи ба соҳаи тиб бахшидашуда иборат буда, моҳе як маротиба дар ҳаҷми то 30 дақиқа таҳия ва манзури тамошобинон гардонида шудааст. Такроран намоиш додани он низ ба амал бароварда шудааст.

Инчунин аз пажуҳиши мавзуи инъикоси масъалаҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизионҳои тоҷик дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулоса омадем, ки ба инъикоси ин мавзуи муҳимми иҷтимоӣ дар натиҷаи таҳаввулоти фазои иттилоотии кишвар ва ташаккулу рушди шабакаҳои телевизиониву технологияҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳ бештар гардида, дар тамоми шабакаҳои телевизионии ҷумҳури аз як то чанд барномаи соҳаи тандурустӣ таҳия ва пешниҳоди тамошобинон гардонида шудааст. Масъалаҳои гуногуни соҳа натанҳо мавзуъҳои пешгириву табобати бемориҳо, балки мавзуъҳои тарзи ҳаёти солим, мушкилоту камбудиҳои соҳа дар барномаҳои соҳавӣ марбут ба

тиб, навигариҳову пешрафти соҳа ва фидокориҳои шифокорон таҷассуми худро дарёфтаанд. Яъне Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият ба миён овардааст, ки инъикоси васеи паҳлуҳои гуногуни соҳаи тиб тариқи барномаҳои соҳавӣ ба роҳ монда шаванд.

Дар хулоса зарур мешуморем, ки кӯтоҳ доир ба марҳилаҳои таҳқиқи рисолаи диссертатсионии хеш низ гуфта гузарем:

Марҳилаи якум (соли 2022). Дар марҳилаи аввал корҳои ҷамъоварии маводди амалӣ ва назариявӣ оид ба мавзуи пажуҳиш ба роҳ монда шуд. Дар ҳамин давра адабиёти марбут ба таърихи телевизиони тоҷик, барномаҳои соҳавӣ ва хусусан барномаҳои соҳавии инъикоси мавзуъҳои тиббӣ мавриди омузиш қарор гирифтанд. Ҳамчунин манбаъҳои хориҷӣ, ки ба масъалаҳои мавзуи пажуҳиш алоқаманд мебошанд, мавриди омузиш қарор дода шуданд. Дар натиҷа ҳадафи асосии таҳқиқот ва объекти пажуҳиш аниқ карда шуданд.

Марҳилаи дуюм (соли 2023). Дар ин марҳила асосҳои консептуалии пажуҳиш шакл гирифта, афзалиятҳои назариявӣ ва методологии он муайян карда шуданд. Сохтори мундариҷавии диссертатсия тарҳрезӣ гардида, пайдарҳамии нуктаҳои асосии таҳқиқ муайян карда шуданд. Хулосаҳои аввалияи илмӣ ба даст овардашуда, имконияти таҳлилу баррасии амиқ ва систематикӣ ба ба миён омад.

Марҳилаи сеюм (соли 2024). Дар марҳилаи охир ҷараёни низоммандсозӣ ва омузишу таҳлили интиқодии маводди ҷамъоваришуда ба анҷом расонида шуданд. Хулосакунии нуқтаҳои асосии илмӣ ба анҷом расонидашуда, натиҷаҳои илмӣ ва тавсияҳо дақиқ карда шуданд. Дар ҳамин асос матни ниҳоии диссертатсия таҳия кардашуда, тибқи меъёрҳои талабот ба расмият дароварда шуданд. Дар натиҷа кори диссертатсионӣ дар шакли илмӣ фаҳмо ва равшан гардид.

Ҳамин тариқ, дар таҳқиқи худ моҳият ва фаҳмиши инъикоси масъалаҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизиони тоҷик, заминаҳои пайдоиши ин намуди барномаҳои соҳавӣ, ташаккулу таҳаввули он, мушкилоту камбудиҳо, навовариву пешрафти кормандони шабакаҳои телевизионӣ дар инъикоси

масъалаҳои тибби тоҷик, таъсири замони ҷаҳонишавӣ ва масоили дигари ба он алоқамандро пажуҳиш намудем.

Хулоса, пажуҳишу омӯзиш ва таҳлилҳои мавзуи «Инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион (дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе»)», ки такя ба барномаҳои соҳавии соҳаи тиб аз замони пайдоиши Телевизиони «Тоҷикистон» ва Телевизиони «Душанбе» то ба имрӯзро дарбар мегирад, баъди таҳқиқи ҳаматарафаи илмӣ бо такя ба асарҳо илмии олимони ватаниву хориҷии соҳа, моро ба чунин натиҷагириҳо овард:

1. Вазъи сиёсиву фарҳангии солҳои шастуми асри XX, зарурияти иҷтимоиву миллӣ заминагузори пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули барномаҳои соҳавии мавзуъҳои тиббӣ дар телевизиони тоҷик гардидааст. Минбаъд бо истиқлолияти давлатиро ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсиси шабакаҳои телевизиони соҳавӣ сабаби аз тобеияту маҳдудиятҳои идеологиву сиёсии шуравӣ баромадани Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси раванди таъсис ва ташаккули барномаҳои соҳавӣ дар мавзуъҳои тиббӣ шудааст. Омилҳои қайдгардида боиси шаклгирӣ ва ташаккули минбаъдаи барномаҳои соҳавии тиббӣ дар телевизион таҳкурсии воқеӣ ва касбӣ ба амал оварда, оҳиста-оҳиста ҷалби доираи васеи тамошобинонро ба телевизион зиёд кардааст. Аз ин бобат, имконияти таърихӣ баҳри танзими сохтори мундариҷавӣ ва жанрии барномаҳои соҳавии тиббиро, ки асоси онро ташвиқи пешгирӣ, корҳои фаҳмондадиҳии профилактикӣ ва ҳифзи сиҳатии аҳолии ҷумҳуриро ташкил медиҳад, шароити мувофиқ ва имкониятҳои касбиятро ба вуҷуд оварда онро вусъат бахшидааст. Зери таъсири ин ҷараён инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон тавонистааст фазои иттилоотиро ба манфиати пешгириву ҳифзи сиҳатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва доираи васеи бинандагон вусъат бахшад [1-М; 2-М].

2. Яке аз сабабҳои таъсиргузори ҷараёни ташаккули барномаҳои соҳавии мавзуъҳои тиббӣ дар телевизионҳои тоҷик соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба тавсеаи фазои иттилоотии ҷумҳурӣ, кафолатҳои қонунӣ дар қабули қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти ВАО, махсусан ВЭАО (воситаи электронии ахбори

омма) дар мисоли шабакаи телевизионӣ, таваҷҷуҳи сокинони кишвар ба телевизион шудааст, ки заминаи воқеиро барои фаъолияти нишонраси телевизион муайян кардааст [1-М; 5-М].

3. Марҳилаҳои ташаккули барномаҳои соҳавии мавзуъҳои тиббӣ дар телевизионҳои тоҷикро пайдоиши телевизион дар Тоҷикистону бо ин пайдоиши барномаҳои соҳавӣ, дигаргуниҳои замони бозсозӣ, давраи баъди ба Истиқлолияти давлатӣ соҳиб гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистону бо ин таъсиси шабакаҳои зиёди телевизионӣ мушаххас сохта, дар давоми солҳо ду марҳилаи муҳимми шаклгирӣ ва ташаккули барномаҳои соҳавии мавзуъҳои тиббӣ ба назар мерасад, ки солҳои 1959-1991 ва аз охири соли 1991 то имрӯзҳоро дар бар мегирад [1-М; 4-М].

4. Муқоисаи фаъолияти шабакаҳои телевизионӣ дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавӣ дар ҳар давра баёнгари ташаккули чашмраси барномаҳои соҳавии телевизион дар пахши хабарҳои муҳим ва баррасии озодона буда, дар ҳар давра телевизион тавонистааст, дар баробари навигариҳои тиб ва шарҳу эзоҳи онҳо, оид ба фаъолияти муассисаҳои тандурустии кишвар, тавсеа бахшидани сатҳи интиқод аз камбудиву норасоиҳои соҳаи тандурустӣ ва ғайра барномаҳои телевизионии таъсиргузорро пешниҳоди тамошобинон гардонад. Ин далели таҳким ёфтан дар таҷрибаи амалии барномаҳои соҳавии тиббӣ дар марҳилаҳои гуногуни фаъолияти телевизионҳои тоҷик дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Душанбе» мебошад [4-М].

5. Дар шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Душанбе» мушкилоти соҳаи тиб дар ҷумҳурӣ ҳақиқатнигорона инъикос шуда, тавассути он телевизион муваффақ гардидааст, ки бо хабари муҳиму дақиқ оид ба масъалаҳои тиббӣ, аз ҳама пеш ба афкори аҳолӣ, баъд, ба фаъолияти сохторҳои масъул бобати ислоҳи камбудиҳои мавҷуда таъсир расонад. Дар инъикоси ингуна масъалаҳо телевизион бештар бо диди рӯзноманигорони худӣ такя намуда, воқеияти камбудиҳои мавҷудаи соҳаи тибро инъикос намудааст, ки ҷараёни хоси хабаррасонӣ мебошад [5-М].

6. Жанрҳои иттилоотӣ, аз ҷумла, хабар, ҳисобот ва мусоҳиба дар барномаҳои хабарии шабакаҳои телевизионӣ мавқеи ба худ хос дошта, кормандони эҷодии телевизион тавонистаанд тавассути ин жанрҳо тамошобинонро аз рӯйдодҳо ва навигариҳои соҳаи тиббии ватаниву хориҷӣ саривақт огоҳ намоянд. Истифодаи ин жанрҳо шароити мусоид ба миён овардааст, ки рӯйдодҳои муҳим ва мушкилоти масъалаҳои соҳаи ҷудогона дар шабакаҳои телевизионӣ ҳадафмандона инъикос карда шаванд. Истифодаи мақсадноки гурӯҳи жанрҳои хабарӣ беҳтарин усули иттилорасонӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи тамошобинон ба телевизион шуда, шакли таҳия ва ба воситаи эфири телевизион пешниҳоди тамошобинон намудани он натиҷаи касбияти журналистонро нишон медиҳад [2-М; 5-М].

7. Пажуҳиш ва таҳлили хусусиятҳои жанрии мавзуи инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизионҳои тоҷик дар мисоли телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе» маълум кард, ки истифодаи гурӯҳи жанрҳои таҳлилии журналистикаи телевизион дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии шабакаҳои телевизионӣ аз хусусияти фаъолияти кормандони шабакаҳои телевизионӣ буда, ин ҷараён ба рангорангии гуногуни жанрӣ ва нишонрасии инъикоси мавзуъҳои тиббӣ мусоидат намудааст. Гурӯҳи жанрҳои таҳлилии телевизионӣ аз саршавии таҳияи барномаҳои соҳавии тиббӣ то ба ҳол дар шабакаи телевизионӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол намуда, воситаи муҳимми таъсиргузор ва нишонрас дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ гардидааст. Барномаҳои телевизионие, ки дар гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ тариқи шабакаҳои телевизионӣ ба эфир пахш шудаанд, бо тарзи баёни оммафаҳм, овардани мисолҳои ҳаётӣ аз таҷрибаи зиндагӣ, нишон додани роҳҳои пешгирии бемориҳо, тарзи табобати онҳо ва риояи талаботи тарзи ҳаёти солим, дараҷаи хулосабарориҳои мантиқӣ ва усули нигоришу корбурди воситаҳои баёну тасвир барои бинандагон нишонрас ва ҷолибу фаҳмо гардидаанд. Барномаҳои соҳавии ба мавзуъҳои тиббӣ бахшидашудаи телевизионӣ дар ҳамаи марҳилаҳои пешниҳоди бинандагон шуданашон асосан ба воситаи гурӯҳи жанрҳои таҳлилии тафсир, суҳбат, намоиши телевизионӣ (мухбирнома) манзури

бинандагон гардонида шудаанд. Дар интихоб ва истифодаи ин жанрҳо дар таҷрибаи телевизион омилҳои касбият ва ҷалби мутахассисони варзидаи соҳаи тиб, нақши муҳим ва таъсиргузор доштаанд [3-М; 5-М; 6-М].

8. Баррасӣ, омӯзиш ва таҳқиқи истифодаи гурӯҳи жанрҳои публитсистикаи бадеии телевизион дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ нишон дод, ки журналистони шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Душанбе» асосан дар жанрҳои лавҳа, очерк ва эссе барномаҳо таҳия намуда, манзури тамошобинон гардонидаанд. Аз жанрҳои фелетон, памфлет, пародия, ки ба гурӯҳи жанрҳои публитсистикаи бадеии телевизион дохил мебошанд умуман истифода бурда нашудааст. Ҳол он ки дар соҳаи тиббӣ низ камбудиву норасоиҳо ба мушоҳида мерасанду бо истифодаи ҳачв, дар назар аст истифодаи жанрҳои дар боло зикршуда масъулин ба ислоҳи камбудиҳо даъват карда мешуданд [2-М; 4- М].

9. Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, ҷараёни ҷаҳонишавӣ, хатарҳои чашмноинтизори ҳаёти пурталотуми имрӯза водор месозад, ки дар пешгирӣ, огоҳонидан, тарбияи тарзи ҳаёти солим, нишон додани роҳҳои пешгирӣ ва табобати бемориҳо дар кишвар ба воситаи тамоми воситаҳои ахбори омма, махсусан тавассути воситаҳои электронии ахбори оммаи дастраси аксарият дар мисоли шабакаҳои телевизионӣ таҳия ва пешниҳоди барномаҳои соҳавии касбиёнаи мавзуъҳои тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вусъат бахшида шаванд [4-М].

10. Баъди соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи телевизион рушд намуда, дар ҷумҳурӣ якқатор шабакаҳои телевизионии соҳавӣ таъсис ва ба фаъолият оғоз намуданд, ки дар пешрафту ташаккули соҳаҳои алоҳида саҳм гузошта истодаанд. Соҳаи тиб, яке аз соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, пешрафт ва ташаккули тамоми соҳаҳои дигар то андозае ба ин соҳа вобастагии қавӣ доранд. Зеро сиҳатии миллат омили тамоми пешравиҳову ташаккули давлату миллати тоҷик ва пойдориву мустаҳкамии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Вобаста ба ин вақти он расидааст, ки дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон шабакаи Телевизионии соҳавии «Тандурустӣ» таъсис дода шавад, ки шабонарӯзӣ бо барномаҳои соҳавии хеш баҳри пешгирӣ, табобати бемориҳо ва интихоби тарзи ҳаёти солим тамошобинонро талқин намояд. То тамошобинон тавонанд, шабонарӯзӣ аз як шабакаи телевизиони соҳавии «Тандурустӣ» нисбати суолҳои хеш аз мутахассисони варзидаи соҳаи тиб ҷавобҳои муътамад гиранд [1-М; 5-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз баррасӣ, таҳлил ва таҳқиқи анҷомдода маълум мешавад, ки мавзуи инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизиони тоҷик то ҳол мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор дода нашудааст. Доираи баҳси ин мавзуъ хеле васеъ буда, дар атрофи он метавон пажуҳишҳои алоҳидаи дигар низ анҷом дод. Бо назардошти мушаххасоти мавзуи таҳқиқ дар кори диссертатсионӣ кӯшиш ба амал оварда шудааст, ки омилҳои пайдоиш ва марҳилаҳои ташаккулу таҳаввули инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизиони тоҷик, махсусиятҳои жанриву сохтории барномаҳои соҳавии телевизионӣ дар мавзуъҳои тиббӣ ва истифодаи жанрҳои иттилоотиву таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шаванд. Инчунин, дар заминаи хулосакуниву натиҷагириҳо аз таҳқиқи мавзуи мазкур барои истифодаи амалии он баъзе тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Кори диссертатсионии мазкур барои муҳаққиқон ва унвонҷӯёни дараҷаҳои илмии журналистикаи телевизион дар барррасӣ ва омӯзиши вижагиҳои инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион ва баррасии хусусиятҳои жанриву сохтории он ҳамчун кори амалӣ кӯмаки бевоситаи назариявию амалӣ расонда метавонад.

2. Дар таҳқиқи алоҳидаи кори диссертатсионӣ мавриди пажуҳиш қарор додани мавзуи инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии шабакаҳои телевизиони тоҷик, аз ҷумла, мавқеъ ва нақши барномаҳои соҳавии телевизионӣ дар фазои иттилоотии кишвар дар қиёс бо барномаҳои дигар арзишнок аст.

3. Зарурати таҳқиқ ва баррасии фаъолияти дигар воситаҳои электронии ахбори омма ва муқоисаи типологии онҳо дар инъикоси мавзуи тиббӣ ва бо ин ҷалб намудани диққати муҳаққиқони соҳа ба ин масъалаҳо бештар гардонида шаванд.

4. Таҷрибаи телевизионҳои «Тоҷикистон» ва «Душанбе» барои арзёбии паҳлуҳои гуногуни фаъолияти шабакаҳои телевизионии тоҷик дар инъикоси

мавзуъҳои тиббӣ пураҳаммият буда, барои дигар шабакаҳои телевизионӣ омӯзанда шуда метавонад

5. Зарурияти таҳқиқи диссертатсионӣ барои ба таври мушаххас муайян намудани вазъи ташаккулу таҳаввули телевизионҳои соҳавӣ дар миён мебошад.

6. Ба шакли алоҳида омӯзиши инъикоси мавзуъҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ дар барномаҳои соҳавии ҳар як шабакаи телевизионӣ бо мақсади муайян ва мушаххас кардани мавқеи инъикоскунандагии барномаҳои соҳавӣ дар телевизион саривақтиву муҳим ба ҳисоб меравад.

7. Маводди дар диссертатсия фароҳамовардашуда барои омӯзиш ва таълими рӯзноманигорони телевизион, назариву амалии он, нақди рӯзноманигорӣ, сабкии барномаҳои дар телевизион ба эфир пахшшуда, фаъолияти рӯзноманигорон, гурӯҳҳои жанрҳои журналистикаи телевизион ва ғайраҳо заминаи назариявӣ ва амалии мусоид фароҳам хоҳад овард.

8. Вақти он расидааст, ки имрӯз вобаста ба соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоии кишвар дар шуъбаву факултетҳои журналистикаи донишгоҳҳову донишкадаҳои ҷумҳурӣ журналистони соҳавӣ тарбия карда шаванд. Аз ҷумла дар соҳаи тиб тарбияи журналистони ин соҳа ба роҳ монда шавад, то ки онҳо дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ, дар суҳбат бо мутахассисони соҳаи тиб тайёр бошанд, ин соҳаро, терминалогия ва дигар хусусиятҳои хоси онро донанд ва дар инъикос ва суҳбатҳои ихтисосӣ бо мутахассисони соҳаи тиб баробар бошанд, то ки барномаашон ба бинандагон фаҳмо ва таъсиргузор гардад.

9. Талаби замони муосири ҷаҳонишавӣ аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори шабакаҳои телевизиони соҳавии ҷумҳурӣ Телевизиони соҳавии «Тандурустӣ» низ таъсис дода шавад. Зеро ҳифзу пешгирӣ, барқарорсозиву табобат ва далолати тарзи ҳаёти солими ҳар як сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кӯдаки навзод то калонсолон боигарии давлат, таҳкурсии боэтимоди ташаккулу пешрафти тамоми соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Телевизиони соҳавии «Тандурустӣ» шабонарӯзӣ барои сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи боэътимоди

маълумотдиҳӣ ва пешниҳоди роҳҳои пешгирӣ, табобат ва интихоби тарзи ҳаёти солим барои ҳар як сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад шуд.

Дар маҷмуъ, таҷрибаи шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Душанбе» дар инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳавии телевизион қобили тавақҷуҳ буда, ин кори диссертатсионӣ саршавии пажуҳиш дар ин мавзуъ ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи мазкурро мебояд мавриди омӯзиши муҳаққиқону унвонҷӯён ва алоқамандони ин соҳа қарор дод. Махсусан бобати истифодаи жанрҳои алоҳидаи иттилоотӣ, таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеӣ, ки дар инъикоси масъалаҳои соҳаи тиб ба мушоҳида нарасиданду истифодаи онҳо бобати рангорангу ҷолиб гардидани барномаҳои соҳавӣ хоҳанд шуд, ба ташаккули барномаҳои соҳавии тиббӣ дар шабакаҳои телевизионии Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳанд шуд. Аз натиҷаҳои ин диссертатсия дар кори амалии шабакаҳои телевизионии соҳавӣ низ метавон ба таври васеъ истифода бурд. Он натиҷаҳое, ки дар диссертатсия ба даст омадааст, аз ҷумлаи мушкилоту дастоварҳои инъикоси мавзуъҳои тиббӣ дар барномаҳои соҳаи телевизиони ватанӣ буда, дурнамои мавзуи таҳқиқии диссертатсияро нишон медиҳад.

РЎЙХАТИ АДАБИЁТ

А) РЎЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

I. Санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони тоҷикӣ ва русӣ). [Матн] – Душанбе, 2016. – 136 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма” [Матн] // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013 №3, мод. 201; с.2016, №5, мод.365; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017, №1407).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ” [Матн] //(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1996, №24, мод. 408; соли 1998., №10.мод 76; соли 1999, №6, мод. 166; соли 2000, №11, мод. 521; соли 2001, №7, мод. 481;соли 2004, №2, мод.39; соли 2006, №4,мод. 197, ҚҶТ аз 22.07.2013 с. №1014; аз 2.01.2019с., №1572).

II. Адабиёти илмӣ:

4. Абдусалом, Р. Телевизион ойинаи зиндагист [Матн] / Р. Абдусалом. – Душанбе, 2002. – 144 с.
5. Абрамейцева, В.В. Средства массовой информации в процессе формирования общественного мнения в современной России [Текст] / В. В. Абрамейцева. – Саратов, 2006. – 139 с.
6. Актуальные проблемы журналистики в условиях глобализации информационного пространства [Текст] / Челябинск, 2007. – 198 с.
7. Азимов, А. Воқеоти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик [Матн] / А. Азимов – Душанбе, 2000. – 186 с.
8. Азимов, А. Журналистикаи тоҷик дар давраи инқилоби маданӣ (солҳои 1919-1940) [Матн] / А. Азимов. – Душанбе, 2023. – 364 с.
9. Асрорӣ, В. Раҳнамо [Матн] / В. Асрорӣ. – Душанбе, 1997. – 98 с.

10. Багиров, Э. Телевидение – XX век [Текст] / Э. Багиров, И. Кацев. – М., 1968. – 120 с.
11. Багиров, Э. Г. Очерки теории телевидения [Текст] / Э. Г. Багиров. – М., 1978. – 152 с.
12. Барманкулов, М. Сравнительный анализ жанров [Текст] / М. Барманкулов. – Алма-Ата, 1975. – 115 с.
13. Богданов, Н. Г. Справочник журналиста [Текст] / Н. Г. Богданов., Б. А. Вяземский. – Лениздат, 1971. – 686 с.
14. Борецкий, Р. А. Основы телевизионной журналистики [Текст] / Р. А. Борецкий, А. Я. Юровский. – М., 1987. – 187 с.
15. Борецкий, Р. А. Осторожно, телевидение! [Текст]/ А. Р. Борецкий. – М., 2002. – 260 с.
16. Вартанов, А. С. Актуальные проблемы телевизионного творчества: На телевизионных подмостках: Учебное пособие [Текст] / А. С. Вартанов. – М., 2003. – 320 с.
17. Вартанов, А. С. Российское телевидение на рубеже веков: проблемы, программы, лица [Текст] / А. С. Вартанов. – М., 2009. – 480 с.
18. Вартанова, Е. Л. Теория СМИ. Актуальные вопросы [Текст]/ Е. Л. Вартанова. – М., 2009. – 487 с.
19. Вартанова, Е. Л. Здоровье как медиаценность: к вопросу о роли журналистики в сохранении общественного здоровья [Текст] / Е. Л. Вартанова // Журналистика для здоровья нации. Медиакоммуникации и человеческое развитие. – М., 2012. – С. 5-10.
20. Васильева, Л. К. Делаем новости [Текст] / Л. К. Васильева – М., 2003. – 190 с.
21. Ворошилов, В. В. Журналистика [Текст] / В. В. Ворошилов – М.: Санкт - Петербург, 2004. – 704 с.
22. Голядкин, Н. Краткий очерк становления и развития отечественного и зарубежного телевидения. Часть I. [Текст] / Н. Голядкин – М., 2001. – 64 с.

23. Голядкин, Н. Краткий очерк становления и развития отечественного и зарубежного телевидения. Часть II. [Текст] / Н. Голядкин – М., 2001. – 64 с.
24. Голядкин, Н. А. История отечественного и зарубежного телевидения: Учебное пособие для студентов вузов [Текст] / Н. А. Голядкин. – М., 2004. – 141 с.
25. Гулов, С. Амвоҷи сухан [Матн] / С. Гулов. – Душанбе, 2005. – 96 с.
26. Гуськов, С. С. Телевидение и спорт [Текст] / С. С. Гуськов, С. И. Гуськов. – М., 2000. – 336 с.
27. Давронов, Д. Ҷаҳони муосир: мавқеи симо ва садо [Матн] / Д. Давронов. – Душанбе, 2007. – 156 с.
28. Деннис, Э., Мэрилл Д. Беседа о масс – медиа [Текст] / Э. Деннис, Д. Мэрилл. – М., 1982. – 383 с.
29. Джураев, А. Телевидение [Текст] / А. Джураев. – Душанбе, 1979. – 88 с.
30. Душанбе // Энциклопедия [Матн]. – Душанбе, 2004. – 592 с.
31. Егоров, В. Терминологический словарь телевидения [Текст] / В. Егоров. – М., 1977. – 92 с.
32. Журналистика в Таджикистане. Профессиональний справочник для журналистов [Текст]. – Душанбе: Мир полиграфии, 2006. – 136 с.
33. Зверева, Н. В. Школа регионального тележурналиста [Текст] / Н. В. Зверева. – М., 2004. – 237 с.
34. Имомзода, М. С., Роҳнамои ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / М. С. Имомзода, Ҷ. М. Саъдуллоев. – Душанбе, 2021. – 80 с.
35. Кабельное телевидение (Сборник материалов) [Текст]. – СПб.: Изд-во факультета журналистики СПбГУ, 1998. – 27 с.
36. Князева, М. Л. Медиацина: российские СМИ о здоровье человека и общества [Текст] / М. Л. Князева // Журналистика для здоровья нации. Человеческий потенциал в российском медиадискурсе. – М.: Фак. журн. МГУ, 2018. – С. 32-44.
37. Коновалова, О. В. Основы журналистики [Текст] / О. В. Коновалова. – М., 2005. – 272 с.

38. Қуддус, Ҷ. Жанрҳои журналистикаи телевизион [Матн] / Ҷ. Қуддус – Душанбе, 2003. – 78 с.
39. Қуддус, Ҷ. Назарияи драма, намоишҳои сужанок ва сенарияи кино [Матн] / Ҷ. Қуддус. – Душанбе, 2013. – 82 с.
40. Кузнецов, Г. В. ТВ – журналист [Текст] / Г. В. Кузнецов – М., 1980. – 187 с.
41. Кузнецов, Г. В. Так работают журналисты ТВ [Текст] / Г. Г. Кузнецов. –М.: Изд-во Моск. университета, 2000. – 223 с.
42. Лазутина, Г. Основы творческой деятельности журналиста [Текст] / Г. Лазутина. – М.: Аспект Пресс, 2004. – 240 с.
43. Лазутина, Г. В. Профессиональная этика журналиста. Учеб. пособие для студентов вузов / Г. В. Лазутина. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Аспект Пресс, 2006. – 240 с.
44. Лазитуна, Г. В. Жанры журналистского творчества: Учеб. пособие для студентов вузов [Текст] / Г. В. Лазутина, С. С. Распопова. – М.: Аспект Пресс, 2011. – 320 с.
45. Лазутина, Г. В. Институт общественного здоровья как предметная область СМИ // Вопросы теории и практики журналистики [Текст] / Г. В. Лазутина, В. В. Кажберова. – М., 2018. – Т. 7. – № 4. – С. 629-645.
46. Лапина, И. Ю. Научно-популярное телевидение [Текст] / И. Ю. Лапина. – М., 2007. – 160 с.
47. Лукина, М. Современные журналистские технологии в работе с новостями [Текст] / М. Лукина. – М.: Пульс, 2001. – 40 с.
48. Лукина, М. Технология интервью [Текст] / М. Лукина – М.: Аспект Пресс, 2005. – 192 с.
49. Лукина, М. М. СМИ в пространстве Интернета: Учеб. Пособие [Текст] / М. М. Лукина, И. Д. Фомичева. – М.: Факультет журналистики МГУ им. М. В. Ломоносова, 2005. – 87 с.
50. Масъалаҳои рушди фарҳанги маънавӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2015. – 21 с.

51. Медведев, Н. И. Становление и развитие радио и телевидения в Таджикистане [Текст] / Н. И. Медведев. – Душанбе: Мир полиграфии, 2005. – 206 с.
52. Мирзоев, И. Рукни чорум [Матн] / И. Мирзоев. – Душанбе, 2006. – 228 с.
53. Мирзоев, И. Рукни чорум. Қисми 2 [Матн] / И. Мирзоев. – Душанбе, 2012. – 268 с.
54. Муқим, Ҷ. Мақоми жанрҳо дар радиои «Озодӣ» [Матн] / Ҷ. Муқим – Душанбе, 2000. – 55 с.
55. Муқим, Ҷ. Ҳақиқат ва дуруғ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе: Сино, 2000. – 47 с.
56. Муқим, Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ [Матн] / Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2002. – 71 с.
57. Муллоев, Ш. Б. Идейно-тематические особенности таджикской публицистики времен ВОВ (1941-1945гг.) [Текст] / Муллоев Ш. Б. – Душанбе, 2013. – 150 с.
58. Муминджонов, З. Жанровые особенности и структура программ Общественной телекомпании «Пойтахт» (1996-2006 гг.) [Текст] / З. Муминджонов. – Душанбе, 2010. – 187 с.
59. Муминджонов, З. Эволюция Таджикского телевидения в годы независимости [Текст] / З. Муминджонов. – Душанбе, 2021. – 336 с.
60. Муратов, С. А. Диалог [Текст] / С. А. Муратов – М., 1983. – 120 с.
61. Муратов, С. А. Диалог: Телевизионное общение в кадре и за кадром. (Уч. пособие) [Текст] / С. А. Муратов. – М.: Аспект-пресс, 2003. – 201 с.
62. Муратов, С. А. Телевидение в поисках телевидения. Хроника авторских наблюдений [Текст]/ С. А. Муратов. – М., 2001. – 176 с.
63. Муратов, С. А. ТВ эволюция нетерпимости (история и конфликты этических представлений) [Текст] / С. А. Муратов. – М.: Логос, 2000. – 240 с.
64. Муродӣ, М. Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ [Матн] / М. Муродӣ, О. Салимзода. – Душанбе, 2022. – 360 с.

65. Муродов, М. Баъзе масъалаҳои журналистика ва ҳаҷви публисистӣ [Матн]/ М. Муродов. – Душанбе, 2005. – 112 с.
66. Муродов, М. Луғати мухтасари ислоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ. [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2011. – 146 с.
67. Муродов, М. Сотсиологияи журналистика [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2012. – 192 с.
68. Муъминҷонов, З. Жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион [Матн] / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2011. – 66 с.
69. Муъминҷонов, З. Жанрҳои таҳлилии телевизион [Матн] / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2012. – 66 с.
70. Муъминҷонов, З. Жанрҳои публитсистикаи бадеии телевизион [Матн] / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2013. – 66 с.
71. Муъминҷонов, З. Махсусияти жанрҳои иттилоотию таҳлилии телевизион [Матн] / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2015. – 120 с.
72. Муъминҷонов, З. Телевизиони «Пойтахт» меваи Истиқлол [Матн] / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2016. – 135 с.
73. Муъминҷонов, З. Жанрҳои журналистикаи телевизион [Матн] / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2017. – 144 с.
74. Муъминҷонов, З. Телевизион муъҷизаи аср [Матн] / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2023. – 223 с.
75. Муъминҷонов, З. Жанрҳои телевизион [Матн] / З. Муъминҷонов – Душанбе, 2024. – 265 с.
76. Назарова, Я. В. Информационные телевидение государственных и частных телеканалов: эволюция, сравнительный анализ, 90 – е годы [Текст] / Я. В. Назарова. – М., 2001. – 123 с.
77. Назриев, Д. Республика Таджикистан: история независимости. Год 1992-й (хроника событий). Том II [Текст] / Д. Назриев, И. Сатторов. – Душанбе, 2005. – 732 с.
78. Николаева, О. Эпидемия XXI века: телевидение, Интернет и компьютерные игры / О. Николаева. – Ростов н/Д: Феникс, 2008. – 253 с.

79. Нуралиев, А. Журналистикаи советии тоҷик [Матн] / А. Нуралиев. А. Саъдуллоев., И. Усмонов., У. Гулмуродов. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 147 с.
80. Нуралиев, А. История журналистики зарубежных стран. Ч.1. [Текст] / А. Нуралиев. – Душанбе, 2001. – 321с.
81. Нуралиев, А. Жанрҳои ахбории матбуот [Матн] / А.Нуралиев. – Душанбе, 2004. – 146 с.
82. Нуралиев, А. Асосҳои ҳуқуқии журналистика [Матн] / А. Нуралиев. – Душанбе, 2005. – 203 с.
83. Нуралиев, А. Информационные жанры печати [Текст] / А. Нуралиев, Н. Брукер, А. Афсахзод. – Душанбе, 2005. – 213 с.
84. Общественное телерадиовещание: Документы, комментарии, рекомендации [Текст]. – М., 2000. –198 с.
85. Панфилов, О. Таджикистан: журналисты на гражданской войне (1992-1997) [Текст] / О. Панфилов. – М.: Права человека, 2003. – 554 с.
86. Парсаданова, Т. Н. Российское телевидение. История и современность. –М.: ВГИК, 2002. – 34 с.
87. Правовая основа журналистики [Текст]. – Душанбе, 2006. – 212 с.
88. Правовое регулирование концентрации и прозрачности СМИ [Текст]. – М., 2000. – 414 с.
89. Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн] / Э. Раҳмонов – Душанбе,1999. – 132 с.
90. Раҳмонов, Э. Ш. Ваҳдат, сулҳ ва бунёдкори мароми мост [Матн] / Э. Ш. Раҳмонов. – Душанбе, 2000. – 220 с.
91. Раҳмонов, Э. Истиқлол неъмати бебаҳост [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 2001. – 210 с.
92. Раҳмон, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. иб. аз 4 китоб, к.1 [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 704 с.
93. Роҳҳои тарбияи кадрҳои баландихтиссоси соҳавии журналистикаи телевизион [Матн]. – Душанбе, 2023. – 239 с.

94. Рустамзода, М. Нахустматбутои соҳаи маориф [Матн] / М. Рустамзода. – Душанбе, 2016. – 174 с.
95. Саппак, В. Телевидение и мы [Текст] / В. Саппак. – М., 1988. – 194 с.
96. Саруханов, В. А. Азбука телевидения, или и это все о нем? [Текст] / В. А. Саруханов. – СПб., 2005. – 480 с.
97. Саъдуллоев, А. Жанрҳои таҳлилии матбуот [Матн] / А. Саъдуллоев., П. Гулмурод. – Душанбе: ДДТ, 1994. – 60 с.
98. Саъдуллоев, А. Жанрҳои журналистикаи радио [Матн] / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе, 1997. – 48 с.
99. Саъдуллоев, А. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист [Матн] / А. Саъдуллоев, Д. Давронов, М. Муродов. – Душанбе, 2004. – 128 с.
100. Саъдуллоев, А. Жанрҳои журналистикаи радио [Матн] / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе, 2005. – 72 с.
101. Саъдуллоев, А. Асосҳои журналистикаи телевизион [Матн] / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2007. – 128 с.
102. Саъдуллоев, А. Жанри маърифатомуз [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2008, – 230 с.
103. Современное телевидение [Текст]. – М.: Изд-во Академия, 2007. – 182 с.
104. Солганик, Г. Я. Толковый словарь. Язык газеты, радио, телевидения. – Москва, 2002. – 651 с.
105. Тайёр намудани мутахассисони воситаҳои электронии ахбори омма дар шароити гузариш ба низоми таҳсилоти кредитӣ [Матн]. – Душанбе, 2021. – 296 с.
106. Тарбияи ҳуқуқии журналистони соҳавии телевизион [Матн]. – Душанбе, 2024. – 238 с.
107. Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад [Матн]. – Душанбе, 2022. – 293 с.
108. Телевизионная журналистика [Текст]. – М.: Высшая школа,2002. – 304 с.
109. Уллмен, Ч. Таҳқиқоти журналистӣ: усулҳои муосир ва техника [Матн] / Ч. Уллмен. – Душанбе, 2004. – 274 с.

110. Усмонов, И. К. Печать и международная пропаганда [Текст] / И. К. Усмонов. – Душанбе, 1990. – 120 с.
111. Усмонов, И. К. Соли Набиев [Матн] / И. К. Усмонов. – Душанбе, 1995. – 114 с.
112. Усмонов, И. Таърихи матбуоти точик [Матн] / И. Усмонов., Д. Давронов. – Душанбе, 1997. – 156 с.
113. Усмонов, И. К. Назарияи публицистика [Матн] / И. К. Усмонов. – Душанбе, 1999. – 100 с.
114. Усмонов, И. К. Журналистика. Қ. 1. [Матн] / И. К. Усмонов. – Душанбе: Империал Групп, 2005. – 480 с.
115. Усмонов, И. Таърихи журналистикаи тоҷик [Матн] / И. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе, 2008. – 280 с.
116. Усмонов, И. К. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И. К. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 188 с.
117. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Қ. II. [Матн]. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 341с.
118. Фере, Г. Товарищ ТВ [Текст] / Г. Фере. – М., 1974. – 211с.
119. Хамидиён, И. И. Теоретическое осмысление и реализация маркетинговых целей корпоративных СМИ Таджикистана [Текст] / И. И. Хамидиён. – Душанбе, 2022. – 208 с.
120. Хлызова, А. А. Интерактивность как новое свойство современного телевидения [Текст] / А. А. Хлызова. – М., 2015. – 301 с.
121. Хоҷазод, С. Таърихи телевизиони Тоҷикистон [Матн] / С. Хоҷазод – Душанбе, 2007. – 240 с.
122. Хоҷазод, С. Донишномаи радио ва телевизиони Тоҷикистон [Матн] / Хоҷазод С. – Душанбе: Деваштич, 2009. – 900 с.
123. Хоҷазод, С. Махсусияти жанрҳои радиои Тоҷикистон [Матн] / С. Хоҷазод. – Душанбе, 2010. – 152 с.
124. Ҷӯраева, М. Ҷилои ситораҳои телевизион [Матн] / М. Ҷӯраева. – Душанбе, 2003. – 128 с.

125. Шакурӣ, М. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе, 1999. – 160 с.
126. Шарифов, В. Парвози сухан [Матн] / В. Шарифов, В. Волков. – Душанбе, 1967. – 193 с.

III. Диссертатсияҳо ва авторефератҳо:

127. Абдуллаев, М. А. Проблемы эволюции национальной идентичности в таджикской публицистике (конец Х1Х – первая половина ХХ веков): дис... док. фил. наук: 10.01.10 [Текст] / А. М. Абдуллоев. – Душанбе, 2011. – 343 с.
128. Абдурахимов, Б. А. Содержательная и жанровая палитра телевизионных передач (на примере таджикских государственных телевизионных каналов): автореф. дис... канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / А. Б. Абдурахимов. – Душанбе: ТНУ, 2017. – 23 с.
129. Азимов, А. А. Таджикская журналистика в период культурной революции (1929-1940 гг.): автореф. дис... док. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / А. Х. Азимов. – Душанбе, 2009. – 45 с.
130. Алькова, И. И. Внутритекстовый монтаж как инструмент создания имиджа субъекта и объекта журналистики: дис… канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / И. И. Алькова. – Душанбе, 2013. – 161 с.
131. Герасимова, С. А. Телевидение как средство формирования культурных ценностей личности: автореф. дис. … канд. культуролог. наук: 24.00.01 [Текст] / С. А. Герасимова. - СПбГУ. – СПб., 2000. – 27 с.
132. Гоибназарова, Т. С. Масс-медиа и искусство Таджикистана в контексте глобализации (на примере печатных СМИ): автореф. дис… канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Т. С. Гоибназарова. – Душанбе, 2014. – 25 с.
133. Зардова, О. Н. Русскоязычные СМИ Республики Таджикистан в контексте связей с общественностью в условиях государственной независимости : дис… канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / О. Н. Зардова. – Душанбе, 2014. – 129 с.

134. Зверева, Н. В. Специфика деятельности регионального тележурналиста: дис… канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Н. В. Зверева. Моск. ун-т. – М., 2002. – 173 с.

135. Кажберова, В. В. Общественное здоровье в отображении СМИ: реальность, возможности, задачи: автореф. дис... канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / В. В. Кажберова. – Москва, 2020. – 27 с.

136. Каримзода, Х. Особенности освещения социально-политических проблем на телеканалах Таджикистана (на примере программ «Первого канала телевидения Таджикистана» и информационного канала «Джахоннамо»): дис.… канд. филол. наук: [Текст] / Х. Каримзода: ТНУ. – 2017. – 183 с.

137. Маннонова, М. Махсусияти таҳияи барномаҳои хабарии телевизион дар шароити муосир (дар мисоли барномаҳои иттилоотии «Ахбор»-и телевизиони «Тоҷикистон» ва «Навид»-и Муассисаи давлатии телевизиони «Сафина»): дис… ном. илм. филол: 10.01.10 [Матн] / М. Манонова. – Душанбе, 2019. – 166 с.

138. Мирзоева, Ф. Особенности функционирования и трансформация программ телеканала «Шабакаи якум» в годы независимости Республики Таджикистан: дис… канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Ф. Мирзоева: РТСУ. – Душанбе, 2017. – 183 с.

139. Муллоев, Ш. Б. Проблемы жанрово-тематических особенностей таджикской публицистики времен Великой Отечественной войны: 1941-1945: дис… док. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Ш. Б. Муллоев. – Душанбе, 2013. – 313 с.

140. Муқимов, М. Воқеияти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва проблемаҳои инъикоси он дар воситаҳои электронии ахбори хориҷӣ: дис… док. илмҳои филол: 10.01.10 [Матн] / М. Муқимов. – Душанбе, 2006. – 340 с.

141. Муминджонов, З. Жанровые особенности и структура программ Общественной телекомпании «Пойтахт» (1996-2006гг.): дис… канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / З. Муминджонов. – Душанбе, 2009. – 181 с.

142. Муминджонов, З. Эволюция и развитие телевидения Республики Таджикистан за годы независимости (на примере телевизионных каналов «Таджикистан» и «Пойтахт» (1991 – 2016 гг.)): дис... док. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / З. Муминджонов. – Душанбе, 2019. – 303 с.
143. Попова, С. Н. Региональное деловое телевидение: субъектно-деятельностный подход (на материале телевидения городов - миллионников УРФО): автореф. дис… канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / С. Н. Попова. – Челябинск, 2014. – 23 с.
144. Садулаев, Дж. Предпоссылка создания МТРК «Мир» в контексте интеграционных процессов Содружества несависимых государств: дис… док. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Дж. Садулаев. – Душанбе, 2013. – 315 с.
145. Садулаев, С. Деятельность телевизионных корреспондентских бюро Российской Федерации в информационном пространстве стран Центральной Азии: дис… канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / С. Садулаев. – Душанбе, 2017. – 186 с.
146. Саибназарова, Ш. Роль и место межгосударственной телерадиокомпании «Мир» в информационном пространстве Республики Таджикистан: дис… канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Ш. Саибназарова. – Душанбе, 2016. – 187 с.
147. Салихов, Н. Н. Проблемы формирования общественного сознания в таджикской публицистике периода государственного суверенитета: автореф. дис… док. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Н. Н. Салихов. – Душанбе, 2010. – 47 с.
148. Сафарова, М. А. Телевидение и его психологическое влияние на общественное мнение (на примере государственных телевизионных каналов Таджикистана): дис… канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / М. А. Сафарова. – Душанбе, 2016. – 186 с.
149. Сохибова, Б. Информация и ее интерпретация как фактор развития современного таджикского телевидения (на примере Первого канала телевидения Таджикистана и информационного канала «Джахоннамо»):

дис… канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Б. Сохибова. – Душанбе, 2016. – 173 с.

150. Умарова, Г. Освещение гендерных проблем в программе «Оила» телевидения Таджикистана: дис… канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Г. Умарова. – Душанбе, 2012. – 167 с.
151. Хоҷазод, С. Роль радио «Таджикистан» в формировании общественного мнения в период независимости: дис… док. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / С. Хоҷазод. – Душанбе, 2016. – 311 с.
152. Ҳакимзода, Р. К. Таҳаввули жанри репортаж дар телевизион (дар мисоли ТВ «Ҷаҳоннамо» ва ТВ «Душанбе»): автореф. дис… канд. филол. наук: 10.01.10 [Матн] / Р. К. Ҳакимзода. – Душанбе, 2023. – 29 с.
153. Шилова, В. А. Телевидение в системе социального управления: дис… канд. социолог. наук: 22.00.08 [Текст] / В. А. Шилова. – М., 2000. – 186 с.;
154. Ширяева, Т. А. Структурно-содержательная и функциональная парадигма современного делового дискурса: дис… канд. филол. наук: 10.02.19 [Текст] / Т. А. Ширяева. – Нальчик, 2014. – 420 с.
155. Эшматова, З. Становление и развитие Таджикского телевидения (на примере Первого канала Таджикского телевидения): дис… канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / З. Эшматов. – Душанбе, 2016. – 181 с.

IV. Сарчашма

а) барномаҳои телевизионӣ ва мақолаҳои оммавӣ:

156. Ахбор / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 2024. – 11июл.
157. Вақт / ТВ «Душанбе» [Навор]. – 2024. – 11 июл.
158. Ворисони Сино / ТВ «Душанбе» [Навор]. – 2023. – 11 декабр.
159. Гипноз ва тиб / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 2023. – 11 декабр.
160. Дармон / ТВ «Душанбе» [Навор]. – 2006. – 21 апрел.
161. Ин ҷо Душанбе [Матн] // Инсон ва қонун. – 1989. – № 20 (1351). – 13 май.
162. Мадади Сино / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 2025. – 21 январ.
163. Маънии зиндагӣ / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 2023. – 11 декабр.
164. Пизишки ман / ТВ «Душанбе» [Навор]. – 2023. – 11 декабр.

165. Равондармонӣ / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 2024. – 28 апрел.
166. Тандурустӣ / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 1999. – 05 январ.
167. Тарзи ҳаёти солим / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 2024. – 29 декабр.
168. Тибби тоҷик / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 2024. – 13 апрел.
169. Тиб, табобат, Тоҳирӣ / ТВ «Душанбе» [Навор]. – 2006. – 10 июл.
170. Ҷомеа ва ҳаёти солим / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 2024. – 29 декабр.
171. Шифокор / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 2022. – 21 август.
172. Шифокорони пойтахт / ТВ «Душанбе» [Навор]. – 2023. – 12 феврал.
171. Як рӯзи табиб / ТВ «Тоҷикистон» [Навор]. – 2025. – 11 май.

б) сарчашмаҳои интернетӣ:

172. Прощание со старым телевидением, «Дижитал» стучит в дверь [Электроный рессурс] // Режим доступа: URL: https://www.asiaplustj. info/ru/ news/tajikistan/20240322 (Дата обращение: 28.09.2024).
173. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи муассисаҳои давлатии телевизионҳои «Варзиш», «Синамо» ва Академияи воситаҳои ахбори омма 01.03.2016 [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: URL: https://www.president.tj/event/missives/17365 (Санаи мурочиат: 17.10.2024).
174. Объем российского рынка платного телевидения [Электроный рессурс] // Режим доступа: URL: https://tass.ru/obschestvo/21327629 (Дата обращение: 05.12.2024).
175. База данных Фонда «Общественное Мнение» [Электроный рессурс] // Режим доступа: URL: https://tass.ru/obschestvo/21327649 (Дата обращение: 11.02.2025).
176. Сайт канала «Спорт» [Электроный рессурс] // Режим доступа: URL: https://tass.ru/obschestvo/21327679 (Дата обращение: 30.03.2025).
177. Сайт ОАО «Система Масс Медиа» [Электроный рессурс] // Режим доступа: URL: https://tass.ru/obschestvo/21327699 (Дата обращение: 15.05.2025).

Б) РЎЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Раҷаб, Н. Х. Маҷаллаи «Тандурустӣ» нахустбарномаи Телевизиони тоҷик дар соҳаи тиб [Матн] / Н. Х. Раҷаб // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2024. – № 4-1(37). – С. 252-258.

[2-М]. Раҷаб, Н. Х. Бунёд ва ташаккули телевизионҳои соҳавӣ дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н. Х. Раҷаб // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – №1 (144). – С.180-185.

[3-М]. Муъминҷонов, З., Раҷаб, Н. Х. Таъсиси телевизион дар Тоҷикистон ва пайдоиши барномаҳои соҳавӣ то соҳибистиқлолӣ [Матн] / З. Муъминҷонов, Н. Х. Раҷаб // Паёми Китобхонаи миллӣ. – Душанбе, 2025. – №2 (10). – С. 63-72.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[4-М]. Раҷаб, Н. Х. Махсусиятҳои барномаҳои соҳавии тандурустӣ дар телевизион [Матн] / Н. Х. Раҷаб // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Тарбияи ҳуқуқии журналистони соҳавии телевизион» (ш. Душанбе, 18 октябри соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 133-138.

[5-М]. Раҷаб, Н. Х. Таҳия ва таҳаввули барномаҳои соҳавии тандурустӣ дар телевизион [Матн] / Н. Х. Раҷаб // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархурди фарҳангу тамаддунҳо» (ш. Бохтар, 11-12 апрели соли 2025). – Бохтар, 2025. – С. 536-540.

[6-М]. Рачаб, Н. Х. Жанрҳои таҳлилӣ таҳлилгари мавзуъҳои тиббӣ [Матн] / Н. Х. Рачаб // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Зеҳни сунъӣ дар телевизиони соҳавӣ» (ш. Душанбе, 2 октябри соли 2025). – Душанбе, 2025. – С. 219-224.